ББК 74.266.4
УДК 371.671
М65

Ба ҳукми дастнавис

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”

МИРЗАБОЕВ ЗИКРИЛЛО ЗИЁДУЛЛОЕВИЧ

# НАҚШИ ТАЪЛИМИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ АХЛОҚИЮ МАЪНАВӢ ВА ЗЕБОИПАРАСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-7

**(дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд)**

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси
13.00.02 Назария ва методикаи омӯзишу парвариш
(санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ)

роҳбари илмӣ: д.и.п.,
профессор ИСЛОМОВ О.А.

Хуҷанд – 2019

МУНДАРИҶА:

Муқаддима........................................................................ 3

**БОБИ I. ОМӮЗИШИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР ШАКЛГИРИИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИВУ МАЪНАВӢ ВА ЗЕБОИПАРАСТИИ ХОНАНДАГОН**

§1.1. Тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастӣ аз нигоҳи мутафаккирони форсу тоҷик (то инқилоби Октябр)........................................................................ 14

§1.2. Нақши асарҳои рассомони халқи тоҷик дар ташаккул додани сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон.......... 40

§1.3. Аҳамияти намудҳои санъати тасвирӣ дар ташаккули тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон........................................................................ 68

Хулосаи боби I........................................................................ 95

**БОБИ II. САМАРАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ ВА ТАВСИЯҲО ОИД БА ТАРБИЯИ АХЛОҚИВУ МАЪНАВӢ ВА ЗЕБОИПАРАСТИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ.**

§2.1. Усули таҷрибавии тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва таълими воситаҳои санъати тасвирӣ........................................................ 98

§2.2. Тарбияи ахлоқию зебоипарастии хонандагон дар корҳои берунаӟсинфӣ ва берунаӟмактабӣ........................................................ 113

§2.3. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз рафти корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ........................................................................ 136

Хулосаи боби II........................................................................ 180

Хотима........................................................................ 182

Феҳрасти адабиёт........................................................................ 186

Замима........................................................................ 205

# МУҚАДДИМА

**Зарурати омӯзиши мавзӯъ.** Таълиму тарбияи насли наврас яке аз мақсадҳои асосии сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат буда, тараққиёти ояндаи ҷомеаро бидуни ҳалли дурусти он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Барои амалишавии ин мақсади наҷиб дар назди ҷомеа ва давлат як қатор ӯҳдадориҳо гузошта шудааст, ки иҷрокунандаи асосии ин раванд омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷомеа мебошанд. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ дигаргуниҳо ва ислоҳоти куллӣ дар ҳама соҳаҳо ба назар мерасанд. Соҳаи таълиму тарбия масъалаи пешбурди салоҳияти илмиву эҷодии мутахассиси оянда, ки бояд ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ ва таҷрибаи ҷаҳони пешрафта рақобатпазир бошад, ба зиммаи кормандони соҳаи маориф масъулияти бузургро гузошта истодааст. Бисту ҳафт сол аст, ки бо сарвариву кӯшишҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон некӯаҳволии мардуми тоҷик беҳтар гардида, мардуми тоҷик бо корҳои созандагиву ободкорӣ машғул мебошанд. Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи минбаъдаи шаклҳои миллии таълиму тарбия имконияти васеъ фароҳам овард.

Соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова бар ин, бунёди муассисаҳои таълимии нав ва таҷдиди инфрасохтор сурат гирифта, инчунин ба сифат, мазмуну мундариҷа ва самарабахшии ҷараёни таълим таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир мегардад. Дар “Консепсияи миллии тарбия” таъкид гаштааст, ки вазифаи асосии мактаб дар марҳалаи ҳозира ташаккул додани худшиносии миллии насли наврас буда, онҳоро дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ, ахлоқи ҳамида, зебоипарастӣ ва арзишҳои умумибашарӣ тарбия намудан аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дувумин қонунест, ки

хусусияти миллӣ дошта, ба имрӯзу ояндаи неки давлату миллати тоҷик нигаронида шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон  дар суханронии худ оид ба зарурати қабули қонуни мазкур қайд кардаанд: Қонун “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ба наслҳои имрӯзу ояндаи кишвар нигаронида шудааст. Зеро масъулият барои сарнавишти Ватан ва ояндаи миллат дар навбати аввал маҳз  ба ӯҳдаи насли ҷавон гузошта хоҳад шуд.  Биноан, вазифаи муқаддаси мо ба камол расонидани насли ҳаматарафа солим, соҳибмаълумот, бунёдкор, нерӯманд ва миллатдӯсту меҳнатпараст мебошад. Дар марҳалаи муосири инкишофи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон  дар шароити ташаккули давлатдорӣ эҳёи худогоҳии  миллӣ дар қатори идеалҳо ва сифатҳои аслии ахлоқии хоси мардуми тоҷик масъалаи тарбияи ҳисси эҳтиром ба анъанаҳои миллии  Тоҷикистон ва кишварҳои муштаракулманофеъ аҳамият пайдо мекунад”.

Дар татбиқи зарурати таърихии таъсироти мутақобилаи фарҳангҳои миллӣ ва дар ин замина ташаккул додани сифатҳои шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ  нақши фанни санъати тасвирӣ чун  нерӯи бузурги зебоипарастию ахлоқӣ  хеле муассир аст

Халқи тоҷик дар бобати тарбияи ахлоқӣ анъанаҳои қадимӣ дорад. Китоби “Авесто”, ки 2700 сол муқаддам навишта шуда, пур аз панду ҳикматҳои ахлоқи мебошад. Аз замонҳои қадим ахлоқи нек дар симои Аҳурамаздо таҷаллӣ намуда, ҳамеша бо ахлоқи бад, ки сарвари он Аҳриман буд, мубориза мебурд.

Таҷрибаи назарраси аҷдодон доир ба тарбияи зебоипарастӣ ва ахлоқии категорияҳои гуногуни синнусолӣ, ки даҳсолаҳои охир дар илми педагогӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, имкон медиҳад, то хулоса бароварда шавад, ки ҷанбаҳои эҳсосӣ, маънавӣ ва ахлоқии тарбияи насли наврас муттасил афзудан зарур аст ва дар ин замина воситаҳои гуногуни

муассири равонӣ ва таъсиротӣ бо усулҳои санъати тасвириро истифода бояд кард.

Вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар марҳалаи имрӯза ташаккул додани робитаи мутақобили таълими бадеӣ бо тарбияи ахлоқӣ мебошад. Санъати тасвирӣ ба ҳисси (эмотсионалӣ) шуури инсон таъсир расонида, ба тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, иҷтимоию психологӣ, ҷаҳоншиносӣ ва ҳам накӯкорӣ, ҳисси вазифашиносӣ, адолатпарварӣ, ифтихори миллӣ мусоидат менамояд.

Шиносоӣ бо асарҳои санъати тасвирӣ дар бачагон ҳиссиёти зебоипарастӣ ва ахлоқиро бедор намуда, имкон медиҳад, ки онҳо муносибати худро ба олами атроф дуруст дарк кунанд, вазифа ва ӯҳдадориҳои хешро дар назди ҷомеа бишиносанд. Санъати тасвирӣ ёрӣ медиҳад, ки бачагон хайрхоҳу зиндадил ба воя расанд, нерӯи бузурги дӯстии халқҳоро дарк намоянд.

Таълими фанни санъати тасвирӣ барои ташаккули ахлоқ ва маданияти бадеии хонандагон хизмат мекунад. Мувофиқи ин яке аз вазифаҳои асосии санъати тасвирӣ, пеш аз ҳама, рушди завқи зебоипарастӣ, меҳнатдӯстӣ, равнақи эҷодӣ, тарбия намудан дар руҳияи эътиқод ба Ватан ва хоҳишҳои неки инсониро ба амал татбиқ намудан мебошад. Аз ҳамин боис, санъати тасвирӣ нахуст бояд ҷанбаи тарбиявӣ дошта бошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ.** Дар асоснок ва муқаррар кардани асосҳои методологии тарбияи ахлоқиву зебоипарастӣ олимон-педагогҳои рус Ю.Бабанский, В.Сухомлинский, И.Ростовсев, В.С.Кузин, Т.Комарова, Ю.Юсов, А. Хворостов, Т.Шпикалова, Е.Шорохов, Ю.К.Бабанов, Н.К. Крупская, С. Аннамуратова, Э.И.Моносзон, А.С.Макаренко, К.Д.Ушинский, Б.М.Теплов, Н.Н.Волков, Б.Ф.Ломов, М.Н. Скаткин, В.В.Вейарн, С.И. Тюляев, Г.И. Костигов, А.А.Иванов ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд.

Истифодаи амалии мероси ахлоқии мутафаккирони бузурги форсу тоҷик аз "Авесто" сар карда, то Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлавию Хайём, Носири Хусрав, Саъдӣ, Хоҷа Камол, Ҳофиз, Ҷомию Соиб, Аҳмади Дониш ва дигарон, инчунин дар коркарди минбаъдаи масоили тарбияи ахлоқию зебоипарастии насли наврас хидмати педагогҳои намоёни ҷумҳурии мо С.Сулаймонӣ, Ф.Шарифзода, Х.Афзалов, Х.Каримова, Х.Бойдоқов, Б.Қодиров, Д.Латипов, М. Орифӣ, И. Обидов, М. Лутфуллоев, А. Паҳлавонов, К. Қодиров, Қ. Абдураҳимов, А.Нуров ва дигарон чашмрас аст.

Дар диссертатсияҳои олимони тоҷик М. Ашӯров, М.И. Ашӯралиев, Б.Бойназаров, Умар Абдусамад, Ҳ.Ҷалилова, Н.С. Раҳмонова, М. Қодирова, А.К.Гулов, М. Ҷӯраев, О.Шарипов, М.Холматов, Р.Абдуллоева, М.Н. Дадобоева, М. Собиров, А.Нуров, П. Неъматов, Б.Олимов ҷанбаҳои гуногуни назариявию методии истифодаи тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ дар омодагии касбии омӯзгорон ва хонандагон баррасӣ гардидаанд.

Таҳлил ва ҷамъбасти таҳқиқоти илмӣ, адабиёти махсус, барномаҳои таълим ва амалияи омӯзиши санъати тасвирӣ нишон медиҳанд, ки масъалаҳои назария ва методикаи тарбияи ахлоқию зебоипарастии хонандагон тавассути вижагиҳои миллии санъати тасвирӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии тоҷик нокифоя коркард шудаанд. Аз ҷумла, масоили назариявӣ ва методии истифодаи санъати тасвирӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои 5-7 то ҳанӯз мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Ҳамчунин тавсияҳои методии аз ҷиҳати илмӣ асоснок дар барномаҳои таълим оид ба истифодаи вижагии миллии санъати тасвирии Тоҷикистон дар тарбияи ахлоқии хонандагон вуҷуд надоранд. Ин нуктаҳо интихоби мавзӯи таҳқиқоти мазкурро асоснок менамоянд.

**Муаммои таҳқиқот.** Ошкор намудан ва коркарди илмии асосҳои назариявии методикаи таълими санъати тасвирӣ бо мақсади тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои 5-7 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии

вилояти Суғд, ҳамбастагии мутаносиби мероси гуногунмиллати бадеӣ ва вазифаҳои умумии таълими ин фан дар муассисаи таҳсилоти умумӣ.

**Объекти таҳқиқот**. Ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 бо воситаҳои санъати тасвирии миллӣ.

**Предмети таҳқиқот**. Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 дар таълими санъати тасвирӣ.

**Ҳадафи таҳқиқот**. Коркарди асосҳои назариявӣ ва технологияи ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд дар ҷараёни таълими санъати тасвирӣ

Ба сифати **фарзияи кории** таҳқиқот матлабе пешниҳод мегардад, ки агар: асарҳои санъати тасвирӣ барои суҳбат бо хонандагон дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии санъати тасвирӣ, супоришҳои амалӣ оид ба расмкашӣ аз рӯйи асл, расмкашии мавзӯӣ, ороишӣ, асосҳои санъатшиносӣ, гилкорӣ ва дизайн, ки дорои ғояҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ мебошанд, муназзам ва аз рӯйи нақша истифода шаванд, чунин машғулиятҳо барои баланд шудани сатҳи тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии шахсияти хонандагон мусоидат хоҳанд кард.

Муаммо, объект ва фарзияи таҳқиқот **вазифаҳои** зеринро таъйин намуданд:

1) Асоснок намудани аҳамияти санъати тасвирӣ дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон.

2) Муайян ва асоснок кардани заминаҳои психологию педагогии ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 дар дарсҳои санъати тасвирӣ ва корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ.

3) Коркард ва санҷиши озмоишии роҳҳои баланд бардоштани самаранокии ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ тавассути асарҳои санъати тасвирӣ дар низоми таҳсилоти салоҳиятнокӣ дар Тоҷикистон.

4) Коркард ва санҷиши барномаи озмоишии тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ бо назардошти махсусияти миллии санъати тасвирӣ.

5) Бунёди методикаи самараноки тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 дар дарсҳои санъати тасвирӣ.

**Ғояи пешбари таҳқиқот** чунин аст, ки ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 дар дарсҳои санъати тасвирӣ, инчунин дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, дар озмунҳо оид ба ҷашнҳои миллӣ, чорабиниҳои тарбиявӣ, вохӯриҳо бо рассомон, ҳангоми истифодаи усулҳои интерактивӣ, экскурсия ба осорхонаҳои вилоятӣ ба амал меояд.

**Асоси методологии таҳқиқот:** таълифоти классикии олимон, мутафаккирони форсу тоҷик ва корҳои илмии муосири педагогҳо, психологҳо ва равишшиносон оид ба масъалаҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ ва зебоипарастии насли наврас, таҳқиқоти санъатшиносони маъруф, ақидаҳо ва андешаҳои рассомон, устодони машҳури санъати амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нақш ва аҳамияти санъати тасвирӣ.

Дар таҳқиқоти худ мо, пеш аз ҳама, ба таълифоти олимони барҷаста дар соҳаи таълими санъати тасвирӣ ва ороишӣ-амалӣ А.Д. Алехин, Н.Н. Анисимов, Н.С. Боголюбов, С.С. Булатов, В.С. Кузин, Т.С. Комарова, В.В. Корешков, Э.И. Кубишкина, Н.Н. Ростовсев, Е.В. Шорохов, Т.Я. Шпикалова, М.К.Қодирова, М.Ҷалилова, М. Ашӯров, М. Ашӯралиев, А. Маҳмудов, Б.Бойназаров, У. Умаров, Ҷ.Холматов, М.Ҷӯраев, Р.Абдуллоева, М.Собирова, О.Шарипов ва дигарон такя намудем.

**Сарчашмаи таҳқиқот:** адабиёти илмӣ, таърихӣ ва психологию педагогӣ оид ба масъалаи сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии

хонандагон; коркардҳои методӣ барои ташаккул додани сифатҳои ахлоқию зебоипарастии хонандагон, маводи таҳқиқотии диссертатсионии олимони риштаи педагогикаи халқӣ; ҳуҷҷатҳои қонунгузори соҳаи маориф; ҳуҷҷатҳои ҳукуматӣ ва Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар самти маориф; таҷрибаҳои педагогии муаллиф.

Барои иҷрои вазифаҳои гузошта **методҳои зерини таҳқиқот** истифода шуданд: методи таҳлили назариявӣ; омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмию назариявӣ; таҳлили асарҳои рассомон; таҳлили барномаҳои таълимӣ; таҳлили вазъи тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ; суҳбатҳо; ташкили анкета; мусоҳиба бо хонандагони синфҳои 5-7 ва омӯзгорони мактабҳо; омӯзиши таҷрибаи пешқадам; ташкили озмоиш ва хулосабарорӣ; таҳқиқ ва таҳлили ашёи эҷодӣ ва фаъолияти хонандагон; ташхисҳои психологию педагогие, ки хонандагонро дар ҷараёни фанни мазкур инкишоф медиҳанд.

**Навгониҳои таҳқиқот:**

-муайян намудани арзишҳои ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастии асарҳои санъати миллии тасвирӣ;

-коркарди технологияи таъсиррасонӣ ба ташаккули шуур ва фарҳанги миллии хонандагон тавассути асарҳои санъати миллии тасвирӣ;

-ошкор намудани имкониятҳои истифодаи асарҳои санъати миллии тасвирӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ, дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба расмкашӣ аз рӯи асл, расмкашии мавзӯи, ороишӣ, ҳангоми омӯзиши асосҳои санъатшиносӣ, гилкорӣ ва дизайн;

Дар маҷмуъ, тавассути асарҳои санъати миллии тасвирӣ мо ҳисси ахлоқию маънавӣ, зебоипарастӣ, ҳувияти миллӣ, дӯст доштани Ватан, дарк намудани қарзи шаҳрвандӣ, эҳтироми фарҳанги миллиро дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд ташаккул дода тавонистем.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- муайян ва асоснок намудани аҳамияти санъати тасвирии миллӣ дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони вилояти Суғд;

- аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани зарурати тарбиявӣ ва аҳамияти истифодаи асарҳои санъати миллии тасвирӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқиву маънавӣ, зебоипарастӣ ва ифтихори миллии хонандагон;

- васеъ ва чуқур намудани маълумоти назариявӣ доир ба имкониятҳои истифодаи асарҳои санъати миллии тасвирӣ ҳамчун воситаи тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ;

- таҳияи маводи назарӣ доир ба истифодаи асарҳои санъати миллии тасвирӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар нуктаҳои зерин ифода мешавад:

- таҳияи барномаи махсуси хусусияти таълимию тарбиявӣ дошта оид ба ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон дар заминаи махсусияти миллии санъати тасвирӣ дар ҷумҳурӣ;

- таҳияи технологияи самараноки тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд дар дарсҳои санъати тасвирӣ;

- ҷамъбаст ва татбиқи таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ доир ба ин самт;

-муайян намудани меъёрҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ, ки ба самти касб (профессиограммма)-и омӯзгори санъати тасвирӣ дохил шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи барномаҳо оид ба санъати тасвирӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳангоми коркарди барномаҳои факултативҳо ва маҳфилҳои санъати тасвирӣ, дар навиштани дастурҳои таълимӣ оид ба санъати тасвирӣ истифода шаванд.

**Пойгоҳи озмоишоти таҳқиқ**. Пойгоҳи асосии санҷишу таҳқиқот муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 9, 22-и ноҳияи Ҷаббор Расулов, ва № 10, 29-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров маҳсуб меёбанд. Дар тӯли 6 соли таҳқиқот, зиёда аз 600 нафар хонандагони синфҳои 5-7-уми муассисаҳои тоҷикзабон ва ӯзбекзабон ҷалб шуда, 809 мусавварахои кашидаи хонандагон таҳлил гардид. Ҳамчунин дар раванди таҳқиқу озмоиш 46 дарс аз фанни санъати тасвирӣ таҳлил карда шуд.

**Марҳалаҳои асосии таҳқиқот**. Таҳқиқот аз соли 2014-ум то соли 2019-ум гузаронида шуда, се давраро дар бар мегирад:

**Марҳалаи якум (солҳои 2014-2015):** таҳия ва асоснок намудани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, омӯзиши адабиёт оид ба доираи масъалаҳои таҳқиқот, муайян кардани самти таҳқиқот, ҳадаф ва предмет, вазифаҳо ва фарзияи он, коркарди сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди методикаи озмоиши ташаккулдиҳанда.

**Марҳалаи дувум (солҳои 2015-2017)**: гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, ки барои муайян кардани сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон дар таълими санъати тасвирӣ нигаронида шудааст, санҷидан ва дақиқ намудани матлабҳои назариявии таҳқиқот, роҳ ва усулҳои баланд бардоштани қобилияти эҷодии хонандагон, усулҳои математикӣ (оморӣ) дар педагогика таҳия карда шудаанд.

**Марҳалаи севум (солҳои 2017-2019)**: гузаронидани кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба ташаккул додани сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон дар таълими санъати тасвирӣ, анҷоми таҳқиқоти озмоишӣ, таҳлил, коркард ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, ифодаи хулосаҳо, натиҷаҳо дар шакли кори диссертатсионӣ, тавсияҳои методӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар амалия сурат гирифта, таҳияи диссертатсия ва автореферат таҳия гардид.

**Ба дифоъ натиҷаҳои зерини таҳқиқот пешниҳод мешаванд**:

1. Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани технологияи педагогии омода кардани хонандагони синфҳои 5-7-ум, ки ҳадафи он ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ мебошад.

2.Таҳлили илмии имконияти истифодаи муназзаму банақшагирифта ва махсус интихобшуда: а) асарҳои санъати тасвирӣ барои суҳбат бо хонандагон дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ оид ба санъати тасвирӣ; б) супоришҳои амалӣ ва иҷрои онҳо оид ба расмкашии ороишӣ ва расмкашӣ аз асл, ки дорои ғояи маънавию ҷаҳоншиносӣ буда, барои баландшавии сатҳи сифатҳои маънавию ахлоқии шахсияти хонандагони синфҳои 5-7 равона карда шудааст.

3. Методикаи ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ оид ба санъати тасвирӣ.

4. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи санъати тасвирии миллӣ дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд;

**Боэътимодӣ ва асоснокии** натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфтаро бо асосҳои ибтидоии назариявӣ, фарогирии таълимии озмоишӣ, дурустии ҳадафҳо, вазифаҳо ва методҳои таҳқиқ, таҳлили объективии натиҷаҳои ҳосилшуда бо иштироки омӯзгорон, иштироки шахсии унвонҷӯ дар кори таҷрибавию озмоишӣ тасдиқ менамояд. Дар натиҷа, баланд шудани сатҳи фаъолнокии маърифатӣ ва азхудкунии асосҳои санъати тасвирӣ аз ҷониби аксарияти озмудашудагон, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва дар айни замон баланд гардидани тарбияи ахлоқию зебопарастии хонандагон, ки аз рӯйи меъёрҳои гуногун дар чор навъи фаъолияти амалии тасвирӣ мувофиқи методикаи пешниҳоднамудаи муаллиф сурат гирифтанд, ба мушоҳида расид.

**Коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиш ва истифодаи санъати тасвирӣ аз тарафи олимони шинохта профессорон А.Азизов, О.Исломов, дотсентон С. Олов, К.Ҷӯраев, М.

Қодирова, С. Турсунов, Ҳ.Ҷалилова, А.Исоев, М.Дадобоева ва якчанд методистони ноҳияҳои Ҷ. Расулов ва Б. Ғафуров баҳогузорӣ шуд. Доир ба ин таҳқиқоти методӣ моҳи апрели соли 2016 дар ноҳияи Ҷаббор Расулов, моҳи марти 2017 дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров конфронсҳо ташкил ва гузаронида шуданд. Моҳи октябри соли 2017 дар Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид, ки оид ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ маърӯза кардам.

Ҳамчунин дастурҳои таълимӣ- методӣ, китоби дарсӣ аз фанни "Санъати тасвирӣ" дар нашриёти "Нури маърифат"-и, МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба табъ расид, ки ин нуктаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ дар он ифода гардидаанд. Миқдори умумии мақолаҳои чопшуда 42 - то буда, аз онҳо 7 - то дар маҷаллаҳои нашрияҳои илмии пешбари тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шудааст.

**Сохтори рисолаи илмӣ.** Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти илмӣ иборат аст. Рисола 245 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар таҳқиқот 19 ҷадвал ва 3 диаграмма мавҷуд аст. Феҳристи адабиёт 245 номгӯи сарчашмаҳои илмӣ ва илмӣ- методиро дар бар мегирад.

## БОБИ I. ОМӮЗИШИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР ШАКЛГИРИИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИВУ МАЪНАВӢ ВА ЗЕБОИПАРАСТИИ ХОНАНДАГОН

### §1.1.Тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастӣ аз нигоҳи мутафаккирони форсу тоҷик (то инқилоби Октябр).

Дар ҳама давру замон инсон ба масъалаи таълиму тарбияи насли наврас ва ба роҳи рост ҳидоят намудани ҷавонон ҳамчун насли ояндасоз ва меросбарони хеш аҳамияти махсус зоҳир менамояд. Бузургони илму адаб пайваста барои талқини ғояҳои маърифатнокиву донишандӯзӣ, ҳунармандиву соҳибхирадӣ кӯшиш намуда, барои фардоиён мероси ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастиро боқӣ мегузоштанд.

Халқи тоҷик дар бобати тарбияи ахлоқӣ анъанаҳои қадимӣ дорад. Китоби муқаддаси дини зардуштӣ “Авесто”, ки зиёда аз 2700 сол муқаддам навишта шудааст, пур аз панду ҳикматҳои ахлоқист. Аз ҳамон замонҳои қадим ахлоқи нек дар симои Аҳурамаздо ба ахлоқи бад, ки аксунандааш Аҳриман буд, мубориза мебурд.

Яке аз рукнҳои саодат дар зиндагии инсон ахлоқу маънавиёт ва фазилатҳои ахлоқӣ мебошад. Аз рӯзе, ки бани башар ба зиндагии мутамаддин рӯ овард, масъалаи тарбияи насли наврас, ба шуури ворисон ҷой додани асосҳои бунёдии тарзи зист ва тафаккури аҷдод яке аз масъалаҳои умдатарини ҷомеа буд. Ҳар гуна шароити хоси таърихӣ, вобаста ба ниёз ва эҳтиёҷи ҷамъият, ақлу заковати инсонӣ ҳамеша беҳтарин ва самараноктарин роҳҳои таълиму тарбияро ба арсаи олами маънавӣ пешниҳод мекард.

Тоҷикистон яке аз давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд буда, тавонистааст, ки дар муддати 15 – 25 сол баъди харобиҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба пойи худ устувор истода, ба дигарон нишон диҳад, ки халқи тоҷик ободкору созанда мебошад. Бисту ҳафт сол аст, ки бо кӯшишу ҳаракатҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомали Рахмон некӯаҳволии мардуми тоҷик бо корҳои

созандагиву ободкорӣ машғул мебошанд. Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи минбаъдаи шаклҳои миллии таълиму тарбия имкони васеъ фароҳам овард. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», барин ҳуҷҷатҳои муҳим дар соҳаи омӯзишу парвариш қабул гардидаанд. Дар солҳои охир Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" қабул гардид, ки дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дувумин қонунест, ки хусусияти милллӣ дошта, ба имрӯзуояндаи неки давлату миллати тоҷик нигаронида шудааст. Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ оид ба зарурати қабули қонуни мазкур қайд карда, навиштаанд, ки: Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ба наслҳои имрӯзуояндаи кишвар нигаронида шудааст. Зеро масъулият барои сарнавишти Ватан ваояндаи миллат дар навбати аввал маҳз ба ӯҳдаи насли ҷавон гузошта хоҳад шуд. Биноан, вазифаи муқаддаси мо ба камол расонидани насли ҳаматарафа солим, соҳибмаълумот, бунёдкор, нерӯманд ва миллатдӯсту меҳнатпараст мебошад.

Профессор Маҳмадулло Лутфуллоев бар он ақида аст, ки: «мо, тоҷикон, ҳам дар тарбия, ҳам дар фалсафа симои хоси худро дорем» дар масъалаи тарбия чунин қайд мекунанд: «Ҳар кас ки ба тарбия машғул бошад, пеш аз ҳама, маданияти тарбияро омӯзад ва баъд поймон шавад. Зиндагӣ мантиқ дорад, ки ҳамаамон ҳам тарбиятдиҳанда ҳастему ҳам тарбиягиранда. Бинобар ин фарҳанги тарбия дарди ҳамаро давост. Он кас тарбия карда метавонад, ки худ тарбиядида бошад» [99, с.71].

Ба анешаи Йӯлдошбой Юнусоф: "Ҳар халқу миллат бо фарзандони шӯҳратманди худ, ки хислату сифатҳои беҳтарин доштанд, ифтихор

мекунад. Аз қадимулайём бузургони халқи тоҷик адибону олимон ба масъалаҳои ахлоқу одоб ва тарбияи онҳо дар одамон баҳои арзанда додаанд” [228, с. 213].

Тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ ин таъсир ба дунёи маънавии шахс буда, он на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки сифатҳои нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкориву ҳалолхурӣ, боадлу инсоф будан, саховатмандӣ ва амсоли онҳоро ба вуҷуд меорад. Ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияро ба ҳам мепайвандад ва асоси фаъолияти шарҳрвандро ташаккул медиҳад.

Тарбияи маънавии ҷавонон низ аз муҳимтарин корҳо ба шумор меравад. Кӯдак бояд аз хурдсолӣ ба ҳар зану марди солхӯрда чун ба падару модар ва ба ҳар духтару писар чун ба хоҳару бародар муносибат кунад [205, с.104].

Тарбия раванди мақсадноку муташаккилест, ки инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин намуда, ӯро ба меҳнату фаъолияти ҷамъиятӣ омода месозад [228, с.10].

Одам ва ахлоқ ду рукнест, ки бидуни якдигар вуҷуд дошта наметавонад. Истилоҳи “ахлоқ” аз калимаи арабӣ гирифта шуда, он маънои ҷамъи хулқ, рафтору кирдор ва сиратро ифода мекунад. Ахлоқ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ буда, дар ҳар марҳилаи инкишофи ҷомеа одамон аз рӯи қоидаҳои он амал ва зиндагӣ мекунанд, қонунҳоро риоя менамоянд. Ахлоқ одобу рафторро муайян сохта, муносибати байниҳамдигарии одамон, муносибати онҳоро ба давлат, моликият, оила ба маҳсули меҳнат нишон медиҳад. Ахлоқ ҳамчунин рафтору амали одамонро ба танзим медарорад [109, с.74].

Тарбияи ахлоқии хонандагон аз вазифаҳои муҳимтарини мактабҳост. Моҳияти он ба ташаккули шуури ахлоқӣ, ҳисси ахлоқӣ, маҳорату малакаҳои рафтори зебо нигаронида шуда, онҳо дар якҷоягӣ зуҳур меёбанд [228,с. 212].

Дар тарбияи зебоипарастии хонандагон муҳим он аст, ки тасаввуроти зебоишиносӣ барои афзун гардидани зебоӣ онҳоро ба шуҷоат, олами маънавӣ ва бунёдкорӣ ҳидоят намояд. Парвариши қобилияти дарк намудан ва дуруст фаҳмидани зебоӣ дар санъату ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳаёти маишӣ ва табиат, парвариши муҳаббат нисбат ба зебоӣ ва қобилияти эҷодкорона, тарбияи зебоипарастӣ номида мешавад.

Тарбияи зебоипарастӣ маънои васеъ дорад, он тамоми паҳлӯҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад, фақат онро дарк карда тавонистан лозим аст. Моҳияти тарбияи зебоипарастӣ дар талабагон ташаккул додани қобилияти дарккунии зебоии арзанда ва дуруст фаҳмидани он дар санъат, ҳаёт, омӯзиши мафҳум, рағбат ва идеалҳои зебоипарастӣ бахри инкишофи аломатҳои эҷодӣ ва истеъдод нисбат ба соҳаҳои санъат мебошад. Чуноне ки дар "Консепсияи миллии тарбия" омадааст, "Зебоипарастӣ" яке аз сифатҳои муҳими инсонро ташкил медиҳад. Он дар инсон ҳар гуна зуҳуроти эҳсос намудани зебоиро ба вуҷуд меоварад. Манбаи зебоипарастӣ бошад, қалб аз ҳама муҳити атроф, аз зебоиҳои табиат, аз ҳар гуна ороишот, расмҳо, ҳайкалҳо, роҳраву куча, гулгашту хиёбон, биноҳои барҳаво ва он чизе, ки писанди бинанда мегардад, сарчашма мегирад .

Мафҳуми тарбияи зебоипарастӣ бо истилоҳи «эстетика» зич алоқаманд аст. Онро бори аввал ҳамчун истилоҳи илмӣ дар қарни XVII файласуфи немис Александр Готлиб Баумгартин (1714-1762) баробари истилоҳи этика ва мантиқ истифода намуда, онро қисми мустақили фалсафа пиндоштааст. Эстетика аз истилоҳи юнонии atsthynkos гирифта шуда, маънояш ҳис кардан, дарк кардани зебоиро дорад. Аммо худи таълимоти эстетикӣ хеле қадимӣ буда, онро дар Афина ва Спарта васеъ истифода бурдаанд [120, с.127-130].

Зебоипарастӣ бе ахлоқу одоби ҳамида шуда наметавонад. Онҳо якдигарро пурра месозанд ва тарбияи ҳарду алоқамандона пеш бурда мешавад. Масалан, тарбияи нафосат ва натиҷаи он дар ахлоқ, амалу

ҳаракати зебо, муносибати дуруст ба ҳаёт, ба одамон, ба табиат зуҳур мегардад.

Фарҳанг меъёру маҳаки камолоти таърихии ҷомеа буда, қобилияти ӯро ба ҳаллу фасли вазифаҳои муҳим ва масъалаҳои зарурии пешрафт ва рушди он ҳидоят менамояд. Фарҳанг аз умқи зиндагии мардум реша гирифта, он васии ҳуввияти миллӣ мебошад. Мафҳуми "ҳуввияти миллӣ" дар канори ҳамчун унсури фалсафӣ баррасӣ гардидан ба унвони як падидаи ахлоқӣ низ арзи ҳастӣ мекунанд, ки дар батни худ такомули шахсияти инсонро дар бар мегирад. Ба ин маънӣ аст, ки дар илми ахлоқ ё усули тарбия мавҳуми ҳуввият барои ифодаи шинохти озодиву ҳастии маънавии худи инсон ба кор гирифта мешавад, ки онро ба таъбири дигар худогоҳӣ ё худшиносӣ мегӯянд [171,с. 3].

Дар ташаккули фарҳанги миллӣ мероси бадеии миллат нақши муҳим мебозад. «Фарҳанг ба фикри ман биноест, ки дар он тамоми паҳлуҳои зиндагӣ акс меёбад» зикр гардида буд дар суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [170,с.4]. Агар ба маънои луғавии вожаи фарҳанг назар афканем, «Фарҳанг маҷмӯи дастовардҳои инсоният дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва ахлоқӣ, маданият; одоб, шуур, тарбияи иҷтимоӣ; илм, маърифат; ақл, хирад; тадбир, чора» маънидод шудааст.

Замони пайдоиши нахустини одамонро дар сарзамини Осиёи Марказӣ ба таври яқин муайян кардан хеле душвор аст, зеро осори аз ҳама қадимаи ҳаёти онҳо боқӣ мондааст [52,с. 13]. Аз таърих маълум аст, ки Шарқи асримиёнагӣ бо дастовардҳои фарҳангии худ олами Ғарбро мутаассир кардааст. Бӯҳрони кудони Шарқ, дар навбати худ барои таъсир намудани фарҳанги Ғарб ва Шарқ шароит фароҳам овардааст. Мардуми Осиёи марказӣ дар асрҳои қадим равобити савдо ва иқтисодӣ бо мардуми Чин, Ҳиндустон ва Аврупои шарқӣ доштанд. Дар асоси ин равобити таърихӣ гуфтугузори байни мардум дар раванди ҳаёти

рӯҳонӣ тараққӣ карда,  инчунин ба тарафайн раванди таъсиррасонӣ ва ғанӣ гардонидани ҳуввиятҳои фарҳангӣ сурат гирифтааст.

Муносибатҳои иқтисодӣ ва фарҳангии ҳалқҳои Осиёи Марказӣ ва Чин аз асри  II  пеш аз мелод  пайдо гардида, баъдтар ба манфиати ҳар ду кишвар тараққӣ ва васеъ гаштаанд.

Бостоншиносон дар Осиёи Марказӣ бисёр ҷузъҳои гуногуне, ки он бо Чин вобастагӣ дорад, дарёфт кардаанд, ба монанди косаҳои гуногун, оинаҳои биринҷӣ, тангаҳои сафолӣ чинӣ ва ғайра. Санъати Чини асримиёнагӣ ба миниатюраи китобдорӣ ва кулолгарии Осиёи Марказӣ таъсири худро расонидааст.

Дар ҳамосаи Чин “Фен-Ҷон, Йен-н” яке аз нишонае дида мешавад, ки он далели қаробати он ба ҳамосаи Осиёи Марказӣ  буда, дар сатрҳои машҳуртарии асари Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020) дар “Шоҳнома” омада, инчунин дар мавзӯъҳои адабии Чин гуфтугузори Рустам ва Суҳроб, Сиёвуш ва Мурғи Симурғ ва дигарон дида мешавад.

Дар соли 1877 ҷуғрофидони олмонӣ Фон Рихтофен истилоҳи “Шоҳроҳи абрешим”-ро барои ифодаи роҳи тиҷорат дар аҳди аз Чин ба Ғарб, бостоне, ки абрешим нархи аз ҳама гаронбаҳо ва моли матлуби Чин интиқол дода мешуд  эҷод кард. Ин бисёр муҳим буд, ки сарзамини Сере (аз калимаи юнони ser “кирми абрешим”) дар ҷаҳони юнониён ва римиён бостон ба номи макони абрешим табдил ёфт, ки он ҳамон Чин буд, ҳарчанд донистани Шарқи Дур барои юнониён ва римиён равшан набуд [148,с. 167].

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва боз шудани Чин мафҳуми “Роҳи абрешим” чунон машҳур шуд, ки ЮНЕСКО барномаҳои рангоранги конфронсҳо, намоишҳо ва экиспедитсияҳоро дар мавзӯи “Роҳи абрешим” ташкил кард. Китобҳо ва мақолаҳои зиёде дар ин бора чоп шуд, ки на танҳо роҳҳоро аз таърихи қитъаи Осиё, балки роҳҳои баҳриро аз шарқ ба ғарб низ фаро мегирифтанд. Таъсири ин назария ба ҷаҳони муосири иқтисодӣ ва тиҷоратӣ финчунин бузург буд, ки таърихи

қадим ва асримиёнагии Осиёи Марказӣ аз нигоҳи тиҷорати байналмилалӣ ба фосилаи азими байни Чин ва Аврупои ғарбӣ бартарӣ пайдо мекард. Мо бояд паҳлуҳои гуногуни Осиёи Марказӣ, вобаста ба “Роҳи абрешим” – ро бознигарӣ кунем.

Шоҳроҳи бузурги абрешим яке аз аввалин роҳҳои корвонгузари аҳди қадим ва асрҳои миёна буд, ки сарзамини аҷдодони моро ба Чину Ҳинд, Мисри қадиму Бобул, Ошуру Мод, билоди Форсу Рим мепайваст. Бохтари аҳди қадим ва Суғди бостонӣ дар чаҳорсӯйи Шоҳроҳи бузурги абрешим қарор дошта, қофилаи корвонҳои бешумор аз растаҳои хуштарҳу бозорҳои ободи ин сарзамини паҳновари ниёгони тоҷик ҷониби машриқу мағриб мешитофтанд. Марзҳои Бохтару Суғд аз рӯзҳои нахустини ташаккули тамаддуну давлатдорӣ чун убургоҳи бархӯрди манфиатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, сар ба сар омадани арзишҳои фарҳангию суннатҳои миллӣ, дар чаҳорсӯйи майдони муборизаҳои бузург қарор гирифта, дар ҳама давру замон ҳуввияту асолати миллӣ, симои таърихӣ, дастовардҳои маънавию арзишҳои фарҳангии тоҷиконро, сарфи назар аз ҳангоми таърихӣ, посу бегазанд нигоҳ доштаанд [219,с. 19].

Дар асри XV ҳокими маъруф ва хирадманд, ситорашинос ва риёзидон Мирзо Улуғбек бо бисёр сафоратхонаҳо дар бораи Чин табодули судманд намуда, риштаҳои дӯстиро байни мардум мустаҳкам намудааст, ки маълумоти бештареро дар ин замина дар китоби Абдурразоқи Самарқандӣ “Матлаъ –ус- саъдайн” дарёфтан мумкин аст. Дар ин ҷо танҳо қисми аз муносибатҳои қадимаи халқҳои Осиёи Марказӣ ва Чин, ки фарҳанги ҳар ду ҷониб мутақобилан ғанӣ гаштааст, зикр гардидааст.

Муносибатҳои байни халқи Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон низ решаҳои амиқи таърихӣ доранд. Онҳо хусусияти таъсири мутақобила ва ғанӣ намудани фарҳанги тарафайнро доранд. Абурайҳони Берунӣ (973-1048) ба фарҳанги Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Эрон ва дигар кишварҳо

баҳои баланд додааст. Бинобар маълумоти Берунӣ мо робитаҳои иқтисодии Осиёи Марказӣ бо славянҳо дар асрҳои IX-X муайян месозем.

Дар асоси чунин муносибатҳои падидомада, таъсири мутақобила ва судманди дучонибаи фарҳангӣ байни мардум пайдо гардидааст.

Аз таҳлили этнопедагогӣ, адабиёти таърихӣ - санъатшиносӣ, аз ҷумла тадқиқотҳои махсус ва рисолаҳо бармеояд, ки:

-тарбияи таърихӣ-ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ дар Осиёи Марказӣ бояд дар марказҳои фарҳангии таърихӣ, дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ (Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Бухоро, Самарқанд, Шаҳрисабз ва ғайра) бояд дида шавад. Осори беҳтарини меъмории асри XI Работи Малик мебошад, ки дар ҳудуди Осиёи Марказӣ баъди мақбараи Исмоили Сомонӣ бинои мукаммалтар аст. Он дар сари роҳи Бухоро ва Кармина солҳои 1078-1079 сохта шудааст. Работи Малик девори 13-метра дорад. Ин сохтмон аз хонаҳои дуошёнаи истиқоматӣ, анборҳо, пештоқи муҳташам ва ғайра иборат мебошад. Дар даромадгоҳи асосӣ маҳорати баланди устоҳои ҳамон давраро дидан мумкин аст. Дар ороиши пештоқ ҳар гуна нақшҳои барҷаста аз хишт, гилгул, сафолҳои кандакоришуда ва китобҳои қадимтарини форсӣ истифода шудаанд [208, с.161].

Санъати меъмории Бухорои қадим беназир буда, хусусиятҳои хоси худро дорад. Қасри Барахшӣ дар асри XII-XIII дар ҳаёти фарҳангии Бухоро нақши махсус дошт. Дар нақшкориҳои девори қаср аз рангубор ва кандакорӣ васеъ истифода бурдаанд. Дар девор саҳни шикор ва манзараҳои гуногун тасвир ёфта буданд. Дар деворҳои боқимонда ҳамон сюжетҳо нақш ва гуфторҳои ҷаҳонӣ тасвир шудаанд. Дар наққошиҳои деворӣ ақидаҳои динии он давра, ки дорои бадеиёти баланди ҷомеа буд, инъикос ёфтаанд. Ақидаҳои мардум, ки оид ба нерӯҳои табии табиат аст ва кодекси ахлоқии сокинон ҳамдигарро пурра менамуданд. Оташ, ҳаво, об ва хок натанҳо маънои динӣ, балки ахлоқӣ низ дорад (Замимаи 1).

Мақбараи деҳоти Сайёд ва Хоҷа Нақшрон дар наздикии шаҳри Турсунзода, сохтмонҳои меъмории Чоркӯҳ (Тоҷикистон) ноҳияи Исфара, ва ғайра намунаҳои беҳтарини санъати меъмории халқи тоқик аст, ки меъморон ва бинокорони асрҳои XI - XII музайян намудаанд [52,с. 581].

Дар оғози асри XIII истилогари араб Қутайба ибни Муслим Суғд, Бухоро, Самарқанд Хоразм ва дигар шаҳрҳоро забт менамояд. Истилогарон дар сатҳи фарҳанг аз мардуми Осиёи Марказӣ пасттар меистоданд ва аз таъсири фарҳанги маҳаллӣ метарсиданд. Ҳангоме ки Қутайба шаҳреро забт менамуд, ашёи санъатро месӯзонд, ё бо худ гирифта мерафт. Олими бузурги асри XI Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ (937-1051) дар китоби худ “Осор-ул-боқия” менависад, ки Қутайба ва дигар истилогарон намояндагони уламон дин, санъат, адибон ва олимонро қатл намуда, навиштаҷотеро бо хату забони маҳаллӣ сабт шудаанд, дар санъати тасвирӣ низ тағйирот ба вуқӯъ пайвастааст. Дар нақшунигор тасвири одамон ва ҳайвонот ба нақшу нигори растанӣ – геометрӣ табдил ёфтанд. Ислом тасвири офаридаҳои зиндаро махсусан инсонро манъ мекунад. Бо вуҷуди ин аксари муҳаққиқон тасдиқ менамоянд, ки анъанаҳои санъати тоисломӣ мавқеи худро дар асрҳои минбаъда нигоҳ доштааст. Давлати Хоразмшоҳӣ дар солҳои бистуми асри XIII қарамрави худро васеъ намуда, ғайр аз Хоразм ва Мовароуннаҳр Афғонистони кунунӣ ва қисмати бузурги Эронро низ дар бар мегирифт [52, с.600]. Замони ҳуҷуми Чингизхон ва истилогарони муғул аҳолии зиндамондаи Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд ба азобу уқубатҳои даҳшатангезе гирифтор шуданд [52,с. 606]. Бо вуҷуди ин дар асри XIV ва аввали асри XV дар Осиёи Марказӣ санъат ва меъморӣ хеле пеш меравад. Аз асри XV ба замони мо миқдори зиёди ёдгориҳои муҳташами меъморӣ боқӣ мондаанд, вале ин фақат як қисми камест аз он чи ки дар он даврони таърих ба вуҷуд омада буд [52, с.671]. Дар Самарқанд Шоҳизинда, масҷиди Бибихонум (солҳои 1399-1404 ),

мақбараи Гӯри Амир (соли 1404), мақбараи Оқсарой ва дигарон сохта шудаанд. Истеъдод ва маҳорати меъморони қадим, ки дар Расадхонаи Улуғбек, мақбараи Сомониён, қалъаи Арӯ ва ғайра дида мешавад, ки он касро ба ҳайрат мегузорад. Ороишоти меъмории ин давра хеле муҷаллал ва гуногунранг буда, аз рушду пешрафти ҳунарҳои миллӣ шаҳодат медиҳад. Ороиш бо хишт, кошинкорӣ, нақшу нигори кандакорӣ дар сақф, кандакорӣ дар чӯб ва бисёре аз дигар мисолҳо ба шахс таъсири наҷибе мегузорад ва мо ба истеъдоди бузург ва завқи бадеии рассомон ва меъморони халқии он вақт қоил мемонем. Чунон ки манбаъҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, иморатҳои бошукӯҳ, алалхусус, қасрҳои Темур ва Темуриён аксаран бо тасвирҳои рӯи девор зинат меёфтанд [52, с.500].

Абурайҳони Берунӣ ҳамун яке аз мутафаккирони барҷастаи Шарқ аз худ осори гаронмояе ба мерос гузоштааст. Берунӣ чунин мешуморад: "Инсоне, ки либоси зебо мепӯшаду аз ҳунар, олами зебоӣ, илму маърифат дур бошад, пас вай бараҳна аст". Ӯ мефармояд, ки ҳунар барои инсон танҳо хоксорӣ, кордонию соҳибмаърифатиро ато мекунад [89,с. 26].

Бояд қайд кард, ки дар асрҳои XIV-XV ба олами тамаддун нусхаҳои хаттии олӣ, ки аз қоғазу ҷилд то китобату тасвир, ки ҳама намунаи санъаткории беназир аст, ҳадя намуд. Бузургтарин маҳорат ва намудҳои гуногуни санъати ороишӣ ба бисёре аз аҳолӣ тааллуқ дошт, ки он сатҳи баланди таҳсилоти бадеӣ зебоипарастии мардумро нишон медиҳад.

Аксар чизҳо аз тарафи оилаҳои ҳунармандон сохташуда, мероси авлодӣ ва ифтихори оилаҳои онҳо ба ҳисоб мерафт. Маҳорати кандакор, наққош ва кулолгар ва ғайра асосан оилавӣ, авлодӣ буда, чун касби авлодӣ ва чун анъанаҳои ҳунармандӣ нигоҳ дошта мешуд. Албатта ҷойгоҳҳои бузурги бадеӣ дар сохтмонҳои калон вуҷуд доштанд, ки дар он ҷо омӯзишҳои махсуси муайян амалӣ мегаштанд. Шоҳасарҳои меъмории назаррас чун сохтмони қасри маросимӣ бо нақшу нигори

дурахшон ва тобнок, инчунин бо кандакориҳо зеб дода шуда будаанд, ки он ба шахс таъсири мусбат мерасонад. Ва он завқи бадеиро бедор менамуд ва ба санъати ҳунармандон баҳои баланд арҷгузорӣ мешуд.

Мактаби миниётурсозии Ҳирот дар нимаи дувуми асри XV ба тавассути як идди ҳунармандони моҳир ба авҷи тараққиёти худ расид. Дар байни ин ҳунармандон Камолиддини Беҳзод (тав. байни солҳои 1450-1460-ваф. соли 1536\37) мақоми хоса ишғол намудааст. Рассоми бузурги он замон – Мираки наққош аз қобилияти фавқулоддаи писарбачаи ятим- Камолиддин огоҳ шуда, ӯро тарбият ва сарпарастӣ намуд [52, с. 501]. Минётураҳои Шарқ ҳамчун самараи ҳаёти миллӣ рушд ёфта, тамоми зиндагии даврони худро бо зуҳуроти ҷисмонӣ ва равониаш дар бар мегирифт. Дарки хурсандибахш ва дурахшони ҷаҳон аз тарафи рассомон бо маҳорати гуногун дар мавзӯъҳои қаҳрамонӣ-афсонавӣ ва дар жанрҳои таърихӣ зоҳир мегардад. Дар робита ба ин санъаткори муосир Р.Токташ қайд менамояд, ки минётура ҳамчун предмети истеъмоли маънавӣ, тамошабинро худ ба вуҷуд меорад, таълимдиҳанда завқ бурда, дар он насли нави ҳунармандон фаъолият мебарад [184,с. 79].

Санъатшиносону олимону мутафаккирони илми таърих, ки асосан дар давраи шӯравӣ фаъолият доштанд, як қатор корҳоро анҷом додаанд, ки омӯзиши санъати минётураро хело дастрас гардонидааст. Инҳо В.В.Вейарн, С.И. Тюляев, Г.И. Костигова, А.А.Иванов, О.И. Галеркина, Т.В.Грек, Н.В.Дъяконова, Ш.М. Шакуров буда, дар фишурдаи мақолаҳои олимону муҳаққиқони донишкадаи шарқшиносии Москва ва Санкт – Петербург бисёр маълумоти ҷолиби диққат ба табъ расонидаанд.

Санъати давраи неолит, энеолит ва асри биринҷ (VI-II ҳазор то милод) давраи тамаддуни ибтидоии Осиёи Марказӣ дар ҷануби Туркманистон ва Тоҷикистон шаҳраки Ҷойтун, Пассаҷтеппа, Каритеппа, Геоксур, Намозгоҳтеппа, Олчинтеппа, Анау ва дигарон мушоҳида

мешаванд. То замони мо якчанд намуди санъат, аз қабили тасвирҳои рӯидеворӣ (сужавӣ, наққошӣ), ҳайкалчаҳои хурд омада расидаанд .

Дар Тоҷикистони шимолӣ санъату маданияти давраи биринҷӣ (нимаи ҳазораи дуюми то давраи мо) дар шаҳри Гулистон (собиқ Қайроққум): дар марказҳои сераҳолӣ асбобҳои кулолгарӣ бо нақшҳои гиреҳӣ дастрас шуданд.[9, с. 9].

Дар ин бора рубоии пурҳикмати Умари Ҳайём оид ба нерӯи тавонои кулолгар ва перомуни лои зинда баҳс мекунад.

Дӣ кӯзагаре бидидам андар бозор,

Бар тозагиле лагад ҳамезад бисёр.

В-он гил ба забони ҳол бар вай мегуфт:

"Ман ҳам чу ту будам, маро ту некӯ дор" [9, с. 3].

Дар тарбияи халқи тоҷик мутафаккирони форсу тоҷик, аҳамияти бузург дошт. Хоса "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ, "Ҳамса"-и Низомӣ, ашъори Абӯабдулло Ҷаъфар Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон барои ривоҷи дар тарбияи зебоипарастии мардум мусоидат намудаанд. Дар асоси ин асарҳо сурудҳои беҳтарин ва минётураҳои зебо эҷод карда шуда, санъати минётуранигорӣ мусоидат кардаанд. Қисми таркибии тарбияи маънавию ахлоқӣ ва зебоипарастии мардум ва рушди маънавии онҳо аз эҷодиёти шифоҳии халқ: афсона, достон, зарбулмасалу мақол, эпоси халқӣ ва ғайра иборат буд. Бо баробари мутафаккирони бузург, олимони Осиёи Марказӣ, ҳамзамонони онҳо, достонгӯёни халқӣ, шоирон эҷод мекарданд. Эҷодиёти онҳо дар намуди назм - ҳикмат, ахлоқу одоб, меъёрҳои ахлоқии ҳаёти мардумро ифода мекард. Матни рубой, байтҳои шоирони хирадманд дар миёни мардум тариқи шифоҳӣ аз даҳон ба даҳон гузашта, паҳн мешуд. Мардуми одӣ ҳарчанд бесавод буданд, аммо суханони бузургу тарбияи ахлоқию маънавие, ки паҳн шудаанд, азёд карда, дар ҳаёти рӯзмарраи худ, ҳангоми суҳбат дар байни ҷамъият, чун

зарбулмасалу мақол ва инчунин дар тарбияи фарзандон истифода мебурданд

Воқеан, таърихро хотираи инсоният меноманд, зеро дар он, зиндагии мардум, анъанаҳои он, сарвати маънавию табии инъикос мегардад. Дар афсонаҳо мубориза мардум барои озодӣ, адолат, ваҳдат ва дӯстӣ нишон дода мешавад. Аз замонҳои қадим, мардуми тоҷик ба ваҳдату дӯстӣ, ба сулҳу иттифоқ саъю кӯшиш менамуд.

Таҳлили васеи адабии тадқиқоти мо ба ин натиҷа овард, ки нақши мутафаккирони форсу тоҷик чун мураббӣ – омӯзгор бузург аст. Вазифаи “устод” (муаллим) дар тарбияи маънавии шахс аз аъмоли олимони барӯманд-энсклопедистони шарқи миёна Сино, Форобӣ, Абурайҳон Берунӣ, Тусӣ ва дигарон дида мешуд. Ҳамаи ин гуфтаҳо доираи саволгузорие, ки мо таҳлил менамоем оид ба таърихи тарбияи маънавию ахлоқӣ ва зебоипарастии насли тоҷик аст, муайян месозад. Яке аз аввалин ва машҳуртарин педагогии Шарқи Миёна “Қобуснома”-и Унсурал Маолии Кайковус ба ҳисоб рафта, он мутобиқи анъанаҳои асри XI чун насиҳат навишта шуда, ин асар барои тарбияи писари муаллиф –Гелоншоҳ иншо гардида бо ҷанбаи тарбиявияш барои шинохти чунин шакли мулоҳизаҳо аҳамияти хосса дорад. Муаллиф мегӯяд: “калимаи дарк мишуда, ки кандакорӣ шуда мебошад, аммо дарк кунанда –чун кандакор, ва агар дар ин маврид кандакорӣ имконнопазир бошад, ҳеч як кандакор дар он кандакорӣ нахоҳад кард. Оё намебинӣ, ки гарчанде мум нисбат ба санг нақшро осон қабул мекунад, аз мум тез тоза мешавад, аммо аз санг намешавад. Бинобар ин донистани ҳар як чизе дониш аст. Ва инсоният нисбат ба ҳамаи ҳайвонотҳои дигар дар намуди 10 ҳиссиёти ҷисмӣ афзалият дорад: панҷ ботинӣ, ва панҷ зоҳирӣ. Панҷ ботини ба монанди: фикрронӣ, хотира, хаёлот, тафовуткунӣ ва нутқ мебошад. Ва панҷ зоҳирӣ: шунавой, биной, шомма, маза, ломиса” мебошад [81, с. 64-65].

Муваффақиятҳое, ки мамлакати мо дар давраи муосири рушди он дар соҳаи тарбия ва таълими насли наврас ба даст овардааст, исбот менамоянд, ки дар ташаккул ва рушди мактаб ва илми педагогӣ осори оламшумули Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Берунӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Айнӣ ва дигарон нақши ҳалкунанда бозидаанд.

Асосгузори назми классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ тақрибан соли 858 дар деҳаи Рӯдак (Панҷрӯди имрӯзаи ноҳияи Панҷакенти ҷумҳурии мо) ба дунё омадааст. Устод Рӯдакӣ аз худ осори адабии зиёде боқӣ гузоштааст. Мероси боқигузоштаи ӯро қасидаву ғазал, қитъаву рубой ва маснавӣ ташкил мекунад. Устод Абӯабдулло Рӯдакӣ дар мавзӯи таълим ва тарбия ҳарчанд асари махсуси илмӣ-педагогӣ таълиф накарда бошад ҳам, вале дар асоси байту қитъа ва пораҳои парешони шеърӣ, ки аз ӯ боқӣ мондаанд ва аксари онҳо бо рехтагии сухан, мазмун ва моҳияти пандомӯзии худ фарқ мекунанд, гуфтан мумкин аст, ки Рӯдакӣ табиатан педагог буд [21, с. 121].

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ташаккули шахсият тарбияро омили асосӣ мешуморад. Тарбияи инсон, ба ақидаҳои ӯ, бояд ҳаматарафа бошад. Инсон, пеш аз он ки ба камол расад, бояд тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ ва зебоипарастии фикрӣ гирад. Дар маркази он тарбияи маънавию ахлоқӣ мақоми бузург доштааст:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад - он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчун дарёст в-аз накукорӣ
Киштие соз, то бад - он гузарӣ.

Ғояҳои ахлоқӣ, панду насиҳатӣ ва умуман, педагогии устод Рӯдакӣ ба эҷодиёти бисёр шоирони форсзабони Шарқи мусулмонӣ, пеш аз ҳама Мовароуннаҳр ва Хуросон таъсири худро гузоштанд. Аз ин рӯ Рӯдакиро на фақат сардафтари адабиёти классикии

тоҷику форс, балки «асосгузори афкори педагогии халқи тоҷик» низ метавон номид [21, с. 126].

Дар соҳаи тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ бисёр ғояҳои арзишмандро аз мероси илмию назариявии олимон таъкид кардан ба маврид аст, ки дар таърихи илми ҷаҳонӣ Форобӣ нақши муассир гузаштааст.

Форобӣ дар тӯли умри дарози пурмашаққат шумораи зиёди асарҳоро дар фалсафа, метафизика, илмҳои табиӣ ва ғайра таълиф менамояд. Аммо ҳадафи Форобӣ тарбияи қобилият ва талаботро ба амалҳои муфид ва зебо инкишоф додан мебошад. Хислати олим-донишмандони асримиёнагии Шарқро, пеш аз ҳама, маҳорат дар равиши методологӣ ба ҳама намуди дониш рост меояд. Барои он ки асоси ҳамаи илмҳо илми фалсафа ба ҳисоб рафта, дар соҳаи маърифатнокии он таҳқиқи гуногунҷанбаи илми инсонӣ аст. Аз ин ҷо нуқтаи назари асосии онҳо ба шахсияти олим- муҳаққиқ ба омӯзгор-мураббӣ чун инсони соҳибмаълумот ва баркамол, ба ибораи дигар, ақли донишмандона мебошад. Ва аз ин ҷо аз талабот ба омӯзиши кадрҳои олим муҳаққиқ, омӯзгор-мураббӣ барои насли наврас бармеояд.

“Арасту”-и шарқ Форобӣ вазифаи омӯзгорро бо вазифаи “Роҳбари хирадманд” баробар намуда, дар ин мавқеъ мегӯяд, ки инсон он вақт комил мегардад, агар дар ӯ фаъолияти идрок ва шуур ба тартиб бошад ба воситаи он ҷони ақл фаъолияти ақлиро дарк менамояд, тавассути он ақли расое, ки инсон доро буд ба дараҷае комёб ва комил мегардад, ки ба марҳилаи ақли бохирад наздик мешавад [14, с. 55]. Тавре, ки мебинем Форобӣ профессиограммаи таҷрибавии омӯзгор мураббиро тартиб медиҳад ва ба тахассуси он баҳо медиҳад.

Бузургии Фирдавсӣ дар он аст, ки ӯ асоси инкишоф ва ташкилёбии ҳамагуна касбу ҳунарро дар донишу хирад мебинад. Ба ақидаи шоир бе ақли расо, дониши мустаҳкам, бе илм ягон касбу ҳунар тараққӣ намекунад ва такмил намеёбад. Шоир хирадро аз беҳтарин инъомҳои

эзид медонад. Ба акуҳаи ӯ тамоми бурду бохти инсон ба хирадмандӣ ва бехирадии ӯ вобаста аст. Шоир хирадро, илму донишро омили асосии зиндаю ҷовид мондани инсон ва номи неки ӯ ҳисоб мекунад. Маҳз аз ҳамин сабаб Фирдавсӣ халқро ба хондан, соҳиби илму маърифат шудан даъват намуда, таъкид менамояд, ки инсони бохирад ҳамеша ба носазоён - бехирадон худро дур нигоҳ медорад [21, с. 142].

Шайхурраис Абӯалӣ Ҳусайн бинни Абдулло бинни Ҳасан бини Алӣ бинни Сино дар деҳаи Афшана (ҳозира Лағлаққа) ҷомеаи Рометан наздикии шаҳри Бухоро дар оилаи шахси донишманд ба дунё омадааст. Абӯалӣ ибни Сино дар шарқ ва ғарб чун бузургтарин файласуфи замон шӯҳрат пайдо карда буд. Абӯалӣ ибни Сино омӯзгор - мураббиро чун шахси бузург ва донишманд қайд менамояд. Консепсияи ҳикмати Ибни Сино, аз як тараф дониши комилро оид ба предмет зам менамояд, аз тарафи дигар бо назардошти синтез ва малакаи муаллимон амалиёти муайян ва комил менамуд.

Ибни Сино дар фаъолияти таълиму тарбия асоси комёбиро дар интихоби дуруст ин ростқавлӣ, хирадмандӣ, адолатпарварӣ, покиза ва хушмуомилагии муаллимон мебинад. Сино таъкид менамояд, ки ҳар як шахс аз рӯи рағбат ва қобилият бояд омӯзад. Барои мутафаккирони шарқ чеҳраи муаллим, пеш аз ҳама бо хислатҳои ахлоқии ӯ муайян карда мешавад ростқавиӣ, адолат, меҳрубонӣ ва ғайра имкон дорад хислатҳои ахлоқии омӯзгорро ба шогирдонаш гузорад. Чеҳраи ахлоқии омӯзгор, меъёри рафтори ӯ, мувофиқи гуфтаҳои Форобӣ дар он аст, ки ӯ набояд аз ҳад зиёд сахтгир ва набояд таофул бошад. Омӯзгор ба гуфтаи ӯ, бояд ҳама чизро ба хубӣ дар хотир нигоҳ дорад. Ӯ бояд соҳибақл, бофаросат ва дурандеш бошад, соҳиби сухани гӯё, баҳри он чизе, ки мехоҳад ба шогирдаш фаҳмонад, бояд бо пуррагӣ ва фаҳмо баён карда тавонад. Дӯсдори на танҳо машғулияти илмӣ, балки ба хонандагони худ, хастагиро эҳсос накарда, дониш андӯзад. Дӯстдори ҳақиқат бошад, дуруғро ва он нафаре, ки дуруғро истифода мебарад, бад бинад, шаъну

шарафи худро қадр намояд, ба шогирдонаш бо адолат бошад, барои ба мақсад расидан бояд иродаи мустаҳкам дошта бошад.

Умуман, Ибни Сино дар ташкили тарбия ва таълим, муайян намудани мазмуни маълумот, пеш аз хама чун педагог баромад карда, талаботеро пешниҳод менамояд, ки аксари онҳо дар илми дидактикаи имрӯза амал мекунанд. Дар мисолҳои мувофиқи синну сол муайян намудани мазмуни маълумот, ба назар гирифтани истеъдод, қобилият, маҳорат, тавоноӣ, сиҳатӣ, шавқмандӣ ва пандомӯзии маводҳои таълимӣ, мувофиқати онҳо ба синну соли шогирдон, соҳибихтиёрии талаба дар интихоби китоб барои кори мустақилона, зарурати ташкили тарбия ва таълими коллективӣ, риояи усули аз содда ба мураккаб гузаштан дар таълим, зарурати машқҳои ҷисмонӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамраъйии талабагон дар роҳи интихобкардаи худ, муҳити солим дар оила ва таълимгоҳ, истифодаи усулҳои гуногуни таълим ва тарбия дар вобастагӣ бо синну соли талабагон ва ё вазъияти рӯйдода ва ғайра дидан мумкин аст. [21, с. 153].

Абумуиннидин Носир ибни Хисрав ибни Ҳорис дар Қубодиён ҳозира шаҳраки Носир Хисрави вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи деҳқони давлатманд ба дунё омадааст.

Носири Хусрав (1004-1080) баргузидатарини шоирони ин давра мебошад, ки асарҳои барҷастаи у “Рӯшноинома”, “Саодатнома”, “Кушоиш ва раҳоиш”, “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”, “Сафарнома” ва ғайра қиммати бузурги тарбиявӣ дорад ва дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон мақоми баландро сазовор мебошад. Беҳтарин суханҳои Носири Хисрав дар бораи касбу ҳунарҳои халқӣ дар «Саодатнома»-и ӯ гирд оварда шудаанд. Муаллиф дар ин асар, ки аз 300 байт иборат аст, дар баробари мавӯъҳои панду ахлоқ ба васфи одамони заҳматкаш ва танқиди муфтхӯрони ҷамъият низ диққати зиёд додааст.

Носири Хисрав яке аз донишмандон ва мутафаккирони бузурги замони худ буд. Истеъдоди фавқулоддаи ӯ дар омӯхтани асарҳои олимон

ва файласуфони Юнони қадим Пифагор (асри VI то милод), Суқрот (асри IV то милод), Афлотун (428-374 то милод), Арасту (384-322 то милод), Плутарх (45-120 милодӣ); файласуфони Шарқи Наздик Абу Наср ал-Форобӣ (870-950), Абӯалӣ ибни Сино (980- 1037); дар тадқиқи ақидаҳои мазҳабии қарматиён; мӯътазилия, аз худ намудани илмҳои физика, кимиё, нуҷум ва ғайра равшан зоҳир гардидааст [21, с. 156].

Тавре ки мо зикр намудем, дар ташаккули ғояҳои ахлоқӣ ва зебоипарастии мутафаккирони форсу тоҷик нақши муассирро мебозад.Таҳлили асарҳои мутафаккирон нишон медиҳад, ки ақидаҳои шахсии онҳо дар тӯли асрҳо ҳамчунин пойдор аст.

Умари Хайём бо рубоиёти худ шӯҳрат пайдо кардааст. Маҳорати адабӣ, муҳокимаи файласуфона ва майли ба ҳақиқати ҳаёт материалистона наздик шудани Хайём натиҷае дод, ки рубоиёти ӯ то кунун аз гаранбаҳотарин дурдонаҳои адабиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравbooнд. Ин аст яке аз рубоиёте, ки зодаи табъи ин шоири заковатманд мебошад:

Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,

Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.

В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,

К-озода ба коми дил расидӣ осон [52, с. 435].

Умари Хайём дар баробари он ки ҳамчун ҳакиму донишманди беназир, риёзидону мунаҷҷими беҳамто ва файласуфи нуктасанҷ шуҳрат дошт, низ бо эҷоди як силсилаи рубоиҳои баландмазмуни дилангезаш дар байни ақвоми Шарқу Ғарб ва тамоми олам шӯҳрати ҷовидона пайдо кардааст. Мавзӯи рубоиёти Хайём гуногун буда, дар маркази он тарбияи маънавию ахлоқӣ мақоми бузург доштааст:

Аз рафти қалам ҳеч дигаргун нашавад

В-аз хӯрдани ғам ба ҷуз ҷигар хун нашавад.

Гар дар ҳама умри хеш хуноба хурӣ,

Як қатра аз он, ки ҳаст, афзун нашавад [188, с. 92].

Дар байни номгӯи зиёди касбу ҳунарҳое, ки Умар Хайём дар “Наврӯзнома” овардааст, махсусан ахбори ӯ дар бораи ҳанӯз дар аҳди Каюмарс — қадимтарин аҷдоди тоҷикон вуҷуд доштани касбҳои оҳангарӣ, харротӣ бофандагӣ, шоҳибофӣ, пиллакашӣ, асалпарварӣ басо ҷолиб мебошад [21, с. 163].

Маълумотҳои дар “Наврӯзнома” оид ба касбу ҳунарҳои тоҷикони қадим овардаи Умари Хайём ҳарчанд ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии педагогика, аз ҷумла ба касбомӯзӣ ва интихоби касб бевосита алоқаманд набошанд ҳам, вале онҳо аҳамияти калони маърифатӣ ва таърихӣ-маданӣ доранд. Хонандаи имрӯза тавассути он дар бораи дар дунёи қадим дар муҳити тоҷикон мавҷуд будани касбу ҳунарҳо, ки қисми таркибии таърихи тамаддуни халқро ташкил медиҳанд, маълумот пайдо мекунад.

Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар метавои гуфт, ки Умари Хайём низ дар тадқиқи таърихи педагогикаи халқи тоҷик саҳми арзандаи худро дорад.

Дар асри XIII бузургтарин симоҳои назми форс-тоҷик Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ба майдон меоянд.

Ҷалолиддини Румӣ (1207-1272) аслан аз қадимтарин маркази тамаддунии халқи таҷик шаҳри Балх мебошад. Ҷалолиддини Румӣ аз бузургтарин олимон ва шоирони мутасаввиф аст. Асарҳои хеле машҳури ӯ яке девони ғазалиёт ва дигаре “Маснавии маънавӣ” мебошад, ки аз шаш ҷузъ-26 ҳазор байт иборат буда, асосҳои фалсафаи тасаввуфиро дар бар гирифтааст. Дар асарҳои худ Ҷалолиддини Румӣтаваҷҷӯҳи зиёди барои тарбияи хислатҳои ахлоқию маънавӣ изҳор менамояд: [52, с. 470].

Хоҳам гирифтан акнун он мояи суварро,
Доме ниҳодаам хуш он қиблаи назарро.
Девор гӯш дорад, оҳистатар сухан гӯ,
Ай ақл, бом-бар рав, ай дил, бигир дарро

Аъдо, ки дар каминанд, дар фикрати ҳаминанд,

То бишнаванд чизе, гӯянд якдигарро [105, с. 12].

Ҷалолиддин на танхо дар мухити адабии форсу тоҷик ҳамчун адиби инсондӯст, ориф, факех ва донишманд эътироф шудааст, балки уламову удабои Аврупоро низ ба ашъору осори худ ҷалб намудааст. Рӯмӣ вокеъан байни шоирону нависандагони адабиёти классикии форс-тоҷик ва муҳаққиқону донишмандон ҳамчун симои нотакрор эътироф шудааст.

Мавзӯъҳои иҷтимоӣ, ахлокӣ дар ғазалу рубоиёт ва китъаоту тарҷеоти адиб дида мешаванд. Масалан, шоир дар рубоии зерин он касонеро, ки умрро бехуда мегузаронанд, мазаммат мекунад. Шоиста он бошад, ки аз пайи амале кӯшӣ, ба халқ нафърасон бошӣ:

Бедор шав, эй дил, ки ҷаҳон мегузарад,

В-ин мояи умр ройгон мегузарад.

Дар манзили тан махуспу ғофил манишин,

К-аз манзили умр корвон мегузарад [111, с. 65].

Мавзӯи дустӣ, ҳамраъйӣ, ваҳдату ягонагӣ дар газалиёти Мавлоно мақоми шоиста доранд.

Эҷодиёти Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (тақрибан 1219-1292) бо таъсири назми қадимаи тоҷик ташаккул ёфта, бо он узван марбут гардидааст. Саъдии Шерозӣ дар таърихи маданияти ҷаҳон ҳамчун шоири лирик, устоди беҳамтои наср, гуманист ва мутафаккири бузург машҳур аст. Шӯҳрати ин ҳакими доно, гуманисти маъруф, пандомӯз ва педагоги номӣ имрӯз ҳам хеле баланд мебошад.

Ақидаҳои педагогии Саъдӣ асосан дар ду асари номбурда "Бӯстон" ва "Гулистон" баён ёфтаанд. Ин ду асар дар хазинаи педагогикаи тоҷик ганҷи бебаҳост. Саъдӣ дар онҳо як қатор масъалаҳои педагогиро оид ба инсоният ва ахлоқ аз мавқеи ақли солим баррасӣ менамояд ва худ ҳамчун гуманисти бузург зоҳир мегардад [21, с. 166].

Тарбияи ахлоқ дар таълимоти педагогии Саъдӣ мавзӯи асосӣ ва марказӣ мебошад.

Саъдӣ масъалаҳои тарбияи ахлоқро мувофиқи ақидаҳои инсонпарварии худ ҳал карданӣ шуда, дар насли наврас ҳосил намудани ҳиссиёти одамдӯстӣ, ғамхорӣ кардан дар ҳаққи инсон ва ҳурмат намудани шаъну шарафи ӯро вазифаи асосии тарбияи ахлоқ шуморидааст [131, с. 59].

Саъдӣ дар “Бӯстон” ва “Гулистон”-и худ муҳимтарин масъалаҳои ахлоқӣ-тарбиявиро, ки дорой аҳамияти амиқи ичтимой мебошанд, бардошта, ҳокимони даврро ба адлу инсоф, халқро ба илму касбомӯзӣ даъват намуда, золимонро зери танқид мегирад. Ҷиҳати хуб ва фарққунандаи афкори педагогии Саъдӣ аз пешгузаштагонаш дар он аст, ки ӯ роҳҳои ислоҳи душвориҳои замонро нишон медиҳад [21, с. 173].

Азбаски таълимоти Саъдӣ асоси ҳаётӣ ва халӣ дошт, гуфтаҳои пурқиммати педагогии ӯ дар байни халқҳои форсу тоҷик чунин шуҳрат пайдо карда буданд, ки ҳатто ба эҷодиёти даҳанакии халқ дохил шудаанд ва халқ дар тарбияи фарзандони худ аз онҳо истифода бурдааст.

Қисми пешқадами ақидаҳои педагогии Саъдӣ дар таърихи афкори педагогии халқи тоҷик ганҷинаи бебаҳоест.

Хусрав (тахаллуси адабиаш аввал Султонӣ, минбаъд Хусрав, лақабаш Яминуддин, куният Абдулҳасан) дар канори дарёи Ганг, дар наздикии шаҳри Деҳлӣ дар Патёлӣ ном мавзеи Шимоли Ҳиндустон, ки он вақт чун Мӯъминпур маъруф буд, ба дунё омадааст.

Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) дар яке аз шаҳрҳои шимолии Ҳиндустон таваллуд ёфтааст. Аз асарҳои достонии ӯ “Қирон-ус-саъдайн” “Нуҳ сипеҳр” дар мавзӯҳои маҳаллӣ навишта шудааст. Дар асарҳои ӯ машварати хирадмандона, ахлоқиву маънавӣ, даъват ба адолат ва ғамхорӣ дарёфт намудан мумкин аст [52, с. 471].

Амир Хусрави Деҳлавӣ  аз бузурггарин ва сермаҳсултарин шоирони форсзабон ва мутафакирони Ҳиндустон ба шумор меравад. У нафақат ба форсӣ, балки ба забони ҳиндӣ  низ асарҳо эҷод кардааст.

Дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ масъалаҳои иҷтимоӣ ва тарбиявӣ, ахлоқӣ, маънавӣ мавқеи калонро ишғол мекунанд. Ва ин бесабаб нест. Зеро Амир Хусрави Деҳлавӣ қисми зиёди умри худро дар дарбори султонҳо ва ҳокимони ҷудогонаи Ҳиндустон гузаронида, ба тарзи давлатдорӣ, хулиқ ва рафтору кирдори онҳо аз наздик шинос буд [21, с. 175].

Дар ин давра инчунин оид ба илми ахлоқ бисёр асарҳо таълиф ёфтанд. Мутафаккири машҳури асримиёнагии шарқ Ҷалолиддини Даввонӣ (1426-1502) дар ташаккули маънавиёт ба муҳити берунаи иҳотакунандаи инсонҳо диққати махсус медиҳад. Ҷалолиддини Даванӣ соли 1467 бо номи “Ахлоқи Ҷалолӣ” китобе навишт. Дар соли 1494 Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар масъалаҳои ахлоқ ва тарбия “Ахлоқи Мӯҳсини”-ро офарид, ки аз чил боб иборат буда, дар бораи тарбияи ахлоқию маънавӣ сухан ронда шудааст. Ғайр аз ин, ӯ китоби машҳури “Калила ва Димна”-ро бо номи “Анвори Суҳайлӣ” аз нав таҳрир намуд [52, с. 509].

Афкори панду насиҳатӣ ва ахлоқӣ-маънавии Амир Хусрави Деҳлавӣ, яъне ақидаҳои педагогии ӯ дар ашъори лирикӣ, хусусан дар муқаттаот, қасидаҳои фалсафӣ, дар муқаддимаи достонҳо, руҷӯъҳои лирикӣ, панду андарз ва насиҳат ба фарзандонаш дар шакли мухтасар баёни худро ёфтаанд.

Мувофиқати нуқтаи назари Амир Хусрави Деҳлавӣ бо афкори ахлоқии шоирони форсзабони Хуросон ва Мовароуннаҳр оид ба ҳаёти иҷтимоӣ, ахлоқӣ асосан дар масълаҳои тарбияи маънавии инсон дида мешавад.

Мутафаккири бузурги форс-тоҷик Нуриддин Абдураҳ-мони Ҷомӣ яке аз бузургтарин шаирон ва олимони асри XV ба шумор меравад.

Ӯ дар деҳаи Харгарди вилояти Ҷоми назди Хуросон дар оилаи толибилм ба дунё омадааст. Бузургтарин намояндаи адабиёти ин давра шоир ва донишманди маъруф Нуриддин Абдуруаҳмони Ҷомӣ (1414-1492) мебошад. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар тамоми таърихи адабиёти асри миёнаи тоҷик аз сермаҳсултарин шоир мебошад [51, с. 506].

Ҷомӣ дар ҳамаи асарҳояш фикрҳои баланди инсонгароиро ифода мекунад. Дар онҳо тарғиби илму маърифат, муҳаббат ба одам ва нафрат ба зулму тааддии золимон ва давъат ба мубориза зидди беадолатиҳои давр мавқеи асосиро ишғол менамоянд [21, с. 184].

Ҷомӣ дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас роли муҳим бозидани муаллимро қайд кардааст. Ба фикри Ҷомӣ, таъсири устоди тарбиятгар ба одам бениҳоят бузург аст. Он ҳама афзалиятҳои ахлоқӣ, ки барои инсон лозиманд ва боиси баланд шудани шарафи одамӣ мебошад, бо таъсири тарбияи устод ҳосил мегарданд, устод ба одам ҳаёт мебахшад [131, с. 100]. .

Ҷомӣ дар асари худ ҳамаи навъҳои адабиро моҳирона такмил дод ва бо ҳамин ба тараққиёти минбаъдаи адабиёти тоҷик таъсири хоса расонидааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар асарҳои худ ба масъалаҳои тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ диққати махсус медиҳад ва чунин қайд мекунанд:

Агар дар Ҷаҳон набуват омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Аҳмади Дониш яке аз донишмандони бузурги нимаи дуюми асри XIX-и тоҷик мебошад. Маҳз ба ҳамин сабаб ба ӯ тахаллуси Донишро дода буданд. Бинобар калон будани сараш ӯро Аҳмади Калла ҳам мегуфтанд. Аҳмади Дониш – адиби маорифпарвари тоҷик, дар китоби худ “Наводир-ул-вақоеъ” афкори педагогии ҷолибро баён намудааст. Ӯ тавсия додааст, ки дар насли наврас меҳнатдӯстиро бояд тарбия намуд. Мақсади тарбияи ахлоқиро ӯ дар омода намудани ҷавононе, ки ба

дигарон манфиат оварданро вазифаи худ мешуморанд, мебинад. Шоир инчунин эҳтиром намудани шаъну шарафи занонро талқин менамояд.

Муҳимтарин асари Аҳмади Дониш рисолаи “Наводир-ул-вақоеъ” аслӣ, ки аз порчаҳои илмии фалсафӣ, публисистӣ ва бадеӣ фароҳам омадааст [51, с. 717].

Аҳмади Дониш фикру ақидаҳои худро доир ба муносибати падару модар ва фарзандон, одоби бачагон баён намудааст. Ӯ фарзандонро гаштаву баргашта насиҳат мекунад, ки падару модари худро эҳтиром намоянд, хизмати онҳоро аз ҷону дил ба ҷо оранд, ба онҳо ёрӣ расонанд. Дар афкори Аҳмади Дониш худписандӣ, тамаъкорӣ, ҷоҳилӣ ва дигар хислатҳои манфӣ ҳадафи танқид қарор гирифтаанд [109, с. 82].

Дар мероси адабӣ ва илмии Аҳмади Дониш масъалаи тарбия ва таълими насли наврас мақоми махсусро ишғол мекунад. Дониш вазифаи тарбияи маънавиро танҳо дар тайёр кардани кадрҳои барои ҷамъият нафърасон мебинад. Ақидаҳои педагогии Аҳмади Дониш дар "Наводир-ул-вақоеъ” бо номи “Дар васоёи фарзандон ба баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо” боби махсусро ташкил мекунанд [21, с. 210].

Дониш дар таълимоти худ оид ба тарбия ба масъалаи тарбияи бача дар оила ва ҳуқуқ ва вазифаҳои волидайн дар ин масъала низ эътибори ҷиддӣ додааст.

Дониш шоири инсондӯст буда дар тарбияи ахлоқӣ ифодагар маҷмӯаи меъёри зебоипарастӣ мебошад, он кодекси маънавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо бояд як қатор хислатҳои ахлоқиро чун садоқат ба Ватан, муҳаббат ба халқ, қаҳрамонӣ, дӯстдорӣ, эҳтиром ва ғайраро бояд қайд намоем.

Фарзанди арзандаи халқ, нависандаи бозаковат, устод Садриддин Айнӣ (1878-1954) на танҳо шоиру насрнавис, муарриху мунаққид, балки педагоги беҳамтоест, ки хизматҳои ӯ дар ин соҳа шоистаи таҳсинанд.

Садриддин Айнӣ унсурҳои аввалини ахлоқиро дар хона аз волидайн меҳрубони худ омӯхтааст. Инҳо чун ростгӯӣ, бовиҷдонӣ,

серталабию интизомнокӣ, қатъият, мушоҳидакорию дақиқӣ ва ғайраҳо хислатҳои ҳамешагии нависанда гардида, дар давоми ҳаёташ онҳоро бо роҳбарӣ мегирифт, бар зидди дуоӯғ, риёкорӣ, хушомадгӯӣ муборизаи беамона мебурд [77, с. 36].

Айнӣ дар афкори педагогии худ, ба масъалаи тарбияи ахлоқӣ диққати ҷиддӣ медод ва дар асарҳояш насли наврасро бо сифатҳои баланди маънавӣ тарбия мекард.

Ба фикри Садриддин Айнӣ яке аз хислатҳои хуби бачаи боодоб ин соҳибақлу доно будани вай аст. Дар боби "Бачаи боодоб" Айнӣ овардааст: "Бачаи боодоб ҳамеша ба сабақаш зеҳн мемонад, саъй мекунад, ки ҳама чизҳои хондагиашро донад, аз хондан ва донистан бисёр хурсандӣ ва шодмонӣ мекунад......

Бачаи ростқавл асло дурӯғ намегӯяд, ба ҳеч кас зарар намерасонад. Аз мактаб ва аз ҳар ҷой чизе, ки ёбад, ба соҳибаш мерасонад" [77, с. 37].

Устод Айнӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳоро дар тарбияи ахлоқӣ бинад ва меъёрҳои ахлокро муайян сохта, муносибати байниҳамдигарии одамонро нишон медиҳад.

Дар ин замина метавон хулоса кард, ки халқи тоҷик хусусиятҳои хоси миллӣ ба ҳама мепайвандад: мусиқидонӣ, сурудхонӣ, кӯшиши дӯстӣ намудан бо дигар халқҳо ва аз ҳама муҳимтарин ин муносибати умумӣ нисбати тарбияи ахлоқӣ ва зебоипарастӣ мебошад, ки бо назардошти рушди таърихии ҳамаҷониба тасдиқёфта вабаста аст.

Аз хусусиятҳои тарбияи ахлоқӣ мухтасари таърихӣ, фалсафа, зебоипарастӣ дар мардуми тоҷик ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҷузъҳои номбурдаи таълимӣ ба ҳам алоқамандии зич дошта, қисми ҷудонашавандаи тарбияи ахлоқиву зебоипарастӣ ба шумор меравад. Ғояҳои ахлоқӣ ва зебоипарастии халқи тоҷик дар асоси нигоҳи фалсафии мутафаккирони Шарқи миёна бунёд ёфтааст.

Ин нуқтаҳои назар таҳкурсии ахлоқию зебоипарастӣ ва арзишҳои равонии одамонро ташкил медод. Дар тарбияи ахлокиву зебоипарастӣ

дар Шарқи миёна санъати тасвирӣ мақоми хосеро дорост, махсусан намудҳои нодири он ба монанди минётур, санъати наққошӣ, гаҷкорӣ, кандакорӣ, кулолгарӣ, заргарӣ, сикказанӣ, гулдӯзӣ ва ғайраҳо фаҳмо, равон ва хусусиятҳои миллӣ дошта, обрӯ ва ифтихори санъати халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Тарбияи ахлоқии мардум дар ягонагӣ ва муҳаббат ба Ватан, пеш аз ҳама, дар хона, аз ҷумла кори оила, дар кӯдакистон, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ба воситаи истифодаи васеи санъати тасвирӣ бояд оғоз гардад. Танҳо дар ин сурат, дар кудакон муҳаббат ба анъанаҳои миллӣ, эҳтиром ба меҳнат, ба дастовардҳои санъат, эҳтиром ба тамоми зуҳуроти ахлоқию зебоипарастии дигар халқҳо пайдо мегардад.

Кудакон бояд ривоятҳои халқӣ, афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳоро шунида ба воя расанд, зеро руҳуравони инсон бо шири модар ташаккул меёбад. Тавре ки шахси ҳамаҷиҳата такомулёфта бе хотира нест, бе хотира буда наметавонад, инчунин дар халқ оянда намешавад, агар таърихи худро ба хубӣ надонад.

Ҳамин тавр, тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои синну соли ва фардои онҳо бояд ба роҳ монда шавад. Дар синфҳои ибтидоӣ, мактаби асосӣ ва миёна талабе вуҷуд дорад, ки шакл, тарзу усулҳо, воситаҳо тарбияи ахлоқиву зебоипарастӣ мувофиқи вазифаҳои гузошташуда ва дараҷаи тарбияи хонандагон бошад.

## 1.2. Нақши асарҳои рассомони халқи тоҷик дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон

Мусаллам аст, ки баробари аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва баъдан идома пайдо намудани солномаи мазкур дар солҳои 2019-2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” марҳилаи нави рушди санъати мусаввирӣ ва ҳунарҳои мардумӣ фаро расид. Ин андеша ва ташаббуси шоистаро кулли аҳли зиё, хоса эҷодкорону рассомон, меъморону муҷассамасозон, ҳунармандону санъатшиносон ҷонибдорӣ ва хуш истиқбол намуданд.

Маълум аст, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ айни замон марҳалаи мураккаби инкишофро аз сар гузаронида истодаанд. Ин бо такмили низоми таълиму тарбия алоқаманд аст. Таваҷҷуҳи махсусро масъалаи баланд бардоштани нақши муассисаи таҳсилоти миёна, сатҳу сифати раванди таълим ва фанҳои алоҳида дар ташаккули муносибати маънавию ахлоқӣ, эҳтироми хонанда ба санъат, анъана ва оинҳои миллӣ тақозо менамояд. Дар баробари ин нақши санъати тасвирӣ ҳамчун омили нерӯбахши тарбияи хонанда дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳо ва фарҳанги миллӣ кам тадқиқ шудааст.

Масъалаи омӯзиши муваффақонаи санъати тасвирӣ чун воситаи тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммои мубрам ба шумор меравад. Ба ҷомеа дар ҳалли бомуваффақияти ин муаммо нақши оила ва мактаб, олимону донишмандон, мутахасссисони варзидаи фарҳанг, адабиёт ва санъат ёрӣ мерасонад. Бахусус дар раванди ташаккул ва тарбияи ҳиссиёти наҷибу беҳтарин дар инсонҳо новобаста аз миллату нажод, пеш аз ҳама ҷавонон нақши санъатшиносону мутахассисони соҳа хеле калон мебошад. Дар ин замина санъати миллӣ имконоти фарох дорад. Вижагиҳои ба худ хоси анъанаҳои таърихан ташаккулёфтаи

санъати тасвирӣ имкон медиҳанд, ки нерӯи зебоипарастии онҳо дар тарбияи ахлоқии шахсияти хонанда истифода гардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид менамоянд, ки "асоси офаридаҳои рассомон ба фалсафаи ҳамзистии инсон алоқамандӣ дошта, дар онҳо муаммоҳои имрӯзаи ҷомеа, зебоиҳои табиат ва вобаста ба ин, ҳифзи муҳити зист тасвир ёфтаанд, ки бешубҳа арзиши баланди тарбиявӣ дорад" [211, с. 3].

Ба андешаи донишманд Й.Юлдошев: "Санъати тасвирӣ низ дар тарбияи нафосат нақши намоёне мебозад. Расми зеборо тамошо карда, дар хонандагон ҳаваси расмкашӣ ба вуҷуд меояд ва дар онҳо нишонаҳои қобилияти эҷодкорӣ ҳувайдо мешавад. Ба муаллимон ва волидон лозим аст, ки барои расмкашӣ шароит фароҳам оварда, кӯмаки худро ба онҳо дареғ надоранд" [228, с. 254].

Арзёбии дурусти имконот ва меъёрҳои ахлоқию зебоипарастии асарҳои рассомони халқи тоҷик на танҳо дар марҳалаи муосир, балки дар оянда низ пайваста таваҷҷуҳ ба гузаштаро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин, мурочиат ба асарҳои рассомони халқи тоҷик бамаврид аст, зеро аксари ақидаву матлабҳои дар онҳо баёншуда дурусту воқеӣ буда, масъалаҳое, ки рассомон баррасиву инъикос намудаанд, имрӯз низ мубрам ҳастанд. Бинобар ин, онҳо аз қаъри асрҳо ҳамчун муосирони мо падидор гардида, насиҳати хирадмандонаи онҳо роҳнамои зиндагии имрӯзиён ба ҳисоб меравад.

Санъати мусаввирии Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси худ инкишоф ёфта, он дар ороиши биноҳои ҷамъиятӣ, истиқоматӣ ҳамчун наққошӣ зоҳир гардидааст. Наққошон диққати асосии эҷодкории худро дар пайвастагии санъати наққошӣ бо кандакории гаҷ ҳисобида, муносибати маҷмӯаи ранги наққошӣ ва ранги табиии гаҷро бо ҳам созгор менамуданд, ки дар натиҷа ба асари мусаввирӣ мубаддал мегардид.

Рушди санъати тасвирии Тоҷикистон дар солҳои аввали инқилобӣ дар шакли ҳунари санъати ороиши амалӣ зуҳур ёфтааст, чунки

рассомони касбӣ дар он забон мавҷуд набуданд, то ки мактаби рассомӣ, мусаввирӣ, графикӣ ва муҷассамасозиро ташкил намояд. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ фароҳам намудани замина оид ба рушду густариши санъати тасвирӣ буд, ки мутахассисон ба ин раванд сафарбар гардида буданд. Барои рушди соҳа рассомон ва мутахассисони ҳирфаӣ аз кишварҳои хориҷ ба кор фаъолият карда шуданд.

Дар нимаи солҳои XX аз ҷониби рассомони соҳибмактаб Л. Бурэ, А.Патрошкин ба санъати графикӣ асос гузошта мешавад, ки минбаъд дар рушди нигориши ташвиқотӣ, тасвирҳои графикии маҷаллаю рӯзнома асос мегузоранд.

Эҷодиёти рассом ва корҳои графикии Бурэ Л. ба мубориза душманони дохилӣ ва беруна бахшида шуда, нигоришҳои ташвиқотӣ, тасвирҳои графикӣ дар маҷаллаи "Мулло мушфиқӣ" чоп мешуд ва мардумро ба масалаҳои доғи рӯз шинос менамуд.

Сюжети тасвирҳои графикӣ, ки масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии он замонро ифода мекарданд мухлисони зиёд дошт.

Чунин нигоришҳои ташвиқотӣ ва тасвирҳои графикӣ хусусияти тарбиявӣ-тағриботӣ дошта, аз дигар тараф эҳсоси оммаи халқро ба омӯзиши санъати тасвирӣ ва тарбияи зебоипарастӣ бедор мекард.

Давоми ин солҳо дар соҳаи маданияту фарҳангии Тоҷикистон навгониҳои маданӣ ба вуҷуд ояд. Аз ҷумла соли 1932 дар шаҳри Хуҷанд ва соли 1933 дар шаҳри Душанбе осорхонаи кишваршиносӣ ба фаъолият оғоз кард, ки аввалин намоишҳои асарҳои эҷодии рассомон ба намоиш гузошта шуда, минбаъд, аввалин маркази фарҳангӣ-бадеии "Хонаи эҷодии халқӣ" (1935) ва омӯзишгоҳи рассомӣ (1936) ташкил ёбад.

Санъати касбии тоҷик дар давраҳои гуногун як қатор мушкилиҳоро паси сар намудааст. Бо мақсади рушди соҳа ва инъикоси дастовардҳои эҷодӣ ва асарҳои эҷодии мусаввирон, муҷассамасозон,

графикон ва ҳунармандони санъати ороишӣ-амалӣ дар шаҳри Москва (1940) ба намоиш гузошта шуданд [211, с.69].

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои дар бойгонии вилоятии давлатӣ воқеъ дар шаҳри Хуҷанд нигоҳ дошта шуда, 5-уми январи соли 1943 якумин маҷлиси аъзоҳои истеҳсолии дастаи “Рассомӣ” ташкил мешавад ва дар он низомномаи кооператив қабул карда шуда, мақсад ва вазифаҳои он муайян карда шудаанд.

Моҳи октябри соли 1947 рассомони дастаи “Рассомӣ”-и шаҳри Хуҷанд ба намоиши ҷашни рассомони Тоҷикистон 17 адад мусаввараҳои худро ба намоиш гузошта, ду асар ба фонди бадеии осорхонаи ҷумҳуриявии санъати тасвирӣ харидорӣ карда мешавад.

Дар тарғиб ва омӯзиши санъати тасвирӣ, тайёр кардани рассомони ҷавон ва баланд бардоштани маҳорати касбии рассомон аъзоёни Иттифоқи рассомони Тоҷикистон дар вилояти Суғд ҳунармандони халқӣ Нуриддинов Б., Турдиев Т.Т., рассом Эшонова Н.П., рассомони ороишгар Османов С., Бравидовский А. ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Соли 1958 дар заминаи иттиҳодияи ”Эҷодкорони ҳунарҳои халқӣ” ва дастаи “Рассомӣ”-и шуъбаи Ленинободии (ҳозира Суғдии) Иттифоқи рассомон ташкил шуда, рассомони вилоятро муттаҳид гардонид.

Муваффақиятҳое, ки мамлакати мо дар давраи муосири рушд бо асарҳои рассомон дар соҳаи тарбия ва таълими насли наврас ба даст овард ба инкишофи санъати тасвирии Тоҷикистон ва сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон саҳми арзанда гузошт. Хусусан асарҳои пурмазмун ва ахлоқии рассомон А. Ашӯров, М.Хошмуҳаммадов, К. Ёдгоров, М.Боборикин, П. Фалбов, А. Камелин, Т.Турдиев, М.Абселямов, И.Абдураҳмонов, Ф.Салмонов, Х.Хушвахтов, С.Захаров, С.Қурбонов, Ғ.Ҷӯраев Н.Эшонова, У.Раҳимов, Р.Маҷидов, А.Исроилов, К.Мӯминов, Х.Мирраҳматов, Х.Давлатов, М.Алиназаров, А.Ҷаборов ва дигарон дар ин самт қобили зикр ва таъкид мебошад.

Рассоми шинохта Ашӯров А. (1904-1976) узви Иттифоқи рассомони Иттиҳоди Шӯравӣ (1945) буда, дар шаҳри Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Ӯ аз овони ҷавониаш ба рассомӣ ва наққошӣ шавқи зиёд дошта, соли 1919 ба омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Тошканд дохил шуда, соли 1922 онро хатм намудааст. Фаъолияти эҷодии ӯро ба назар гирифта, барои таҳсил ба Академияи рассомии шаҳри Санкт-Петербург роҳхат пешниҳод менамоянд. Мавзӯи эҷодии рассом А.Ашӯров дар жанрҳои манзаранигорӣ, натюрморт, чеҳранигорӣ, зист ва таърихӣ буда, асарҳояш дар намоишҳои ҷумҳуриявӣ, умумииттифоқӣ ва байналхалқӣ ба маъраз гузошта шудааст. Аз ҷумда асарҳои ӯ таҳти унвони «Чеҳраи омӯзгор», «Автопортрет» (1972), «Ба ивази ҷанговарон» (1944), «Аълочиёни синфи 5», «Гӯсфанди ҳисорӣ» (1947) дар осорхонаи муттаҳидаи шаҳри Душанбе, «Осорхонаи халқҳои шарқ» дар шаҳри Москва ва «Қутоспарварон», ки дар он вазнинии кори пурмашаққати деҳқони камбағали тоинқилобӣ тасвир ёфтааст ба намоиш гузошта шудааст [ 210, с. 23].

Асарҳои зебои рассомро тамошо карда, дар хонандагон ҳаваси расмкашӣ ва нишонаҳои қобилияти эҷодкорӣ, меҳнатдӯстӣ ҳувайдо мешавад. Дар асарҳои рассом, ки хусусияти таълимиву тарбиявиро доро мебошанд ва асоси комёбии он дар интихоби дурусти композитсия буда, бештар фарогири сифатҳои ростқавлӣ, хирадмандӣ, адолатпарварӣ, покизагӣ ва хушмуомилагӣ мебошад.

Яке аз рассоми барҷастаи халқи тоҷик Хошмуҳаммадов М. (1912-1990) хатмкунандаи омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Боку, ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон, узви Иттифоқи рассомони Иттиҳоди Шӯравӣ (1943) мебошад [ 210, с. 24].

Рассом Хошмуҳаммадов М. дар асарҳои худ манзараҳои зебои Тоҷикистонро ба мисоли «Қишлоқи Зимчуруд» ва «Манзараи сафедорзор» бо назокати хоса офарида, дар композитсияи ранггузорӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Эҷодиёти рассом дар инкишофи

санъати тасвирии тоҷик саҳми калон гузоштааст. Рассом дар асарҳои офаридааш, дар баробари мавӯъҳои панду ахлоқӣ ба васфи одамони заҳматкаш ва танқиди муфтхӯрони ҷамъият низ диққати зиёд додааст.

Яке аз рассомоне, ки дар рушди соҳа саҳми арзишманди худро гузоштааст Хушвахтов Х. (1926) буда, мавсуф дар ноҳияи Рӯшони ВМБК таваллуд шудааст. Рассоми халқии Тоҷикистон (1974), ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистони Шӯравӣ (1967), дорандаи мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи А.Рӯдакӣ, узви Иттифоқи рассомони Иттиҳоди Шӯравӣ (1961), хатмкунандаи Донишкадаи мусаввирӣ ва ҳайкалтарошии ба номи В.М. Суриков (1960) мебошад.

Асарҳои манзаранигории «Хоруғ» (1961), «Водии Олой» (1962), «Деҳаи Қиблай» (1967), «Оқбайтал» (1970) бо эҳсосоти баланди эҷодӣ ва фарогирии табиати зебоманзари диёр, дарёчаи шӯхи кӯҳӣ, куҳҳои баланди бо барф пӯшида, рангҳои сабзи дурнамои табиат бо ҳиссиёти баланд офарида шудааст. Манзараҳои ӯ бо рангҳои сабзи нилобӣ, сабзсару гулгун ифода ёфтаанд [210, с. 31].

Асарҳои рассом мавзӯъҳои ҳаёти ҳаррӯза, зисту зиндагонӣ, анъанаҳои халқи тоҷик, қаҳрамониҳои инсони офарандаю созанда ва тарбияи зебоипарастиро дар бар гирифтааст.

Мусаввир Хушвахтов Х. бо эҷодиёти пурсамари худ барои рассомони ҷавони Тоҷикистон намунаи ибрат буда, барои инкишофи минбаъдаи ҳунари онҳо саҳми босазо гузоштааст.

Комил Ёдгоров рассом-монументалист, (6.05.1950) дар деҳаи Ҳадишаҳри ноҳияи Мастчоҳ таваллуд ёфтааст. Рассоми халқии Тоҷикистон (1999), аъзои Иттифоқи рассомони Иттиҳоди Шӯравӣ (1982), академики Академияи мусаввирии Тоҷикистон (2011) мебошад [211, с. 4].

Асарҳои монументалӣ ва мусавварахои рассом фарогири мавзӯъҳои ҳаёти ҳаррӯза, зисту зиндагонӣ, анъанаҳои халқи тоҷик, қаҳрамониҳои инсони офарандаю созанда, таърихи халқи тоҷик ва мавзӯъҳои доғи рӯз мебошад. Комил Ёдгоров иштирокчии фаъоли

намоишҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ буда, рассом 40 асари тозаэҷоди худро дар галереяи санъати муосири Тоҷикистон соли 2017 ба маърази тамошобинон гузоштааст, ки тамоми асарҳои рассом сифатҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва зебоипастиро дарбар мегирифт.

Номбурда дар рушду нумӯи санъати монументалии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст. Асарҳои монументалии вай зиёда аз 50 композитсия ва мавзӯъҳои гуногуни иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва тарбиявиро дар бар гирифта, мазмун ва арзиши баланд доранд.

Ёдгоров дар асрҳои офаридааш ба ташаккули инсон ва шахсияти ӯ, ҳамчунин ба тарбия, бахусус, тарбияи маънавию ахлоқӣ аҳамияти махсус зоҳир мекард.

Шодиев Тоҳир Очилович (1948-1998), дар шаҳри Истаравшан ба дунё омадааст. Хатмкунандаи аввалини факултети рассомӣ-графикии ДДОЛ ба номи С.М. Киров (1972) (ҳоло факултети санъати тасвирӣ ва технологияи МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров) мебошад. Шодиев Т.О. дар жанрҳои мухталифи мусаввирӣ, натюрморт, манзаранигорӣ, чеҳранигорӣ асарҳои зиёд офарида, дар интихоби сюжет рангу ранггузорӣ бо услуби сабки корӣ, зуҳуроту воқеаро ба тасвири хосса инъикос намудааст. Шодиев Т. муаллифи мақолаҳои илмӣ, дастури методӣ ва луғатномаи истилоҳи санъати тасвирӣ буда, зиёда аз 40 асари эҷодӣ офаридааст, ки мавзӯҳои меҳварии онҳоро таълиму тарбия ва эҳсоси зебоипарастии наврасону ҷавонон ташкил мекунад. Асарҳои эҷодкардаи рассом дар намоишгоҳҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ манзури мухлисон гардидааст.

Шодиев Т. ба масъалаҳои ахлоқӣ, аз қабили шаъну шараф, некиву бадӣ, адолат ва виҷдон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ба андешаи ӯ, шахсияти ҷавони муосир дар раванди тарбия ва дарки зебоипарастӣ ташаккул меёбад.

Шодиев Т. дар рушди санъати тасвирии тоҷик ва тайёр кардани мутахассисони соҳа саҳми босазо гузоштааст.

Рассом-омӯзгор Бобоҷонов Акбаралӣ (12.08.1949), зодаи шаҳраки Ғафурови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998), узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон (2011) мебошад.

Устод Бобоҷонов А. мавзӯи эҷодии худро бештар ба манзаранигорӣ равона кардааст. Дар осори рассом мо манзараҳоеро мебинем, ки дили мафтункунандаи қалбу рӯҳи инсон мебошад. Маҳорати касбии устод дар тасвири манзаранигорӣ ташаккул ёфтааст. Дар асарҳои манзаранигории устод табиат бо хусусиятҳои хоси табиии худ ифода ёфтааст, ки шахс аз зебоии табиат муассир гашта, ин асарҳо ақлу заковати бинандаро зуд ба худ ҷалб месозад [211, с. 6].

Асарҳои эҷодии манзаранигории Бобоҷонов А. “Деҳаи Ғова” бо андозаи 120х90 (1982), “Андарақ” (1982), “Натюрморт бо анор” бо андозаи 50х30 (1984), “Зафаробод” бо андозаи 120х95 (1984), “Тирамоҳ” бо андозаи 60х40 (1985), “Хуҷанд” бо андозаи 109х38 (1986), “Пахтазори Зафоробод” бо андозаи 60х40 (1987), “Дарёи Серебяник” бо андозаи 40х20 (1988), “Павловск” бо андозаи 70х60 (1995), “Галамайдон” бо андозаи 110х85 (1995), “Исфара, тангии Сурх” бо андозаи 80х40, “Обшорон” бо андозаи 90х60, “Шаҳристон” бо андозаи 100х80 (2010) ва ғайраҳо мебошад, ки барои тарбияи насли наврас аҳамияти ҷиддӣ доранд.

Яке аз асарҳои тозаэҷоди “Баҳор”, ки ба наздикӣ пешкаши томошобинон гардид, сужети асар ба зебоии табиати диёрамон бахшида шудааст. Композитсия фарорасии фасли зебои сол - баҳорро дар даманаи кӯҳсорони Ватани азизамон инъикос менамояд. Дар асар истифодаи қонуниятҳои композитсия, дурнамо, дурнамои ҳавоӣ, рангшиносӣ, дамидани сабзаҳо, гул кардани дарахтон ва хурсандии кӯдакон тасвир шудааст, ки бинандаро ба худ ҷалб карда, завқи бадеӣ ва сифатҳои ахлоқию зебоипарастиро бедор менамояд.

Дар асарҳои рассом табиати диёра бо зебогии такрорнашавандаи худ инъикос меёбад ва хонандагонро ба эҳсоси гарми ватандӯстӣ, муҳаббат ба табиат ва муҳофизати он даъват мекунад.

Ба ақидаи рассом барои ташаккул додани тарбияи ахлоқию зебоипарастии наврасону ҷавонон истифодаи самараноки асарҳои рассомон нақши арзишманд ва муҳимро мебозад.

Мӯминов Карим Розиқович – дотсент, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон, узви Академияи мусаввирии Тоҷикистон (2016), соли 1952 дар оилаи ҳунарманд ба дунё омадааст.

Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ӯ доимо ба корҳои эҷодӣ шуғл меварзад. Барои дарёфти сюжетҳои нав мунтазам ба табиати зебоманзари диёр, яъне ба деҳаи Ворухи Исфара, ноҳияҳои Шаҳристону Ашт, минтақаҳои назаррабои Искандаркӯлу Ҳафткӯл сафарҳои эҷодӣ намуда, осори гаронарзишеро офаридааст, ки дар меҳвари онҳо масоили баланд бардоштани эҳсоси зебоипарастӣ қарор гирифтааст [211, с. 9].

Қобили қайд аст, ки К. Мӯминов дар асарҳои эҷодиаш услуби хос ва бозёфтҳои навинро истифода менамояд, ки он ҳамаро дар асарҳои “Шаҳристон”, “Искандаркӯл”, “Понғоз”, “Кухсори Ғончӣ”, “Тути калон”, “Беди каҷ”, “Шаҳри қадима”, “Октябр дар Хуҷанд”, “Бухоро”, “Манзараи индустралӣ” дидан мумкин аст.

Жанри дӯстдоштаи К.Мӯминов манзаранигорӣ мебошад. Жанри манзаранигории ӯ беҳамто буда, дар он тобиши рангҳо, ранггузорию таносуби он хеле моҳирона интихоб гардида, осмони софу беғубор, кӯҳҳои сарбафалак, заминҳои ҳосилхез, дарёҳои пур аз об бо як эҳсосоти баланд инъикос гаштааст, ки барои тарбияи насли наврас ҳиссаи арзанда гузошта, ҷиҳати ғанӣ гардонидани маъхази санъати тасвирии тоҷик пешниҳод гардидааст.

Устод, рассоми моҳирқалам бештар аз 300 номгӯи асари эҷодии худро бо услуби хоси нотакрор офаридааст. Манбаи илҳоми ӯро рӯзгори

халқ, мароми созандагиву бунёдкории омма, манзараҳои нотакрори Тоҷикистони азиз ва таърихи кишвар ташкил медиҳад.

Шералиев Саидалӣ – ҳайкалтарош, Арбоби ҳунари Тоҷикистон (2000), аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон (2002), профессори кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқии факултети санъати тасвирӣ ва технологияи МДТ ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, соли 1954 дар Ҷамоати Еваи ноҳияи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст.

Шералиев С. фаъолияти меҳнатиашро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 11 ва соли 1977 ҳамчун омӯзгори кафедраи расм ва мусаввирии ДДОЛ ба номи С.М. Киров оғоз намудааст [211, с. 43].

Композитсияҳои муҷассамаҳои ӯ бахшида ба қиссаҳои афсонаҳои халқи тоҷик мебошад, ки дар боғи истироҳатии К.Хуҷандӣ ҷой дода шуда буданд. Композитсияҳо бо ҳаммуаллифии Мадаминов А. ва Ҳасанов С. иҷро шудааст. Композитсияҳои ӯ аз 10 афсонаҳои халқӣ иборатанд, ки барои хурдсолон тухфаи хуб буд. Мақсади асосии муҷассамаҳои устод ба тарбияи насли наврас, бедор намудани завқи хонандагон ва эҳсоси зебоипарастии онҳо равона карда шудааст.

Дар асарҳои минбаъдаи устод, ки муҷассама – нимтанаҳои қаҳрамонони ҷангу меҳнат мебошад, арбобони давлатӣ ба монанди Ӯрунбек Ёқубов, Ҷаббор Расулов, Бобо Турдиев, Бобохон Ҳамдамов, Қурбон Муллоев, Аҳмадҷон Шаропов ва дигаронро фаро гирифтааст, ки барои тарбияи рушди зебоипарастии хонандагон нақши босазор дорад.

Маҳсули эҷоди Шералиев С. муҷассамаи Камоли Хуҷандӣ (2009) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49 ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, нимпайкараи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шаҳри Панҷакент ҷойгиранд. Шералиев С. барои баланд бардоштани маҳорати касбии худ дар шуъбаи ҳайкалтарошии Академияи санъати ба номи И.Е. Репин шаҳри Санкт-Петербург курси бозомӯзиро гузаштааст, иштирокчии доимии намоишҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ мебошад.

Абдураҳмонов Восит – мусаввир. Соли 1955 дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст. Ӯ аз овони мактабхониаш ба санъати тасвирӣ шавқу рағбати зиёд дошт.

Асарҳои монументалии “Оби тоза” 2008, маҳаллаи “Бофанда”-и шаҳри Хуҷанд; “Об барои ҳаёт”, деҳаи “Сангпар”-и шаҳри Кӯлоб; “Деҳаи Хуррамзамин” 2012, ноҳияи Данғара; “Истироҳат”, осоишгоҳи “Баҳористон”-и шаҳри Гулистон; “Сӯзанӣ” 2014, кошинкории дар бинои маҳаллаи 18 шаҳри Хуҷанд; наққошии МД “Хона-музейи Камоли Хуҷандӣ” 2016 ва наққошии якчанд иншоотҳои ҷамъиятии шаҳру навоҳии Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, деворанигораи хиёбони Исмоили Сомонии шаҳри Хуҷанд ва аз нав барқарорсозии наққошии сақфи гумбази бозори Панҷшанбе (2018) мебошад [211, с. 11].

Рассом аз соли 1975 дар намоишҳои рассомони шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, умумииттифоқӣ ва байналхалқӣ бо асарҳои гуногунҳаҷму гуногунмазмун иштирок менамояд. Асарҳои офаридаи Восит Абдураҳмонов дар фонди бадеӣ-ҷумҳуриявӣ, Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва коллексияҳои шахсии давлатҳои Амрико, Олмон, Англия, Арабистон, Хитой, Эрон ва дигар кишварҳои дунё ҷой гирифтааст, ки мазмуни асосии асарҳо бештар ба тарбияи ахлоқиву зебоипарастии мардум нигаронида шудааст.

Восит Абдураҳмонов узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон (1996), аъзои Иттифоқи рассомони Иттиҳоди Шӯравӣ (1983), дорандаи Ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ (2001), Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000) мебошад. Абдураҳмонов В. дар жанрҳои мавзӯӣ, чеҳранигорӣ, манзаранигорӣ, натюрморт мусаввараҳои зиёде офаридааст. Асарҳои ӯ бо услуби хос, ифодаҳои шартӣ, тасвирҳои сода ва фарогири ҷӯшу хурӯши воқеаҳои ҳаррӯза инъикос ёфтаанд.

Рассом дар мусавваараи “Тайёрӣ ба тӯй” яке аз анъанаҳои мардуми тоҷикро мавзӯи асари худ интихоб намудааст. Асар бинандаро аз ҷиҳати

тартиби қисматҳои расм – тасвири пиёзмайдакунӣ, сабзимайдакунӣ, суҳбати меҳмонон ва хонаи миллӣ ҷалб менамояд. Услуби корбасти рангҳо, ҷобаҷогузории қаҳрамонони асар ба худ хос буда, ифодагарӣ сифатҳои зебоипарастӣ ва суннатҳои миллии мост, ки хусусияти тарбиявии баланд дошта, дар он саҳмгузории ёрӯ дӯстон, хешу ақрабо дар раванди хубу хотирмон таҷлил гардидани яке аз маросими миллӣ ба назар мерасад.

Дар байни рассомон Исоев Акбар Баҳоваддинович мавқеи хосеро ишғол менамояд. Исоев Акбар Баҳоваддинович - номзади санъатшиносӣ, дотсент, Аълочии маорифи Тоҷикистон, аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон мебошанд.

Акбар Исоев доимо дар ҷустуҷӯи мавзӯи асарҳои эҷодӣ буда, дар жанрҳои мухталифи санъати тасвирӣ: натюрморт, манзаранигорӣ, чеҳранигорӣ, маишӣ бо услуби хос асарҳои худро манзури тамошобинон намудааст. Дар мусаввараҳои “Дар пешайвон” (1986), “Ҳавз” (1987) ба ҳаёту фаъолияти донишҷӯён, дурнамои зиндагӣ ва анъанаҳои миллии духтарони маҳаллӣ ва зебоипарастиро инъикос намудааст, ки рангубори ба худ хос, композитсияи ба бинанда фаҳмо ифода ёфтаанд. Устод Исоев А. дар тӯли фаъолияти эҷодии худ дар жанри мушкили чеҳрангорӣ низ асарҳо офаридааст, ки хоса асарҳои “Ӯсма” (1983), “Дилрабо” (1986), “Мутриба” (2009) оид ба хислатҳои хоси инсонӣ, бо сарулибоси тоҷикона, сифатҳои ахлоқӣ тасвир ёфтаанд, ки фаъолияти касбии рангҳо тозаю нафис, гӯё, шаффоф ифода ёфтаанд. Ин асарҳо бинандаро ба рӯҳонияти ҷаҳони қахрамони тасвиршуда шинос менамояд. Мавсуф пайваста дар офаридани чеҳраҳо ба комёбӣ ноил гардида, соли 2008 асари “Автопортрет” меофарад, ки яке аз асарҳои психологии устод ба ҳисоб меравад [211, с. 16].

Дар тӯли фаъолияти омӯзгорӣ ва эҷодӣ худ низ шогирдони зиёдеро тарбия намудааст, ки дар гӯшаҳои беканори Тоҷикистони азиз фаъолияти омӯзгориву эҷодӣ мебаранд.

Дар асарҳои сершумори рассом мавзӯъҳои зиёде оид ба ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ ба назар расида, бештар хусусиятҳои инсонпарварӣ, меҳру муҳаббат нисбат ба одамон, ҳамдиливу иттифоқро инъикос намудаанд.

Устод А. Исоев дар баробари машғул гардидан ба асарҳои тасвирӣ бештар ба масъалаи тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии насли шоистаи замон низ таваҷҷуҳи зиёд дошта, 30 мақолаи илмӣ, 10 дастури методӣ низ таълиф намудааст, ки барои тарбияи насли наврас хизмати шоиста карда истодаанд.

Ҷӯраев Ғафур соли 1962 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Арбоби ҳунари Тоҷикистон (2008), дорандаи ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ, узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон ва Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон мебошад.

Ҷӯраев Ғ. асарҳои худро дар жанрҳои чеҳранигорӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва санъати пайкарасозӣ эҷод кардааст. Рассом дар офаридаҳои худ ашхоси таърихии халқи тоҷик ва муборизони байни некию бадӣ, муаммоҳои умумиинсониро ифода кардааст. Асарҳои маъруфи ӯ «Солҳои вазнин» (1984), «Борбад» (1991), «Фоҷиа» (1994), «Файласуфон» (1996) ва ғайраҳо мебошанд [211, с. 25].

Рассом Ҷӯраев Ғ. дар асарҳои худ мавзӯъҳои мухталифи ҳаёт, табиати зебоманзари Ватан, муаммоҳои таърихии халқи тоҷик, ки рӯҳияи инсонпарварӣ ва худшиносию меҳнатдӯстиро ифода кардаанд, моҳирона тасвир намудааст. Инсонпарварӣ яке аз сифатҳои ахлоқиест, ки дар асарҳои рассом дидан мумкин аст.

Рассом ба шахсиятҳои тасвирёфта таваҷҷуҳ равона намуда, хислатҳои ботинӣ ва зоҳирии нишонаҳои рамзи онҳоро ифода намудааст, ки тамошобин танҳо бо дидани он дар бораи кӣ будани онҳо хулоса мебарорад.

Рассом Ҷӯраев Ғ. дар инкишофи санъати ҳақиқатнигорӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳа саҳми калон гузоштааст. Ӯ иштирокчии

намоиши корҳои эҷодии рассомони ҷумҳуриявӣ, умумииттифоқӣ ва форуми байналхалқии рассомон дар шаҳри Ханҷоуи Чин (2009-2013) Елабуга (Россия) 2016, намоиши байналхалқии давлатҳои аъзои ШОС, форуми 6-уми “Рисуем озера Сиху” (2017) мебошад. Асарҳои ӯ дар осорхонаҳо ва дар ихтиёри шахсони алоҳидаи ИМА, Исроил, Афғонистон, Туркия, Ӯрдун ва Алҷазоир маҳфуз мебошанд.

Ашӯров Муқим Ҷӯрабоевич 30.05.1962 дар шаҳри Хуҷанд ба дунё омадааст. Педагог-санъатшинос, номзади илмҳои педагогӣ (с.1991), дотсент, хатмкардаи факултети рассомӣ-графикии МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров. Мутахассиси соҳаи санъати ороиши амалӣ. Тадқиқотҳои ӯ усулҳои фаъолнокии хонандагони синни хурди мактабӣ дар маҳфили санъати ороиши амалӣ мебошад [211, с. 26].

Ашӯров М. иштирокчии доимии намоиши асарҳои эҷодии донишгоҳӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ мебошад. Асарҳояш дар намоишгоҳҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон (2018), ш. Елабугаи Россия (2016) нигаҳдорӣ шудаанд. Мавсуф дар конфронсҳо ва симпоузиумҳои байналмилаӣ Уфа (1991), Хуҷанд (1992, 2002, 2004), Москва (1993, 2006), Елабуга (2016) иштирок ва маърӯза намудааст.

Устод муаллифи якчанд мақолаи илмиву дастурҳои таълимиву методӣ, роҳнамои таълимӣ барои мактабҳои олӣ аз он ҷумла «Наққошӣ» (2003), «Наққошӣ ва кандакорӣ» (2005), фехрасти намоиши асарҳои устодону шогирдони факултетҳои санъат ва рассомӣ-графикӣ (2007) ва асарҳои эҷодӣ дар жанрҳои манзаранигорӣ, чехранигорӣ, натюрморт ва анималистӣ ба ҳаводорони санъат пешкаш намудааст, ки дар онҳо тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ ҷойи аввалро ишғол менамояд.

Шарипов Қобил Каримбоевич – омӯзгор-наққош, 30-юми январи соли 1963 дар оилаи хизматчӣ дар деҳаи Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст. Ӯ доимо фаъолияти омӯзгориро ба кори эҷодӣ пайваст намуда, дар офаридани асарҳои эҷодӣ ва корҳои ороишии иншоотҳои давлатӣ ва инфиродӣ машғул мешавад. Асарҳои эҷодии ба

монанди “Паррандаҳо”, “Натюрморт ва меваҳо”, “Дарахти кӯҳан”, “Манзараҳои Шаҳристон”, “Варзоб”, “Шаҳри Хуҷанд”, “Мақбараи Шайх Муслиҳиддин”, “Чеҳраҳои Мадина”, “Автопортрет”, “Аспи ахалтекӣ”, “Саги чӯпон” маҳсули дастранҷи ӯ мебошад [211, с. 28].

Асарҳои рассом дар хонандагон эҳсос ва дарки зебоигии ҳаёти ҷамъиятӣ, муносибатҳои инсонӣ, меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ, меҳру муҳаббат нисбат ба табиат, ватандӯстӣ ва одобу ахлоқро бедор менамояд.

Леанардо да Винчи дар бораи мусаввирӣ чунин ақида дорад, ки мусаввир бо табиат баҳс ва мусобиқа мекунад [111, с. 141].

Фаъолият ва эҷодкории Қобил Шарипов дар санъати наққошӣ тартиб додани нақш, ҷобаҷогузории гулу барг, ҷузъиётҳои дигари наққошӣ, нозукиҳои тасвири бадеӣ, намояҳои нақшинро тартиб медиҳад. Хусусан, интихоби заминаи наққошӣ, таҳранг, муносибати пайдарпай, нақшҳои гуногун, ки зина ба зина рангҳои тағйирёфта як композитсияи томи нақшро ба вуҷуд оварда, тамошобинро ба дунёи беканори худ мебарад. Ӯ асоси наққошии худро аз ҳафтранг, яъне тирукамон аз рангҳои сурх, норинҷӣ, зард, сабз, кабуд, осмонӣ ва сабзсар офардиааст. Барои пурзӯр ва хушнамо шудани наққошӣ вай аз замина, таҳрангҳои норинҷӣ, омехтаи зард, кабуди осмонии паст истифода мебарад, то ки нақшҳо гӯё ва хоно шаванд. Барои дар охир боз саҳеҳтар намудани нақшҳо дар обина аз шоназанӣ ва сиёҳқалам истифода мебарад ва ин хусусияти фарққунанда имконият медиҳад, ки бо осонӣ аз рӯи услуби кор асарҳои офаридаи рассоми чирадаст Шарипов шинохта мешавад.

Дар фаъолияти эҷодии Қобилҷон Шарипов наққошиҳои биноҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва шахсони алоҳида ҷои намоёнро ишғол менамояд, ба монанди наққошии сақфи чойхонаи комбинати орди шаҳри Қайроққум (ҳоло ш.Гулистон) ороиши як гӯшаи даромадгоҳи қасри фараҳанги Хуррамшаҳри ноҳияи Данғара, ки тасвири рӯи деворӣ бо шаршара бо ҳаммуалифӣ (2008), гаҷкорӣ ва наққошии иншооти давлатӣ

дар Варзоб (2009), наққошии чойхонаи “Наврӯзгоҳ”-и шаҳри Хуҷанд, ороиши тарабхонаи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ба ҳаммуалифии Ҷабборов А., кошинкорӣ дар мавзӯи “Давраҳои Ҳахоманишинҳо, Сосониён, ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия”, маҷмааи Исмоили Сомонӣ (2011) бо ҳаммуаллифии Ғ. Ҷӯраев, наққошӣ ва гаҷкории хона музейи К. Хуҷандӣ ва якчанд биноҳои шахсони инфиродӣ. Дар ҳар як офардиаҳои рассом ба сифатҳои зебоипарастӣ ва тарғиби хусусиятҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи хоса равон карда шудааст.

Шарипов Қ. дар фаъолияти омӯзгорӣ ва эҷодии худ шогирдони бисёрро ба монанди Абдуазиз Зуҳуров, Абдуллоев Мубин, Ҳомидов Фурқат тарбия намудааст, ки онҳо дар соҳаи ҳунари наққошӣ ва ороишгарӣ кору фаъолият бурда истодаанд.

Бояд гуфт, ки асарҳои рассомони тоҷик хусусияти хос дошта, дар онҳо ҳафтрангӣ, назокати камназир ва ҷаззобияти нотакрор бештар ба назар мерасад.

Дар баробари рассомону ҳунармандони болозикр боз бисёр рассомон ва ҳунармандонро номбар кардан мумкин мебошад, ки асарҳои офаридаи онҳо ба хонандагон ва мардум сифатҳои ахлоқию зебоипарастӣ, муҳаббат ба табиат, ифтихор аз гузаштагони худ, дӯст доштани Ватан ва масъулиятнокиро дар назди ҷамъият бедор мекунанд.

Педагоги машҳури рус К.Д. Ушинский бар он ақида ҳаст, ки бо қувваи таъсирбахши тарбиявии табиати зебо ба қалби ҷавонон ягон гуна педагогика баробар шуда наметавонад [190].

Дар натиҷаи фаъолияти пурмаҳсул ва доманадор рассомон дар солҳои охир ба комёбиҳо ноил гардидаанд, ки дар асарҳои онҳо таърихи халқи тоҷик, дастоварду комёбиҳои он бо рангҳои мухталиф тасвир ёфтаанд. Ин хусусиятро дар осори якчанд рассом дидан мумкин аст. Онҳо дар асарҳои худ ба гузашта назар карда, воқеаву рӯйдодҳои таърихиро ҳамчун мавзӯи мубрам интихоб мекунанд ва онро обуранги бадеӣ дода, тамошобинро бо вазъияти ҳамонвақта шинос менамоянд.

Эжен Делакруа бар он ақида буд, ки дар мусаввирӣ табиат ба қалби инсон бе тавассути миёнарав, бе парда, бе шартият зоҳир мегардад [111, с. 139].

Файласуф ва педагоги англис Ҷон Локк чунин мешуморид, ки меъёрҳои ахлоқ ва қоидаҳои рафтор набояд як чизи зоҳирӣ бошанд, онҳо бояд сифатҳои амиқи шахсии ҷавонон бошанд, танҳо дар ин ҳолат онҳо метавонанд дар таъмини некрафтории ӯ рисолати худро иҷро намоянд [96, с. 110].

Дар "Қуръон"-и маҷид қариб кулли масъалаҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ифода гаштааст. Дар సураҳои "Қуръон" ва ҳадисҳои пайғамбар аҳамияти амали нек, зарари рафтору одатҳои бад баён гардидаанд. Гузаштагонамон дар асоси ҳамин арзишҳо тарбия гирифтаанд ва насли имрӯза боз аз онҳо бархурдор хоҳад гашт [228, с. 213].

Файласуфони материалист Д.Дидро ва Н.Г.Чернишевский бар он ақида буданд, ки объекти зебоипарастиро ҳамчун фан зебоӣ ташкил медиҳад ва маҳз категорияи мазкур асоси системаи тарбияи зебоипарастиро ташкил медиҳад [136].

Ҳама гуна санъат, аз ҷумла санъати тарбия ҳам мақсад дорад, ки ҷои чизи табиат надодаро пурра намояд. Санъат воситаи тавоноест барои ислоҳ намудани номукаммалии инсонҳо.

Йӯлдошбой Юлдошев чунин мешуморад, ки: "Фаҳмиши зебоӣ дар инсон якбора пайдо намешавад, бо таъсири одамон ва муҳит ташаккул меёбад. Аз ҳамин сабаб қонунҳои инкишофи бадеии башарӣ бо қонунҳои инкишофи иҷтимоӣ вобастагӣ дорад" [228, с.251].

Дар шахсият ташаккул додани эҳтиёҷи ботинӣ барои тасдиқи принсипҳои ахлоқии худ, ба андешаҳои рассомон, ҳадафи асосии тарбия аст. Рассомон талқин карданро ҳамчун яке аз методҳои таъсирбахши ахлоқӣ тавсия дода, ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд, ки бачагон сатҳҳои ба онҳо мувофиқи фаҳмиш, далелҳои мураббиро хуб дарк намоянд, зеро онҳо нисбат ба таҳсин ва сарзаниш ҳассосанд, намунаҳои рафтори

калонсолонро аз худ мекунанд ва ҳамчунин зарурати ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолии фардии бачагонро ҳамчун шарти ҳатмии тарбия ва таълим асоснок менамояд.

Зафар Сайидзода чунин мешуморад, ки покиза кардани фазои ҷамъиятии то ба ҳадде олуда ба фасоди ахлоқӣ ва пурбор кардани ҷаҳони маънавии аҳли ҷомеа, бавижа наврасону ҷавонон, бо дурдонаҳои ахлоқӣ яке аз василаи муҳими тарбияи ахлоқиву зебоипарастӣ аст. Зеро ҳар қадар тафаккури наврасону ҷавонон аз лиҳози ахлоқӣ нерӯманд бошад, давлат ва миллат низ ба ҳамон андоза нерӯманду тавоно мегардад [161, с.18].

К.Д.Ушинский масъалаи ягонагии ҷанбаи ахлоқиву зебоипарастӣ, нақши онҳоро барои ҳаёти инсон баррасӣ намуда, қайд кардааст, ки ҷанбаи ахлоқиро ҳамчун ҷузъи зебоипарастӣ, ҳамчун ҷанбаи зебоипарастии муносибатҳои байни одамон фаҳмидан лозим аст: «Чизи нафису зебо наметавонад бадахлоқона бошад ва хушахлоқӣ наметавонад бенафосат бошад» [191, с. 68].

К.А.Галветский чунин мешуморад, ки санъат ба рушди ахлоқии шахсият мусоидат мекунад ва қобил аст, ки дар инсон «рағбати пурқувват» барангезад, таассуроти равшану қавӣ гузорад ва тахайюлоту фантазияи дар ин ҳангом бавуҷудомада шакли олии ҳаловати бадеиро ҳосил мекунад [165].

Мавриди зикр аст, ки саҳми педагогҳои машҳур Я.А.Коменский ва И.Г.Песталотси дар таърихи тарбияи зебоипарастӣ басо назаррас мебошад. Ба ақидаи онҳо тарбияи зебоипарастӣ омили муҳими таълими тарбиякунанда маҳсуб меёбад, зеро раванди маърифат ба андешаи онҳо аз идроки ҳиссӣ, мушоҳида, аёният ва таҷриба оғоз меёбад, ҳадафи асосии раванди педагогӣ бошад, принсипи инкишофи мутаносиби инсон ба шумор меравад [160, с. 10].

Йӯлдошбой Юнусов чунин мешуморад: “Дар синфҳои 5-6 шуури ахлоқии хонандагон инкишоф ёфта, мафҳумҳои меҳнатдӯстӣ,

интизомнокӣ, хоксориву фурӯхтанӣ, адолату инсоф, қатъият ва ғайраҳоро мефаҳманд. Дар ин синну сол маънои мафҳумҳои обрӯй, қарз, вазифа ва масъулият низ ба онҳо фаҳмову дастрас мегардад” [228, с. 219].

Педагоги барҷаста В.А.Сухомлинский ҳадаф ва вазифаҳои тарбияро чунин муайян карда буд: «Вазифаи мо тарбия кардани инсони хушбахт аст. Хушбахтӣ на дар истеъмоли худхоҳонаи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, на дар бунёди олами шахсии бароҳат аст, ки аз олами бузурги ормонҳо ва шавқу рағбати инсонӣ дур ва ҷудо мебошад» [174].

Асосан моҳияти тарбияи ахлоқиву зебопарастӣ аз ташкили фаъолияти гуногунранги бадеӣ – зебоипарастӣ барои хонандагон иборат аст, ки барои ташаккул додани қобилияти ба таври мукаммал идрок намудан ва дуруст фаҳмидани зебоиву таносуб дар санъат ва ҳаёт, ба ҳосил намудани тасаввурот, фаҳмиш, завқ ва эътиқодҳои зебоипарастӣ, ҳамчунин ба инкишофдиҳии заминаҳои модарзодии эҷодкорӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ равона гардидааст [165, с. 214].

Дар ташаккули чунин шахсият тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ низ мавқеи муҳимро ишғол менамояд, ки рисолати он мусоидат барои дуруст дарк намудан ва фаҳмидани зебоӣ, дӯст доштан ва қадр кардани зуҳуроти он дар воқеият, дар осори санъат, дар мактаббачагон барангехтани кӯшиши офаридани зебоӣ дар зиндагӣ, ташаккул додани идеалҳо ва ақидаҳои зарурии ахлоқӣ, ҳамчунин мубориза бар зидди падидаҳои зишту пастфитратона мебошад.

Ташаккули шахсияти эҷодкор – вазифаи тарбияи зебопарастӣ буда, ҳалли он бидуни ҷалби санъат ғайриимкон аст, ки омили инкишофи маънавии инсон мебошад, ақидаҳои ғоявию меъёрҳои ахлоқии ӯро ташаккул медиҳад, ҳам ба инкишофи зеҳнӣ ва ҳам эмотсионалии инсон таъсир мерасонад.

Маҳорати эҷодкорона фикр рондан ва кор кардан дар паси партаи мактабӣ тарбия меёбад. Инсон барои ғанӣ гардидани дунёи маънавӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ ибтидои тарбияи зебопарастиро дар

муассисаи миёна мегирад, барои тамоми ҳаёти минбаъдааш ҳисси зебоишиносӣ, маҳорати фаҳмидан ва қадр кардани асарҳои санъатро ҳосил менамояд, бо эҷод ошно мегардад. Санъат барои интихоби идеалҳои дурусти зиндагӣ ёрӣ мерасонад, қаҳрамонеро нишон медиҳад, ки намунаи ибрат аст ва муҳимтар аз ҳама, тасаввуроти инсонро дар бораи олам, Ватан, санъати халқҳои гуногун амиқ мегардонад.

«Мо як Ватан, як модар, як забон дорем, ки номаш Тоҷикистон аст. Танҳо дар сурате, ки мо муттаҳид бошем, Тоҷикистонро ба давлати воқеан мутараққӣ ва соҳибистиқлол табдил медиҳем», - ба тамоми халқи кишвар изҳор кардаанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар Тоҷикистон, инчунин дар тамоми Осиёи Марказӣ, оила сарчашмаи тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон мебошад. Халқ ҳамеша барои оилаи босаодат мубориза мебарад.

Аз хурдӣ бача дар оила ба фаъолияти барояш дастраси меҳнатӣ ҷалб мешавад, ки аз иҷрои он ҳисси қаноатмандиро ҳосил намуда, ба таҳсини калонсолон сазовор мегардад. Тадриҷан кӯдак малака, маҳорат ва донишҳои муайянеро фаро мегирад. Вобаста ба имкону тавоноияш дар ҷараёни тайёр кардани қисми ин ё он маҳсулот иштирок менамояд. Аксаран ин ҳолат дар санъати ороишӣ бо тадриҷан мураккаб шудани кор ва андӯхтани малакаҳои касбӣ рӯй медиҳад. Дар баробари ин, дар кӯдаке, ки ба воя мерасад, қобилияти эҷодӣ, сифатҳои ахлоқию зебоипарастӣ инкишоф мeёбанд.

Зери мафҳуми тарбияи зебоипарастӣ дар илми педагогикаи муосир ва зебоипарастӣ низоми чорабиниҳое фаҳмида мешавад, ки ба парвариш ва такмили қобилияти инсон барои дуруст дарк намудан, қадр кардану офаридани зебоӣ ва падидаҳои олӣ дар ҳаёт ва санъат нигаронида шудаанд. Тарбияи зебоипарастӣ ташаккули талабот, ҳиссиёт, завқи зебоиро дар бар мегирад. Ҳадафи тарбияи зебоипарастӣ – мусоидат ба инкишофи ҳамаҷонибаи зеҳнӣ, ғоявӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии аъзои ҷомеа,

дар онҳо такомул бахшидани ҳисси зебоипарастӣ, барангехтани хоҳиши офаридан аз рӯйи қонунҳои зебоист.

Дар Консепсияи миллии тарбия чунин омадааст: “Зебоипарастӣ яке аз сифатҳои муҳими инсонро ташкил медиҳад. Он дар инсон ҳар гуна зуҳуроти эҳсос намудани зебоиро ба вуҷуд меорад. Манбаи зебоӣ, табиат, ҳар гуна аксҳо, мусаввараҳо, ҳайкалу муҷассамаҳо, асарҳои бадеӣ, нақшу нигор, иншоот, асарҳои саҳнавӣ, суруду мусиқӣ, сару либос, ёдгориҳои таърихию фаҳангӣ, лавозимоти рӯзгор ва ғайраҳо мебошад, ки дар инсон эҳсоси зебопарастӣ ба вуҷуд меорад. Шинохтани зебоӣ ба шахс илҳом мебахшад, ӯро рӯҳбаланд намуда, дар олами зебоӣ сайр мекунанд. Қобилияти зебоифаҳмиӣ ба шаҳрванд имкон медиҳад, ки бойигарии ахлоқӣ, маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад” [84].

Ҳадафи ниҳоии тарбияи зебоипарастӣ, - менависад В.К. Скатершиков, - «тарбияи шахси гуманист, инсони ғанӣ аз рағбату талаботи маънавӣ, ба маънои томаш зиёӣ, ки дорои ҳисси иззати нафс буда, манфиатҳои халқ ва инсонияти пешқадам мароми зиндагиаш мебошанд, инсони самимӣ, ғамхору ҳассос, ки барои зиндагиву кор, эҷод кардан мувофиқи қонунҳои зебоӣ қобил аст, инсоне, ки ба фаъолияти эҷодкорона дар ҳама гуна соҳаи зиндагӣ қобилият дорад» [166, с. 439].

Муҳаққиқони дигар, мисли табиат ва воқеияти иҷтимоиро омили муҳими тарбияи зебопарастӣ ва завқи бадеӣ мешуморанд (Лармин О.В., Смолянинов И.Ф).

Таъсири санъат ба ташаккули ақидаҳои ғоявӣ, дидгоҳи дуруст оид ба зиндагӣ, ҷомеа ва санъат ба он вобаста мебошад, ки то кадом андоза шахсияти асари бадеиро дарккунанда барои «нусхагирӣ»-и далели санъат барои хеш, ба дунёи зиндагии зеҳниву маънавии хеш омода аст [47, с. 216].

Асарҳои санъат ба инсон таъсири пурқуввати зебоипарастӣ мерасонанд, ҳассосияти эмотсионалии ӯро ошкор менамоянд.

Равоншинос Л.С.Виготский навиштааст: «... санъат соҳаи комилан махсуси психикаи инсони ҷамъиятӣ, соҳаи ҳиссиёти ӯро муназзам месозад» [47, с. 80].

Чуноне ки таҷрибаи тадқиқотии равоншиносони давраи Шӯравӣ нишон медиҳад, дарки асарҳои санъат дар сатҳҳои гуногуни эмотсионалӣ ва маърифатии тамошобинон рӯй медиҳад. «Дарки санъат – менависад равоншинос Б.М.Теплов, - раванди фаъолест, ки ба он ҳам лаҳзаҳои ҳаракат (мавзунӣ) ва ҳам эҳсосот, ҳам кори тахайюл ва «амал намудани фикрӣ» дохил мебошанд. Ин фаъолмандии ботинӣ меъёрҳои худро вобаста ба синну сол ва сатҳи инкишофи кӯдак тағйир медиҳад, аммо дар ин ё он шакл ҳамеша боқӣ монда, «рӯҳи зинда»-и асари бадеиро ба вуҷуд меорад» [181, с. 13].

Таҳлили дуруст ва гуногунҷанбаи асари рассомон ба дарки фаъоли он мусоидат намуда, тамошобинро ба мулоҳизаи хусусиятҳои бадеӣ ва ҷиҳатҳои арзишманди он водор менамояд.

Таҳлили асари рассомон раванди ҳамеша эҷодкорона аст. Бо ёрии омӯзгор хонандагон муносибати хешро ба он муайян мекунанд. Баррасӣ ва таҳлили асари бадеӣ ҳисси муайяни ҳамдардӣ ва ҳамроҳ шудан ба эҷодро тақозо менамоянд. «Ҳиссиёт ба мундариҷаи дарки бисёр падидаҳои воқеият ва санъат дурахшу зиндагӣ мебахшанд, қайд менамояд эстетикашинос А.Е.Лук. Ба ҳамин восила онҳо ин ё он самти идрокро муайян мекунанд, тобиши эмотсионалии дарки зебопарастиро замина мегузоранд. Ҳиссиёт, ки яке аз шаклҳои инъикоси воқеият мебошад, на танҳо дар амалҳои мушоҳида, балки дар тамоми навъҳои фаъолияти инсон зуҳур меёбанд, онҳо ин фаъолиятро таҳрик бахшида, фаъол мегардонанд» [98, с. 32].

Муҳаққиқ-санъатшинос, назариядони маъруф ва амалкунандаи соҳаи тарбияи зебоипарастӣ А.В.Бакушинский бар зидди дидгоҳи намоишии баррасии асари санъат баромад карда, зарурати амали таассурпазириро дар ҷараёни дарку фаҳмиш таъкид менамуд. Ба ақидаи ӯ, асари бадеӣ рамзест, ки амали эҷодии санъаткорро ифода менамояд ва

он бояд дар тамошобин низ ҳамин гуна амалҳои эҷодиро барангезад. «Аз ин ҷо, - менависад ӯ, - арзиши амиқи иҷтимоӣ ва аҳамияти санъат, таассуроти эҷодии он бармеояд» [28, с. 59].

Маълум аст, ки мутаассирии эмотсионалӣ ба фаъолияти зеҳнӣ такон мебахшад. Шуури хонанда дар ҳамоҳангӣ бо таассуроти ҳиссӣ ташаккул меёбад. Эҳсосоти мусбат ва манфӣ фаҳмида шуда, арзёбӣ мегарданд, ки дарки ибтидоии эмотсионалиро устувор мегардонад ё рад менамояд. Зиндагии воқеӣ, таассуроти зинда, асарҳои асили санъати ороишии амалӣ тахайюлоти кӯдакро бармеангезанд ва пурра мекунанд.

Шавқу рағбати хонандагон ба санъати тасвирӣ ба андозаи зиёде ба муваффақиятҳои онҳо дар расмкашӣ вобастаанд. Якрангии фаъолияти тасвирӣ, набудани робита бо ҳаёт, пурра дарк нашудани нақши санъат ба камҳаракативу беғайратӣ оварда мерасонанд. Методикаи таълим, ки ҷустуҷӯи мустақилонаро фаъол мегардонад, ба он мусоидат менамояд, ки ҳар як кӯдак ба худ, ба нерӯву имконоти хеш эътимоду бовар ҳосил мекунад. Эҳсоси бовару эътимод ба қобилияти хеш барои фаъолияти тасвирӣ дар синни наврасӣ зарур буда, дар инкишофи қобилияти бадеиву эҷодии мактаббачагон хеле муҳим аст.

Роҷеъ ба ин синну сол Б.И.Игнатев менависад, ки «Бачагон дар овони наврасӣ аз машғулияти рассомӣ аксаран аз он ҷиҳат даст мекашанд, ки талаботи афзуншуда нисбат ба расмҳояшон бо сабаби нокифоя будани донишҳову маҳорат дар соҳаи техникаи тасвир бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешаванд» [69, с. 7].

Дар равоншиносӣ қоидае устувор шудааст, ки қобилият – сифати психикие мебошад, ки барои ин ё он фаъолияти инсон зарур буда, дар ин фаъолият ташаккул меёбад.

Равоншиноси маъруф Л.С. Виготский навишта буд: «Мо медонем, ки таҷрибаи кӯдак нисбат ба таҷрибаи одами калонсол якчанд маротиб камбағалтар аст. Мо ба ғайр аз ин медонем, ки шавқу рағбатҳои ӯ содатару камтаранд, ниҳоят, муносибатҳои ӯ бо муҳит он нафосату мураккабӣ ва гуногуннавъиро надоранд, ки ба рафтори одамони

калонсол хосанд. Ҳол он ки инҳо омилҳои муҳимтарине мебошанд, ки кори тахайюлро таъйин менамоянд. Тахайюли кӯдак, чуноне ки аз ҳамин равшан аст, аз тахайюле, ки дар одами калонсол ба камолот мерасад, на бойтару на камбағалтар аст» [48, с. 26].

Равоншинос Б.Т.Теплов қайд менамояд, ки дар санъати тасвирӣ вазифаи тасвир дарки ҷиддӣ, ҳақиқатан ҳис кардани чизҳоро тақозо мекунад… Масъалаи тасвир кардани чизи дидаашро ҳал карда, кӯдак ногузир ба тарзи нав, тезтару дақиқтар дидани чизҳоро аз худ менамояд» [167, с. 8]. Дар ҷойи дигар Б.М.Теплов менависад, ки қобилият бидуни фаъолияти мушаххаси дахлдори инсон вуҷуд дошта наметавонад. Ҳама гуна қобилият дар раванди чунин фаъолият пайдо шуда, инкишоф меёбад, ки бидуни он наметавонад амалӣ гардад [138, с. 355].

Профессор О. Исломов дар китоби «Марҳилаҳои тасвир» дар ин бора чунин қайд мекунад: «Санъати тасвирӣ дар ҳама давру замон инъикоскунандаи фарҳанг ва маданияти мардум ба ҳисоб рафта, дар ҷамъият ва тарбияи зебоипарастии халқ нақши муҳимеро мебозад. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши санъати тасвирӣ инкишофи сатҳи маърифат ва ба зебоипарастӣ омода кардани хонандагон мебошад» [75, с. 10].

Олими шинохта Н.Н. Ростовтсев қайд кардааст, ки аз рассоми оянда асосан як чиз талаб карда мешавад: ин ҳам бошад машқ кардани иҷрои тасвирҳои сиёҳмашқӣ. Шарти асосии тасвирҳои таълимӣ дар он аст, ки ҳама вақт бо роҳи тавсияшуда равон бошем. Дар он вақт мо метавонем соҳибҳунар шавем [204, с. 5].

Дар синни наврасӣ фаъолияти ақлонӣ торафт фаъолтар мегардад, - қайд менамояд В.А.Столров, - мустақилият дар арзёбиҳои хусусияташон зебоипарастӣ, қобилият ба таҳлил меафзояд, «лаҳзаи бадеию маърифатӣ» равшантар зуҳур меёбад, нотавонии арзёбии мусиқӣ, асарҳои санъати тасвирӣ, зебоии ёдгориҳои меъмориро мушоҳида

кардан мумкин аст. Ин метавонад ба гум шудани арзишҳои маънавие, ки инсон андӯхтааст, оварда расонад [172, с. 5].

Маҷмӯи истифодаи фаъолонаи методҳои психологию педагогӣ ва воситаҳои тарбияи зебоипарастӣ дар раванди инкишофи шахсият ба рушди таассурпазирии зебоипарастӣ ва ахлоқии хонандагон, ташаккули тафаккури ба худ хоси эмотсионалӣ мусоидат менамояд.

Завқи зебоипарастӣ, идеалҳо, ақидаҳои мардум ҳамеша ба қонунҳои зебоӣ, ки имрӯз низ асоси кори гуногунпаҳлӯи тарбияи бадеии насли наврас мебошанд, мувофиқат менамуданд.

Ҳисси зебоипарастӣ – ҳиссиёти олии лаззати маънавист, ки инсон зимни дарку баҳодиҳии зебоӣ дар асарҳои санъат, табиат, ҳаёти ҷамъиятӣ аз сар мегузаронад, ҳиссиёте, ки боигарии ҳассосияти субъективии инсонро ифода менамояд.

Завқи зебоипарастӣ  қобилияти арзёбии чизҳо, падидаҳо, ҳолатҳо аз дидгоҳи сифатҳои зебоипарастӣ мебошад. Он принсипҳои умумӣ, идеалҳои бадеӣ, ақидаҳои инсонро таҷассум менамояд. Завқи зебоипарастӣ  метавонад вобаста ба қобилияти фардӣ ба дарки анъанаву ойинҳо тобишҳои гуногун дошта бошад. Муҳим аст, ки завқи зебоипарастӣ зери таъсири асарҳои санъат ташаккул ёбад, ки саршори ғояҳои инсонпарварона буда, орзуву омоли  наҷиби инсониятро ифода мекунанд.

Эҳтиёҷоти зебоипарастӣ  аз талаботи маънавии шахсият бармеояд. Барои таҳлили моҳият, дарки мундариҷаи ғоявӣ, баҳо додан ба арзиши бадеии асарҳои санъат, барои табдил додани донишҳои зебоипарастӣ ба ақидаи зебоипарастӣ, ақидаҳои  зебоипарастӣ – ба рафторҳо, заҳмати муайян, маҳорати гирифта тавонистани ҷанбаҳои арзишманд аз предмету падидаҳои санъат ва пайвастани онҳо ба дунёи маънавии хеш зарур аст.

Дар ташаккули сифатҳои ахлоқии мактаббачагон таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои инкишофи соҳаи зеҳниву эмотсионалӣ нақши муҳим

дорад. Дар ин маврид таъсир расонидан ба ҷанбаи эмотсионалии шахсият тариқи воситаҳои санъат зарур аст. Бо вуҷуди муҳим будани тарбияи зебоипарастӣ ба кӯдак аз ҳад зиёд бор кардани таассуроти эмотсионалӣ мумкин нест. Ба ҳисоб гирифтани шавқу хоҳишҳои хонандагон, вақт додан барои дарккунӣ ва ҳифз, инкишофи фаъолмандии эҷодии хонандагон, дар онҳо ташаккул додани маҳорати андешаву мулоҳиза рондан дар бораи зиндагӣ, одамон, ҳамчунин баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ зарур аст. «Тариқи асарҳои санъат бачагон на танҳо бо падидаҳои зиндагӣ ошно мегарданд, балки дар бораи зебоӣ, ҳамҷӯрӣ, чизҳои ба мақсад мувофиқ, муассиру пурмаъно тасаввурот пайдо мекунанд, яъне аз ҷиҳати зебоипарастӣ фаро гирифтани ҳаётро меомӯзанд», - навиштааст Т.С. Комарова.

Дар нашри минбаъдаи китоби «Фаъолияти тасвирӣ дар боғчаи бачагон» ӯ андешаронии худро идома медиҳад: «Зимни коркарди машғулиятҳо ҳамеша махсусияти фаъолияти тасвириро дар хотир бояд дошт, ки хусусияти образноку эҷодии равшан дорад, ки вазифаи он – инъикоси зебоипарастии воқеият мебошад. Бинобар ин, таъмини инкишофи дарки образноку зебоипарастии тасаввурот, тахайюл, инкишофи ҳиссиёти зебоипарастӣ ва ҳассосияти эмотсионалӣ ба вазифаи тасвир  бағоят муҳим аст» [82, с. 64].

Санъати мардумӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии шахсият фаъолона иштирок менамояд, зимни коркарди методикаи тарбияи зебоипарастӣ  фаҳмиши амиқи моҳияти он аҳамият дорад.

Дар як қатор тадқиқоти махсуси бунёдӣ имконоти ахлоқиву зебоипарасте, ки дар махсусияти санъати мардумӣ нуҳуфтаанд, баррасӣ мегарданд. Ба ин нукта, аз ҷумла Т.Я. Шпикалова ишора мекунад. Ӯ дар тадқиқоташ низоми таҳсилоти бадеӣ ва тарбияи зебопарастии хонандагонро бо воситаҳои санъати халқии ороишиву амалӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ  коркард намуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва тариқи озмоиш санҷидааст [217, с. 185].

Дар Тоҷикистон солҳои охир як қатор корҳои назаррас аз ҷумла, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва тадқиқотҳои диссертатсионӣ анҷом ёфтаанд, ки ба таъйин ва асоснок намудани заминаҳои назариявии санъати халқӣ-амалии Осиёи Марказӣ ва аҳамияти он барои тарбияи ахлоқию маънавӣ, зебоипарастӣ ва бадеии мактаббачагон ва донишҷӯён бахшида шудаанд. Ин пеш аз ҳама, рисолаҳои номзадии олимони тоҷик А.Умаров ва М. Қодирова мебошад, ки дар он аҳамияти анъанаҳои бадеӣ дар таълиму тарбияи бадеии мактаббачагон баррасӣ гардида, нерӯи бузурги ахлоқии онҳо таъкид шудааст. Ба махсусияти миллии санъати тасвирии Тоҷикистон М.Қодирова вижагиҳои инкишофи чандинасраи санъати ороишиву амалиро мансуб медонад, ки натиҷаи таъсироти мутақобили санъати халқҳои Шарқи Миёна, умумияти онҳост, ки ба муҳити ягонаи мазҳабиву фарҳангӣ ва забонӣ асос меёбад.

Асарҳои офаридаи олимони зикршуда қисми муҳими пойгоҳи методологии тадқиқоти моро ташкил менамоянд.

Асосҳои методологии тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил намуда, метавон гуфт, ки матлабҳои асосӣ ва таҳкурсии онро илми педагогикаи даврони Шӯравӣ замина гузоштааст.

Асарҳои рассомон барои инсоният муҳимтарин арзиши маънавӣ маҳсуб ёфта, ба такмили завқи зебоипарастии ӯ мусоидат мекунад. Ба шарофати асарҳои рассомон муносибати байниҳамдигарии одамон беҳтар ва оромиву осоиш дар ҷомеа устувор мегардад.

Аксари рассомон чунин мешуморанд, ки тарбияи зебоипарастӣ як ҷузъи раванди ҷамъбастҳои педагогӣ ба шумор рафта, имкони ба хонандагон кӯшиш ва тавоноии бунёди ҳаёти худро бо зебоӣ фароҳам меоранд. Дар ин асно тарбияи омӯзгорони оянда дар рӯҳияи зебоипарастӣ ва ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ хеле назаррас ба ҳисоб рафта, зарур аст, ки ба ин омил ҳамчун яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятнок, воситаи таъсиррасонӣ ба сифатҳои ахлоқии донишомӯзон

новобаста аз равияи интихобкардаашон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Дар зиндагонӣ урфу одатҳо, анъанаҳои вобаста ба тарбияи ифтихори миллӣ фаровонанд, истифодаи онҳо ба муаллимон ва падару модарон ёрӣ мерасонад, ки дар хонандагон ва насли наврас рафтори нек, ахлоқи пок, меҳнатдӯстӣ ва дигар хислатҳоро парварида, ҷамъиятро аз нуқсону камбудиҳои зараровар раҳоӣ бахшанд.

Аз ин нуқтаи назар бояд чунин хулосабандӣ кард, ки дарк кардани асарҳои санъати тасвирӣ он гоҳ бештар воқеӣ (объективӣ) мегардад, ки агар хонандагон хусусиятҳои услубии бо забони нақши бадеии намуди муайяни санъат ифодакардашудаи онро дарк кунанд. Фаҳмидани ин забон ба инкишофи дарки бадеӣ, эҳсосоти зебоипарастӣ ва фикррониии намунавии хонандагон ёрӣ мерасонад.

## 1.3. Аҳамияти намудҳои санъати тасвирӣ дар ташаккули тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон.

Яке аз қадимтарин қисми фарҳанг ва маданияти ҷаҳонӣ ин санъати тасвирӣ мебошад. Дарси санъати тасвирӣ ба хонандагон аосҳои тасвирро меомӯзонад, фаъолияти эҷодии онҳоро ҳамаҷониба такомул медиҳад, ба фаҳмидан ва эҳсос кардани зебоии табиат ва санъат кӯмак мекунад, муносибати зебоипарастии бачаҳоро нисбат ба ҳодисоти муҳити атроф ташаккул медиҳад. Санъати тасвирӣ ҳамчун фанни хусусияти зебоипарастидошта дар инкишофи тафаккури бадеии мактаббачагон, ҳисси зебоипарастии онҳо нисбат ба зебоӣ, бедор намудани шавқу ҳаваси онҳо нисбат ба санъати аслии миллӣ нақши басо назаррас мебозад [75, с. 10].

Ҷиҳати рушди соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Аз ин ҷост, ки “Барномаи давлатии рушди фарҳанг барои солҳои 2008-2015”, “Барномаи давлатии рушди ҳунарҳои миллӣ барои солҳои 2009-2015”, “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси фарҳанг, санъат ва нашриёт барои солҳои 2007-2010”, “Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020” қабул гардид.

Бо мақсади дар сатҳи назаррас ташкил ва ба роҳ мондани тарбия дар кишвар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 3 марти соли 2006 сол, № 94 «Дар бораи Консепсия миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расидааст, ки кулли ҷанбаҳои тарбияи донишомӯзонро фаро мегирад. Агар ба мафҳуми тарбияи зебоипарастӣ дар ин Консепсия назар андозем, дар он зикр гардидааст, ки тарбияи зебоипарастӣ яке аз ҷанбаҳои асосии тарбияи шахс ба шумор меравад.

Яке аз донишмандони тоҷик А.Р.Саидов дар китоби хеш бо номи «Асосҳои ташаккули маданияти зебоипарастии омӯзгорони оянда» оид ба тарбияи зебоипарастии омӯзгорони оянда чунин қайд менамояд, ки «тарбияи зебоипарастии омӯзгорони оянда фарогири инкишофи

зебоипарастӣ, яъне раванди муташаккили қувваҳои табиатан хоси омӯзгорони оянда мебошад, ки барои дарки ва эҳсоси зебоишиносӣ, тахайюлоти эҷодӣ, таассуроти эмотсионалӣ, тафаккури мантиқӣ ва талаботҳои рӯҳонии омӯзгорони оянда равона гардидаанд» [160, с.3].

Асолати миллии санъати тасвирии Тоҷикистон, пеш аз ҳама бо тамоми санъати Шарқи Миёна, ки бо ӯ алоқаи зичи бисёрасра дорад, аз ҷумла бо санъати минтақаи Осиёи Марказӣ баробар мебошад.

Фарқияти онҳоро танҳо бо муҳити маданӣ ва забони онҳо шарҳ додан мумкин аст. Барои ин мероси пурғановати бадеӣ мусалмонони Шарқ, пеш аз ҳама тоҷикон, эрониҳо, озорбойҷониҳо, афғонҳо, ӯзбекҳо, қазоқон, қирғизҳо ва дигар мардумони Шарқи Миёна ифтихор доранд.

Санъати тасвирии Тоҷикистон дар муддати таърихии бисёрасраи халқҳои Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада, он қисми дурахшони маданияти меросии Шарқи Миёнаро тасвир намуда, бо хусусияти инъикоси ҷаҳонии намоёни худ шӯҳратёр аст ва шаклу анъанаи ба худ хоси бадеиро, ки бо забони алоҳидаи махсус ба воситаи расми возеҳ, наққошӣ, рассомӣ, сохти асрҳои бадеӣ дорад, машҳур мебошад.

Хусусан ин дар шоҳаҳои наққошии нодири Шарқ баръало намудор буда, он ба фонди тиллоии ҷаҳонии миниатураҳои китобӣ дохил мешавад.

Дар он вақт чун хусусияти забони бадеӣ - нақши миниатураҳои Шарқ, иқтидори хуби онҳо муносибати ғайриоддӣ талаб мекунад, ба омӯзиши ин намуди санъати тасвирӣ, яъне муносибати алоҳидаро ба масъалаи сохти методикаи тарбияи ахлоқӣ дар системаи тарбияи зебоипарастӣ ва таълими бадеии хонанда, талаб менамояд.

Санъати тасвирӣ мафҳуми хеле васеъ мебошад, албатта намуд ва жанрҳои он хеле зиёд буда, ҳар яке дар ҳаёт ҷой ва мавқеи худро пайдо кардааст. Ба намудҳои санъати тасвирӣ: миниатура, манзаранависӣ, расмкашӣ, композитсия, натюрморт, чеҳранигорӣ, санъати оришӣ,

графика, ҳайкалтарошӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки мавқеи онҳо дар тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ басо назаррас арзёбӣ мегардад.

Яке аз намудҳои санъати тасвирӣ, ки нуфузи ҷаҳониро соҳиб аст ин санъати миниатураи Шарқ мебошад. Пайдоиши миниатура чун намуди махсуси санъат, тахмин аз асри VII ва аз асри IX дар Шарқи мусалмон вуҷуд доштан рост меояд. Истилоҳи миниатура аз калимаи лотинии «minium» гирифта шуда, мазмуни он шангарф ва ё ранг буда, дар санъати тасвирӣ ҳамчун асари рассомии ҳаҷман хурди заифу сареҳбаён шинохта шудааст. Дар ин вақт тараққиёту таҳаввулоти миниатура чун як шоҳаи мустақил гардида, чун хусусияти воситаи инъикоси тимсоли зебоипарастӣ симои ахлоқии инсони асримиёнагӣ мегардад.

Китобҳои аввалини асримиёнагии шарқ, ки дар онҳо аз тасвирҳои миниатура истифода менамуданд, асарҳои илмию методӣ ва тарҷумаҳои арабии рисолаҳои тиббӣ, нуҷум ва физикии Юнон буданд. Далели гуфтаҳо «Нуҷум»-и Ғазнавӣ, тамсилоти «Калила ва Димна», асарҳои «Таърихи Табарӣ», «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин, «Зафарнома»-и Шарофиддин Алии Яздӣ ва ғайра мебошанд, ки ороишоти онҳо бо санъати миниатура ба роҳ монда шуда буданд [75, с. 21].

Дар ороиши асарҳои бадеии манзум аз қабили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ, «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Хамса»-и Навоӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Саломон ва Абсол» ва дигар достонҳои Ҷомиву девони ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ, Фаридаддини Аттор, рубоиёти Умари Хайём ва амсоли инҳо миниатуранигорӣ хеле васеъ истифода гардидааст. Дар таърихи санъати миниатуранигорӣ номи мусаввирони пурҳунар аз қабили Монӣ, Абулхайём Ҷунайди Султонӣ, Мираки Наққош, Камолиддин Беҳзод, Саидғиёси Самарқандӣ, Ризои Аббосӣ, Султон Муҳаммад ва Маҳмуди Музаҳҳиб, Абдуллои Мусаввир, Мир Мусаввир, Муҳаммадмуроди Самарқандӣ, Муҳаммадмуқим ва дигарон сабт гардидааст, ки дар равнақи ин намуди санъат саҳми босазо гузоштаанд [75, с. 22].

Бузургтарин марказҳои маданият ва санъати миниатурнигории Шарқи Наздику Миёнаи он давр Бағдод, Табрез, Шероз, Самарқанд, Ҳирот, Бухоро, Машҳад, Қазвин ва Исфаҳон буданд, ки дар ин марказҳои маданӣ санъати минётурнигорӣ сабку услуби муайянеро соҳиб шуда, шакли мукаммал гирифт. Намунаҳои нодири ин мактабҳои бузург дар осорхона ва китобхонаҳои Лондон, Париж, Ню-Йорк, Вена, Теҳрон, Қоҳира, Истамбул, Санкт-Петербург, Москва, Тошкент, Боку ва Душанбе маҳфузанд.

Махсусан мавзӯъ ва сюжети рассомони минётурҳои Шаркро, меъёрҳои ахлоқию зебоипарастии ҳаёт ба худ ҷалб месозад. Чуноне ки таҳлили санъатшиносон нишон медиҳад, он бештар ба мактаби рассомии минётурии Бухоро дар асрҳои XVI – XVII хос мебошад. Рассомони Бухороро назми классикии Шарқ, хоса ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ ва Саъдии Шерозӣ ба худ ҷалб месозад. Зимнаи аксари сюжетҳое, ки хислати хуб ва хайр доранд интихоб карда мешавад. Дар рассомон миниатуранигорони Бухорой шарҳи асарҳои адабии ба худ хос ва муносибати шахсии худ нисбати мундариҷаи воқеаҳоро дорад. Инак, дар муқоисаи рассомони Казвинӣ ва Бухорӣ расми сюжети “Парвози сангпушт” мафҳуми мазамматӣ худситоӣ чун бадтарин сифати инсонӣ нишон дода шуда, маълум аст, ки мактаби миниатурии Бухоро ва Эрон-Озорбойҷон на танҳо аз рӯи шакл, услуб ва таркиб, балки аз ҷиҳати хониши ин ё он воқеа, аз ҷумла воқеаҳои адабӣ низ қатъан тафовут дорад.

Л.М. Дёмин силсилаи мусаввараҳои туркистонии рассомро таҳлил карда, менависад: «Ин маҷмӯи калони типажҳои миллӣ, саҳнаҳои маишӣ, ёдгориҳои меъморӣ, манзараҳои осиёимиёнагӣ мебошад. Дар он ҷиддияти тасвир, дақиққорӣ дар тасвири ҳар як ҷузъиёт, ифодаи соярӯшанҳо ва ғ. эҳсос мешавад» [138, с. 71].

Боз як нафар аз ин ҷавонон ҳадафи ҳодисаи рӯйдиҳандаро нафаҳмида, нигоҳ мекунад. Оқиби теппачаи хона, марди решдор бо

кампире бо завқ гуфтугӯ менамуд. Ҳамин тавр, бо воситаи қиёфасозӣ, ҳаракат ва рафтору андоми тамошобин, рассом сюжети асарро баён месозад.

Пандомезӣ - панду насиҳат - хислати асосии миниатураи Осиёи Марказӣ мебошад. Бо қатъият метавон таъкид кард, ки сюжети пандомез - дар қатори дигар сюжетҳо масъалаи тарбиявию ахлоқӣ ва зебоипарастиро дунболгирӣ менамояд. Ин дар мундариҷаи навбатии миниатураи рассомони Осиёи Марказӣ таъкид мегардад. Дар композитсияи "Ҷанговари куҳане, ки бар шогирди худ забардаст аст"- рассом, масалеро аз "Гулистон"-и Саъдӣ оид ба шогирди ҷавони лофзане, ки ба мусобиқа устоди худро даъват месозад,- намоён мекунад. Аммо ӯ, бешубҳа, ба мағлубият дучор мегардад, зеро зиёдии ақл, таҷриба ва фаросат ҳама вақт одилона ғолиб мегардад.

Худ мундариҷаи асар серҳаракат нишон дода шуда, бо иштироки шоҳ ва пешхизмати дарбор дар муҳофизатии панҷараи сурхи боғ, ҷанговари куҳан бо чобукӣ лофзанро ҳаво медиҳад. Як зумра санъатшиносон дуруст таъкид кардаанд, ки дар Бухоро нисбати тасвири масалҳо бартарӣ дида шуда, дар сюжетҳои онҳо барои шарҳи чунин маъно... иҷозат дода намешавад. Илова бар ин, онҳо ҳангоми интихоби мавзӯъҳо барои тасвир ҳатмӣ мегардад [137, с.59].

Дар санъати Шарқ ба симои маънавӣ-ахлоқии рассом талабот бузург буд. Чун, хаттоти машҳури Шарқи миёна Султоналии Машҳадӣ таъкид мекунад:

Ягон лаҳза олуда машав,

Ҳамавақт зарурати дур кардани дурӯғ,

нафсоният ва лафзониро эътироф намояд.

...Тозагии хат – тозагии дил аст [107, с.165].

Дар рисолаи машҳури "Қонун ас-сувар" (рисола дар бораи рассомӣ) Содиқбек Афигор (1533-1670), оид ба урфу одати рассомон маълумот овардааст.

...Омӯзишро аз ҳунармандони санъате, ки онҳо ҳатто барои омӯзонидани фарзанди хеш худдорӣ менамояд, мунтазир машав. Агар идроки ту дар ин санъат нотавон бошад, ту як умр дар омӯзиш қарор хоҳӣ монд ва агар дар он ба осонӣ зиракӣ намоён созӣ, ҳасад роҳи омӯзишро панох месозад ва мепӯшонад [107, с.181-202].

Профессор О. Исломов кайд намудааст, ки миниатура услуби ба худ хоси ичроиш ва тарзи вижаи тасвирро дорост, ки ин хусусиятҳо дар ягон санъати ҷаҳон дида намешавад. Рассоми минётурнавис фаҳмишу диди худро дар дарки оламу муҳити атроф ва эҳсосоти худро рӯи коғаз меорад [75,с. 24].

Рассомони асримиёнагиро муносибати таҳаммул ва эҳтиёткорӣ ба санъат, тавсиф кардааст. Мисол, фарҳангнавис ва хаттоти асри XIV Муҳаммабек Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ менависад:

"Тароша аз қаламро бояд муқаддас донист ва набояд ба роҳ партофт, зеро агар онро касе бо пой зер кунад, қашшоқӣ ва фаромушӣ ба вуҷуд меояд" [80, с.38]. Таҳлили санъатшиносии адабӣ бо назардошти миниатураи Осиёи Марказии асрҳои XV-XVII имкон медиҳад, ки идеали зебоипарастии халқҳои Осиёи Марказӣ он давра, фаҳмиши зебоии онҳо, шакл ва усули ифодаи он бо воситаи миниатура дарк гардад. Ва аслан, барои истифодаи эҷодии усули омӯзиши миниатураи насли наврас, шиносоии ҷавонон ба "сирру асрори" ҳунари рассомии қадима, қабул ва истифодаи миниатураҳои эҷодӣ дар ҳамаи соҳаҳои гуногуни санъати тасвирӣ, ороишӣ, асос мебошад: рассомӣ, нақшакашӣ, нақшу нигор, кулолгарӣ ва ғайра. Ва ҳамин тавр сифати ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии иштирокдорони махсус, дар дарсҳои санъати тасвирӣ дар муассиса ташаккул меёбад.

Беҳамтоии миниатураи Шарқ, вижагиҳои миллии он ва пешрафти анъанаи ин намуди санъат дар эҷоди ҳунармандони санъати тасвирӣ ифода мегардад. Ба монанди Камолиддини Беҳзод бузургтарин мусаввир, наққош ва минётурнигори тоҷик, ки дар Шарқ бо лақаби

“Монии Сонӣ” ва дар Ғарб бо номи “Рафаэли Шарқ” шуҳрат дорад. Муосиронаш ӯро “қоидаи мусаввирон”, “ягонаи замон” ва “нодири даврон” мегуфтанд. Камолиддин Беҳзод аз айёми хурдсолӣ аз навозиши гарми падару модар бенасиб мегардад ва дар тарбияи хешовандонаш ба воя мерасад. Нозукиҳои санъати тасвириро дар навбати аввал аз устод Мир Сайид Аҳмади Табрезӣ ва Мираки Наққош омӯхтааст. Беҳзод бо ҳунари воло ва рангини худ аз рассоми машҳури Шарқ Монӣ пеш гузаштааст. Ғиёсиддини Хондамир дар васфи ҳунари ин рассоми бузург гуфтааст:

Устоди замон ҳазрати Беҳзод аст,
К-ӯ доди ҳунарварӣ ба олам додаст.
Кам зод ба сони Монӣ аз модар даҳр,
Биллоҳ, ки Беҳзод аз ӯ беҳ зодаст [39, с.100].

Миниатураи “Аёдати хешони Маҷнун” аз рӯйи достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдураҳмони Ҷомӣ офарида шудааст. Хешовандон аз ҳолати Маҷнун ба яъсу ноумедӣ ва вазъи пуризтироби руҳӣ гирифтор шудаанд. Чунин ҳолати онҳоро рассом хеле назаррас ба қалам додааст. Таносуби рангҳо ва ҷилову таровати онҳо хеле бамаврид афтода, ҳама ҷузъиёт мутобиқи мазмун ва ғояи аслӣ нигошта шудаанд.

Ба эҷодиёти ҳунармандони муосири санъати тасвирӣ рассоми шинохтаи тоҷик Абдумаҷид Хошмуҳаммадов анъанаи Шарқ ба таври тааҷҷубовар ва ҳушоҳанг аз асри нав ва рассомии руси қадима оғоз мегардад. Дар мусавваракҳои худ ӯ ба воситаи санъати тасвирӣ муносибаташро ба оламу одам равшан ифода намуда, табиат ва саховати заминро нишон додааст. Ҳар як мусаввараи ӯ ба манзараҳои зебои ҳамешабаҳори диёрамон, ба мардони илму ҳунар бахшида шудааст. Дар асари худ бо номи “Манзараи кӯҳсор” миниатураи анъанаҳои шарқ бо воситаи композитсионӣ, рассом бо муваффақият истифода бурдааст. Мурувват Бекназаров ҳангоми офаридани тасвири инсоният услуби

эҷодии минётуристонро моҳирона истифода бурдааст, ки асарҳои ӯ беҳтарин мусаввараҳои замони Шӯравӣ буд.

Рассоми дигари машҳури ҷумҳурӣ Суҳроб Қурбонов ҳам аз хусусияти мусаввarии шарқ бетаъсир намондааст. Махсусан он дар расми "Тоҷикистони ман" эҳсос мегардад. Дар асарҳои рассом анъанаҳои бадеӣ, санъати миллӣ бо хусусиятҳои ба худ хоси ахлоқӣ дар симои маънавии заҳматкашони тоҷик хос мебошад. Дигар аз мусаввирони шинохтаи тоҷик Раҳимов Умарҷон аст, ки қариб дар ҳама жанрҳои санъат асар офаридааст. Дар солҳои охир эҷодиёти ӯ ба минётурнигорӣ бахшида шудааст, ки асарҳои нодираш "Наво" "Лайлӣ ва Маҷнун" "Умари Хайём" ва ғайраҳо мебошанд. Рассом Раҳимов Умарҷон дар инкишофи наққошӣ, кошинкорӣ, хишткории санъати аслии тоҷик саҳми босазо гузоштааст [196, с. 3].

Бо асарҳои офаридаҳои хеш ӯ дар дили тамошобин машъалеро фурӯзон кардааст, ки дар ин радиф тамошобини бо номи Ғаниева Шарофат бо илҳои аз асари "Лайлӣ ва Маҷнун"-и шеъре эҷод кардааст:

Бидидам сурати Лайливу Маҷнун,
Бигардид он замон қалбам ҷигархун.
Чу дидам ҳоли Маҷнунро табоҳ аст,
Дил аз тарси вуҳушон худ сиёҳ аст.
Дарахте гулфишон андар самояш,
Ва шере сар ниҳода пеши пояш.
Намуда Лайлӣ аз Маҷнун суроғе,
Зи ишқи нотамом дил гашта доғе.
Аён гардида нур аз байни онон,
Ки мебахшад ба сурат он чунон ҷон.
Ба мисли зинда бошад расми Маҷнун,
Ки гӯӣ Лайлӣ дар наздаш ҷигархун.
Сано бодо дар аввал баҳри шоир,
Сипас, тасвиру ҳам рассоми моҳир [196, с. 6].

Чӣ тавре ки аз назарияи шурӯънамудаи таълими миниатураи рассомии Шарқ муайян аст, хусусияти миллии он бо алоқамандии адабиёти классикии Шарқ ва талаботи маънавию ахлоқӣ ба дараҷаи баланд расидааст. Нишонаи дигари хислат ва хусусияти миллӣ падидаи ба худ хос-забони тасвирии рассомон ва расм мебошад, ки он қатори махсуси композитсионии асари миниатурӣ аст. Миниатураи Шарқ, санъати миниатураи ба худ хос буда, дар нақши забони он нозукӣ ва нафосати расмро дидан мумкин аст. Ва хулосаи сюжетҳо, ки ба меъёрҳои ахлоқиву маънавӣ ва зебоипарастӣ бахшида шудааст, дар мавзӯъҳои миниатураи Шарқ ҷойгоҳи муайянро ишғол менамояд, ки дар навбати худ бо идеалҳои ахлокиву зебоипарастӣ ва назару нигоҳи асримиёнагии Шарқ алоқаманд буд.

Натюрморт, яке аз жанрҳои санъати тасвирӣ мебошад, ки аз ибораи фаронсавии “natur-morte”-“табиати мурда” гирифта шудааст. Натюрморт яке аз жанрҳои ҷавонтарини санъат ба ҳисоб меравад, ки дар асри XVII дар Флоренсия (аврупои ғарбӣ) пайдо шудааст ва баъдан рассомони Фаронсаву Итатия онро ривоҷу равнақ додаанд.

Дар натюрмортнависӣ ҳаҷм ва бузургии ҳар як мавод дар алоҳидагӣ муайян карда мешавад ва дар якҷоягӣ сюжети як асарро ташкил медиҳад. Натюрморт ҳам бо қалам (расмкашӣ) ва бо ранг (мусаввирӣ) иҷро карда мешавад. Дар тасвири қаламӣ бо усули коркарди тонӣ ҳаҷму шакли предметҳо тавассути штрихонӣ ифода карда мешавад; дар мусаввирӣ бошад бо гузоштани қабатҳои гуногуни рангӣ сурат мегирад.

Натюрморт ҳамавақт ба хонандагон мавзӯи шавқовар буда, онро шогирдон бо меҳру муҳаббати баланд тасвир мекунанд.

Манзара - яке аз намуди санъати тасвирӣ буда, офаридани мавзӯъҳои гуногуни табиатро дарбар мегирад. Манзаранависӣ жанрест, ки бо риояи талаботу қонунҳои мусаввирӣ иҷро карда мешавад. Шахси навмашқ дар оғози манзаранигорӣ каме душворӣ мекашад, зеро табиати

гирду атроф хеле бою рангин буда, барои мушоҳидакунанда аз ҳама тараф зебо метобад. Қайд кардан зарур аст, ки дар оғози кор бояд тасвири ҷузъҳои манзаравии содаро интихоб кардан мувофиқи матлаб мебошад.

Жанри санъати тасвирӣ, ки табиатро меофарад, манзара номида мешавад. Дар тасвири манзара бояд қонунҳои перспектива риоя карда шавад. Ҳангоми коркарди тонӣ аз ҳама намуди штрих истифода бурдан зарур аст. Тасвири объектҳои ҳаракаткунанда ҳамчун ҷузъи табиат (ҷонварон, паррандаву ҳайвонот). Дар мавридҳои алоҳидаи тасвири табиат навмашқро лозим меояд, ки парандаву ҳайвонотро тасвир карда тавонанд. Тасвири паррандаҳову ҳайвонот аз санъаткор мушоҳидаи амиқтар ва дар хотир нигоҳ доштани ҷузъиёти бештарро талаб мекунанд. Паррандаҳо серҳаракат буда, зуд-зуд ҳолати худро иваз карда меистанд. Дар оғози иҷрои тасвир ҷиҳатҳои хоси фарқкунандаи объекти тасвиршавандаро таҳлил карда, ба хотир гирифтан лозим аст.

Гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи рассомон бо ин намуди санъати тасвирӣ асарҳо офаридаанд ва ба хонандагон низ писанд мебошад.

Бо ёрии ин намуди санъат дар қалби хонандагон ҳиссиёти дарк намудани зебогии табиатро ташаккул дода, дӯст доштани Ватан ва ҳифз намудани табиатро бедор карда метавонем.

Санъати графика таърихи бисёрсола дошта дар ҷамъият мавқеи хоси худро соҳиб аст. Ин намуди санъат пайдоиши худро дар давраҳои қадим вобаста ба китоб мукаммал намудааст. Ҳанӯз дар асрҳои X-и милодӣ бо баробари хаттотӣ, китоб ва ороиши он пайдо шудааст. Ҷамъият ҳис кард, ки асарҳои санъати графика ба туфайли китоб дастраси омма гашт. Вобаста бо асарҳои пешина санъати миниатура ба рӯи тасвир овардани мазмуни асарҳои шоирону нависандагон ба ташаккули санъати графика пояи устувор гузошт. Дар ҳуҷҷатҳои таърихӣ омадааст, ки дар ташаккули графика корҳои чопӣ, ки асосан сиёҳу сафед буд мавқеи хосаро бозидааст. Омӯзиши графика дар

ҷараёни пайдошавии корҳои эъҷодӣ, дар ташаккули маҳорат, малака, қобилият ва сифатҳои ахлоқию зебоипарастии хонанда аҳамияти хоса дорад.

Калимаи графика аз забони юнонӣ гирифта шуда, “Grapho” маънои «менависам», «тасвир мекунам»-ро ифода мекунад.

Воситаҳое, ки дар графика истифода бурда мешавад: қалам, мӯйқалам, перои ручкадор, фломастер ва ручка мебошад.

Дар графика сюжетро дар якчанд тасвир ифода кардан ва нусхаи онро бисёр нашр кардан мумкин аст. Дар аёниятҳо, варақаҳо, рӯзномаву маҷаллаҳо, инчунин, дар китобҳо ин намуди санъати тасвириро бисёртар истифода мебарад. Воқеаҳои муҳими замон ва давр дар графика ба зудӣ ифодаи худро меёбад. Ин имкониятҳои муҳими санъати графика мебошад.

Жанри чеҳранигорӣ - яке аз намуди санъати тасвирӣ буда, тасвири инсонро дарбар гирифтааст. Хусусияти муҳими портрет монандӣ буда, он аз персонаж вобаста мебошад. Бори аввал дар асри XV Леонардо да Винчӣ тасвири манзараро бо чеҳранигорӣ омезиш дода, асари барҷастаи «Монализа Ҷаконда»-ро офаридааст.

Жанри чеҳранигорӣ аз замонҳои қадим пайдо шуда тараққӣ кардааст. Намунаҳои онро мо дар ҳайкалҳои Мисри Қадим, санъати атиқа дида метавонем. Дар асрҳои миёна дар санъати Аврупо жанри чеҳранигорӣ бештар дар тасвирҳои динӣ маълум гардида буд. Дар давраи Эҳё чеҳранигорӣ ҳамчун жанри мустақил инкишоф меёбад. Устодони бузурги Италия, Англия, Фаронса ва дигар мамолики Ғарб бо офаридани асар аз рӯи ин жанр шуҳрати зиёд ба даст овардаанд.

Рассомони халқи тоҷик низ ба ин намуди санъати тасвирӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, дар ривоҷу равнақи он саҳми босазое гузоштаанд.

Санъати ороишӣ низ намудҳои худро дорад: кандакорӣ (чӯбу, гаҷ), кулолгарӣ, наққошӣ, кундалкорӣ, гулдӯзӣ (кашидадӯзӣ, мӯҳрадӯзӣ,

зардӯзӣ) ва ғайраҳо.

Баъзе сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки дар асри XVII дар Бухоро омӯзиши забонҳои аврупоӣ, ба монанди фаронсавӣ, ҳиндӣ имконпазир буд. Аммо махсусан санъати халқӣ, ороишии Тоҷикистон дар он замон машҳур буд. Чунин намуди эҷодиёти халқи тоҷик, чун коркарди бадеии метал, намоиши бадеӣ ва зардӯзӣ, нақшу нигори бадеӣ, кандакорӣ дар чӯб, кулолгарӣ ва дигар намудҳо бо шукӯҳу шаҳомати ҷаҳонӣ истифода мешавад. Иқтидори бузурги ахлоқӣ ва зебоипарастии санъати халқӣ, ороишӣ, хислати он ба далелу рақамҳои зарурии мазкур вобастагӣ дорад:

а) Донистани таърих ва назарияи санъати халқи Осиёи Марказӣ, машғулияти таҷрибавӣ дар ягон намуди фаъолияти ороишӣ шартҳои зарурии услуби тарбияи ахлоқӣ ва таълими бадеӣ, ки ба худ тарбияи ахлоқиро васл месозад, чун қисми ҷудонашавандаи маданияти умумии маънавӣ ба худ тасвир месозад.

б) Шиносоӣ бо санъати халқӣ, ороиши бадеии машғулияти таҷрибавӣ ҳангоми аз худ намудани анъанаҳои он на танҳо барои тарбияи зебоишиносӣ, балки барои тарбияи ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва меҳнатӣ низ имкони васеъро фароҳам меорад.

в) Санъати халқии ороиши амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чун қисми таълимии мустақил ҳангоми корҳои санъати тасвирӣ нишон дода шуда, дар барномаи таълимӣ амиқ ва муайян қайд гардидааст, ки бештар дар корҳои беруназмактабӣ ва беруназсинфӣ корҳои қиёсӣ ба иштирокдорон мебошад.

Муҳаққиқ Ф.Қодиров менависад, ки «Ҳунарҳои амалии мардумӣ қисми ҷудонашавандаи дастовардҳои фарҳанги миллӣ ва таърихии сокинони ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон мебошад» [90, с.76-90].

Касбу ҳунармандӣ яке аз соҳаҳои суннатии фаъолияти мардумони шаҳр ва қисман деҳоти тоҷикони Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти гуногуни рӯзгор тааллуқ дорад [145, с. 3].

Ҳунари бадеии мардумӣ ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанг дар тамаддуни башарият мавқеи хоса дорад [89, с. 18].

Нақшҳои кӯҳнаи коркарди маводи бадеӣ, ки аз тарафи бостоншиносони Тоҷикистон ошкор гардидаанд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо ба асри санг мансубият доранд. Маҳорати хоси буррандагони қадим, дӯзандаи матоъ ва асрори ҳунармандии заргариву кулоларӣ аз наслҳо ба мерос гузашта аз авлод ба авлод камолот меёбад ва он таҷассумгари зебоиро ба даст оварда, ҷозибият ва сирри табиат, рӯҳияи миллӣ ҷаҳони иҳоташуда аз давраҳои қадим то замони муосир омада расидааст.

Аҳамияти тафаккури зебоипарастӣ ва бадеӣ фаъолияти шуурноки ҷудонашавандаи инсонро ташкил дода, чун зомини тадбиқнопазири маҳсулнокии эҷодӣ, баҳо додан душвор аст.

Санъат ва ҳунарҳои ба он вобаста, дар раванди пешрафти таърихии инсонят, дар ташаккул ва инкишофи тамаддунҳои бисёр, зоҳир шудани онҳо дар нашъунамои маданият нақши истисноиро бозидааст. Қобилияти идроки зебоипарастии бадеие, ки бо санъат тараққӣ мекунад кӯшиши таҷдиди шакл ва ранги воқеияти гирду атроф, махсусан дар чӯб ва сангро ба вуҷуд меорад. Дар нақшу нигори гилем ва гулдӯзӣ, дар предметҳои маишии асбобҳои рӯзғор ва ҳама он ҷузҳое, ки ба ҳайрат мегузошт-ин хаёлот ва аз рӯи тасаввуроти наққош, кулолгар ва заргар мебошад.

Дар санъати тасвирии мардуми тоҷик, махсусан дар санъати миллӣ шабоҳати бисёреро дидан мумкин аст: наздикии санъати халқӣ, монанди забон, аз як тараф наздикии анъанаҳои халқӣ, урфу одат ва шабоҳати динии як халқ бо халқҳои дигар ва ғайраро дидан мумкин аст.

Санъат маҳдудият надорад. Санъати як халқ, санъати дигар халқҳоро мепарварад ва ҳамдигарро комил намуда, ҳамроҳ тараққӣ мекунад. Агар бо як ҷумла гӯем, санъати ҳамаи халқ дар худ ғояҳои

бадеии баландро доро мебошад. Ҳар яке аз онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ки маснуоти гуногуни рӯзғорро зеб диҳад.

Ақидае ҳаст, ки санъати ҳақиқӣ ба макон ва вақти тавлиди худ нигоҳ накарда ҳамеша барои инсон фаҳмо ва наздик мебошад. Санъати халқиро бо тамоми ишкол ва зуҳуроташ ба санъати ҳақиқӣ марбут сохтан мумкин аст. Санъати амалӣ ва ороишӣ аз қадимулайём писандидатарин соҳаи ҳунари тасвирии тоҷикон буд. Барои тасаввуроти эҷодии ҳунарманд чунин намуди оддӣ ва бештар интишорёфтаи санъати ороишӣ, мисли гулдӯзӣ озодии зиёд медиҳад [51, с. 5].

Арзиши баланди бадеӣ – зебоипарастии гулдӯзии халқӣ имкон медиҳад, ки он дар тавлиди ҷузъҳои замонавии ороиши интерер ва нақши либос бо муваффақият истифода шавад. Дар мамлакати мо ғайр аз фабрикаи маснуоти бахиядӯзӣ, комбинати қолинбофии Қайроққум, коминати бофандагии Душанбею Хуҷанд ва дигар фабрикаҳо амал мекунад. Онҳо маснуоти ороиши зиёде тавлид мекунанд, ки дар он рӯҳияи гулдӯзии миллии тоҷик возеҳан ҳис карда мешавад [51, с.39].

Ҳунар сармояи бебаҳост, ки онро бо ягон дороӣ, сарват, симу зар иваз кардану харидорӣ намудан ғайриимкон аст. Ҳунар неъмати бузургест, ки метавонад ба инсони кордон ва меҳнатдӯст бузургию шаҳомат бахшида, ӯро болидарӯҳ созад. Ҳунаромӯзӣ аз азал хоси мардуми сарбаланди тоҷик буд. Мардуми тоҷикро аз қадимулайём бо ҳунармандиаш мешинохтанду эҳтиром мекарданд.

Аз таърих ба мо маълум аст, ки санъати ороишӣ, ҳунармандӣ пайваста рушд ёфта, дар ороиши бино, иншооти гуногун, таҷҳизот, ашёҳои рӯзғорро ороиш медоданд. Ҳунармандон дар соҳаҳои гуногуни ҳунари кулолгарӣ, чӯбкорӣ, тайёр намудани таҷҳизоти маишии дастгоҳҳои истеҳсолӣ, ресандагию бофандагӣ, кандакории чӯб ва гаҷкорию наққошӣ, кундалкорӣ, заргарӣ бо маҳорати баланди касбӣ иҷро менамуданд ва маҳсули дастони худро ба асари санъат табдил медоданд.

Дар санъати ороишӣ аз давраҳои қадим кулолгарӣ ҷойи аввалро сазовор мебошад. Тоҷикистон аз давраҳои қадим бо кулолгарии олии худ машҳур буд. Маҳсулоти кулолгарӣ гуногун буда, намунаи олии он, ки садсолаҳо инҷониб идома меёбад, маводи омодасозии танӯр барои пухтани нон ба ҳисоб меравад.

Санъати кулолгарӣ яке аз санъати қадимаи халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Маводи аслии он гил буда, онро дар ороиши меъморӣ ва муҷассамасозӣ ба таври густурда истифода мебаранд [9, с. 11].

Намунаи асбобҳои кулолгарӣ дар ҷойҳои зисти гузаштагони халқи тоҷик – Тахористон, резишгоҳи миёнаи дарёҳои Аму ва вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон, Суғд, водиҳои Зарафшон, Рахш ва Фарғона ёфт шудаанд. Ҳунармандони машҳури соҳаи кулолгарӣ Ашӯрбой Мавлонов аз шаҳри Конибодом, ки дар шаҳри Душанбе фаъолият кардааст, усто С.Расулов, А.Қодиров, А.Хоҷаев, Ғ.Ҳалимов, У. Мелиев, Б.Мавлонов, Сафарбой ва Сайфиддин Соҳибовҳо мебошад, ки дар ривоҷи ин ҳунар саҳми бузург гузоштаанд.

Ин санъат барои хонанда хело шавқовар буда, ташаккули завқи бадеӣ-ахлоқӣ ва зебоипарастиро меафзояд.

Санъати наққошии тоҷик аз қадим машҳури ҷаҳон буда, ороишоти иншооти таърихии офаридаи маҳсули дасти ниёгони мо боиси ҳайрати ҷаҳониён гаштааст. Нақшҳои сабки миллӣ хеле пурмазмун мебошад. Наққошиҳои аз лавозимоти оддӣ ба мисли қошуқ, лаганд, қутича, сандуқ, гаҳвора, асбобҳои мусиқӣ ва анҷомҳои рӯзғор оғоз намуда, то сақфу деворҳои хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои ҷамъиятӣ ҳамагонро ба ҳайрат меоварад.

Наққошӣ, ҳунари офаридани нақш, маҳсули эҷодии санъаткорони халқӣ ва касбӣ, яке аз навъҳои қадимаи санъати ороиши амалӣ мебошад. Ёдгориҳои меъморӣ ва бозёфтҳои бостоншиносони Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳад, ки наққошӣ дар ин ҷо аз замонҳои қадим ривоҷ ёфтааст [11, с. 5].

Наққошӣ дар аҳди Сомониён ва хусусан дар аҳди Темуриён авҷ мегирад ва ҳунармандон аз шаҳрҳои гуногуни олам ва гӯшаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ба Самарқанду Бухоро оварда шуда, онҳо ба равнақу ривоҷи ин соҳа саҳм гузоштаанд [209, с. 4].

Наққошӣ ва наҷҷории гузаштаву муосирро бе номи Қорӣ Сулаймон, Бобоҷон Наққош, усто Ғафур, усто Карим, Р.Раҷабов, Я. Зарипов, М.Солиев, Ғ.Мансуров, О.Фаёзов, усто Тоҳирҷон, Муродалӣ Сафарзода, усто Вафобек, усто Рӯзадор Абдуллобеков, усто Суҳробшоҳ, Дона Қосимбеков ва дигарон тасаввур кардан мумкин нест. Дар санъати имрӯзаи тоҷик анъанаҳои наққошӣ асосан дар ороиши биноҳои маданию маърифатӣ (чойхона, тарабхона, қасрҳои маданият ва санъат) истифода шуда истодааст.

Нақши тоҷик ба монанди нақшҳои дигар халқҳои Осиёи Марказӣ дар ҷараёни инкишофёбии худ якчанд намудро пайдо кардааст. Дар илми санъатшиносӣ намунаҳои нақши тоҷикӣ ба таври зайл ҷудо карда шудаанд:

Нақшҳои растанигӣ - ислимӣ,

Нақшҳои геометрӣ – гиреҳ,

Нақшҳои омехта,

Нақши зооморфӣ – ҷонварнусха,

Нақши катибавӣ [Замимаи 2].

Санъати кундалкорӣ-яке аз шоҳаҳои асосии санъати наққошӣ аст ва дар навбати худ наққошӣ низ яке аз соҳаҳои муҳими санъати ороишии амалӣ маҳсуб меёбад. Кундалкориро нақшу нигори возеҳ ҳам мегӯянд.

Кундал аслан номи як навъ матоъ аст, ки дар гузашта истеҳсол мешуд ва аз он хилъатҳои мардонаву занона, калтача ва ғайра медӯхтанд. Кундал ҳамчун усули наққошӣ бори аввал дар асри XV маълум гардида, асрҳои XV-XVI ба пояи баланди инкишоф расидааст.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо дар коллеҷи санъати ба номи Содирхон Ҳофизи шаҳри Хуҷанд, коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри

Истаравшан ва факултети санъати тасвирӣ ва технологияи МДТ ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров устодони бомаҳорат, ба монанди И.Ахмедов, У.Раҳимов, М.Муллоҷонов, А.Масолиев ва дигарон ба донишҷӯён аз санъати наққошиву кундалрезӣ сабақ медиҳанд. Кундал чун намунаи санъати анъанавии Осиёи Марказӣ танҳо дар Тоҷикистон боқӣ монда бо шарофати сиёсати фарҳангпарваронаи давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ривоҷ меёбад.

Санъати кундал ба хонандагон ҳисси зебоӣ ва эҳсосоти баланди завқро пайдо мекунад.

Гаҷкорӣ аз ҳунарҳои қадим буда, яке аз шоҳаҳои санъати ороиши амалӣ ҳисобида мешавад ва бо санъати меъморӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Меъмориҳои Самарқанд, Бухоро, Истаравшан, Панҷакент, Хуҷанд ва Кӯлоб мисоли равшани тараққиёти санъати ороиши амалӣ мебошад. Гаҷкорӣ дар ҳақиқат соҳае мебошад, ки дар он ҳаёту маданияти халқи тоҷик таҷассум меёбад. Саҳми ин намуди санъат дар пешрафти маданияти миллӣ басо муассир мебошад. Омӯхтани таърихи санъати гаҷкорӣ дар давраҳои қадим, асрҳои миёна ва марҳилаи ҳозира нишон медиҳанд, ки тараққиёт ва инкишофи он дар ин давраҳои таърихӣ фарқи ба худ хос доштанд. Дар давраҳои қадим гаҷкорӣ дар асоси тасвирҳои реалистӣ иҷро карда мешуд. Баъзан дар санъати гаҷкорӣ тасвирҳои одамон, ҳайвонот, паррандагон ва ашёҳои гуногун ифода карда шуда, он дар давоми асрҳо инкишоф ва тараққӣ меёфт. Асарҳои офаридаи устоҳои Осиёи Миёна бо композитсияи ба худ хос ва услуби коркардаш фарқ карда, бо кандакории нафису назарраси худ дар ҷаҳон машҳур гаштаанд. “Гаҷкорӣ  танҳо санъати бойи Осиёи Марказӣ аст, ки онро бо ҳеҷ гуна расмҳо ва намудҳои бадеии машҳури дунё баробар карда намешавад”-гуфта буд олими рус В.В.Стасов [10, с.18].

Кандакорӣ дар рӯи чӯб-яке аз намудҳои санъати  қадимаи Тоҷикистон мебошад. Таҷрибаи кандакорӣ аз насл ба насл гузашта ва ғанӣ гашта сарчашмаи дастии эҷодиёти халқӣ мебошад. Кандакории

рӯйи чуб ҳамчун ҳунари миллӣ бо мурури замон аз як насл ба насл мерос монда, он дар байни ҳунарҳо мавқеи муҳимро ишғол кардааст. Ин ҳунар нишонаи фахри миллӣ, манбаи гаронбаҳои хазинаи эҷодиёти амалии халқ маҳсуб меёбад.

Машғулияти кадакорӣ дараҷаи маълумотнокии хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ тайёр менамояд.

Чӯб ба сифатҳои хоси арзишнок соҳиб буда, аз давраҳои қадим то ҳол диққати ҳунармандони санъати бадеиро ба худ ҷалб намуда истодааст. Дар соҳаи эҷодиёти халқӣ кандакорони тоҷик дар рӯйи чӯб асарҳои олиҷаноб офаридаанд ва маводи мурдаро чунон моҳирона ба кор бурдаанд, ки фасоҳати нақшу нигор водор намуд то асар гӯё ва диққатҷалбкунанда гардад [8, с. 5].

Кашидадӯзии халқи тоҷик  як намуди санъати ороишӣ буда, оид ба он то ҳол тадқиқот рафта истодааст. Дар бораи инкишофи давраи қадимаи кашидадӯзии матоъ дар адабиёти ниёгони мо - “Авасто” ва “Шоҳнома” маълумот дода шудааст.

Халқи тоҷик аз қадим дар ороиши сару либос, таҷҳизоти зист намудҳои гуногуни услубҳои кашидадӯзиро истифода мебурд. Услубу хусусияти кашидадӯзӣ ба табиати Тоҷикистон вобастагӣ дорад, яъне ба кашидадӯзии куҳистонӣ ва водӣ тақсим мешавад.

Кашидадӯзии маҳаллӣ хусусиятҳои хоси худро дошта бошад, ҳам дар омезиши услубҳои ҳамдигар инкишоф ёфтааст. Намунаҳои беҳтарини кашидадӯзии куҳистонӣ дар коллексияи А.А.Бобринский асри XIX-XX ҷамъоварӣ шудаанд [210, с. 114].

Марказҳои қадимаи кашидадӯзии Тоҷикистони шимолӣ - Хуҷанд, Истаравшан ва Панҷакент буда, бо хусусиятҳои хоси худ маълум мебошанд. Кашидадӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Исфара, Ашт бо услуби интихоби матоъ, захм ва иҷрои он фарқ дорад. Барои кашидадӯзӣ намудҳои чунин дӯхтро истифода мебаранд: дӯхти ироқӣ, хомдӯзӣ, дӯхти юрма, дӯхти оба, дӯхти чамак, дӯхти илмак, дӯхти босма,

дӯхти бахя, дӯхти сӯзан ба пеш, дӯхти кунгура, дӯхти ҳашттарак, дӯхти бандак, дӯхти гиреҳӣ.

Ҳунармандони машҳури кашидадӯзии Тоҷикистон - ходимони хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон З.Баҳриддинова, К.Ғаюров, Д.Алимирзоева, С.Фузайлова, Б.Тошматова, З.Муҳаммадиева, С.Латифова ва дигаронанд, ки маҳсули меҳнаташон борҳо дар намоишгоҳҳо намоиш дода шуда, сазовори баҳои баланд гардидаанд.

Кашидадӯзӣ ҳамчун ҷузъи зебопарастӣ ба хонандагон бояд эҷодкориро омӯзад, зебогиро ёд диҳад ва меъёри бачагонро нисбат ба санъати тасвирӣ ворид кунад.

Ҳунарҳои кашидадӯзӣ, заргарӣ, кулолгарии мардумии халқи тоҷик шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Зардӯзӣ, кандакорӣ дар чӯб, гаҷ ва коркарди метал, корҳои кулолгарӣ ва дигар намудҳоро мо метавонем дар бисёре аз дигар халқҳо низ мушоҳида намоем: чун дар Озорбойҷон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Афғонистон, Эрон, Қазоқистон ва дигар ҷумҳуриҳо санъати миллӣ хусусияти худро дорост, аммо ҳар яке аз он таъсири муайянеро барои пешрафт нишон додааст. Муваффақияти зардӯзӣ, кулолгарӣ, кандакорӣ дар чӯб ва гаҷ ин муваффақияти ҳамаи халқҳо мебошад. Барои он, ки санъати ҳама халқҳо бо ҳам алоқаи зич дошта бо таъсири ҳамдигар тараққӣ намуда, ғанӣ мегардад.

Хусусиятҳои асосии маданияти бойи халқи тоҷикро, ки дорои ҳиссиёти баланд ва ғурур буд мо дар асарҳои бадеие, ки дар Бухоро, Самарқанд, Истаравшан, Исфара, Хуҷанд ва дигар марказҳои қадими фарҳангӣ маҳфуз мебошанд дида метавонем. Таъқиб ба рассомон ва барҳамдиҳии арзишҳои бадеии онҳо бенатиҷа монд. Аммо санъат нашъунамо ва тараққӣ мекард. Ба мамонияти тасвири одамон нигоҳ карда дар санъат “Эҷодиёти ороишӣ” пеш меравад. Дар корҳои ҳунармандони халқӣ анъанаи санъати ороишӣ аз насл ба насл гузашта меомад. Яке аз далелҳои пайдоиши санъати ороишӣ расми деворие, ки аз Пайкон, Ворух ва ғайраҳо ёфт шудааст ба ҳисоб меравад. Ба нақшу

нигори бино, қисми зоҳирии сохтмон, инчунин маснуоти ҳаётӣ: гаҳвора, асбобҳои гуногуни мусиқӣ, сӯзаниҳо, сандуқ, тоқӣ ва ғайраҳо зеб дода шудааст.

Аммо дар давраҳои гузашта, хоса замони аввали ҳокимияти Шӯравӣ ба ин намуди санъат маснуоти сохташудаи дастии ҳунармандони халқӣ ба касе даркор нашуда, худи ҳунармандон ба таъқиб дучор мегарданд.

Мусаллам аст, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар таваҷҷӯҳи Ҳукумати мамлакат зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба эҳёи ҳунарҳои мардумӣ сол аз сол зиёд гардида, дар ин самт силсилаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбут ба рушди санъат ва ҳунарҳои миллӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуда истодаанд. Имрӯз мо метавоним бо ҳунармандони зардӯзӣ, кулолгарӣ, кандакорӣ дар чӯб ва гаҷ ифтихор намоем.

Ба асосҳои методологии тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ ва санъати миллӣ дар муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд даҳсолаи охир як қатор тадқиқоти махсус (монографияҳо, китобҳо, мақолаҳо, диссертатсияҳо) бахшида шудаанд, ки дар тадқиқоти мо онҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Аз оғози солҳои 80-уми асри XX дар Тоҷикистон ҷустуҷӯи ҳалли масъалаи тарбияи ахлоқиву зубопарастии хонандагон ба таври назаррас фаъол мегардад.

Тадқиқоте, ки аз ҷониби олимон-педагогҳо ва психологҳои Тоҷикистон анҷом ёфтаанд, ба корҳои бунёдии психологҳо, педагогҳо ва дидактикҳои давраи Шӯравӣ И.О.Обидов, М.О.Орипов, М.И.Криштул, Ф.Н.Репи, М.Лутфуллоев, Б.Раҳимов, М.Қосимов, М.М.Сайфуллоева, Б.Қодиров, Э.Сафаров, О.А.Апраксина, Л.С.Виготский, Б.М.Теплов, Е.И.Игнатев, В.Н.Шатская, И.А.Бетлугина, А.Саидов ва дигарон такя менамоянд.

Хусусияти санъати тасвирии Тоҷикистон дар назария ва амалия нисбатан аниқ буда, таълими бадеӣ ва зебоипарастии он дар тарбияи хонандагон дар диссертатсияҳои тадқиқотии олимони тоҷик чун Р.Абдуллоева ва М.Қодирова дида мешавад.

Қодирова Мунаввара Воҳидовна дар диссертатсияи номзадии худ тадқиқоти педагогие анҷом додааст, ки бо кӯшиши ҷалб намудани санъати халқӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ ҳамчун воситаи муҳими тарбияи зебоипарастӣ алоқамананд. Аммо чунонки аз омӯзиши таърихи масъала бармеояд, тадқиқоти педагогӣ тамоми соҳаҳои санъати миллии тоҷикиро фаро гирифта, тамоми хусусиятҳои он, аз ҷумла анъанаҳои бадеияшро муайян карда наметавонад. Дар таълифоти педагогӣ зимни баррасии анъанаҳои бадеӣ кӯшиш ба харҷ дода нашудааст, ки аҳамияти семантикии (маъноии) санъати мардумии тоҷикӣ бо мақсади таълим додани он ба бачагон ошкор гардад. Зеро санъати мардумӣ низоми маҷмӯи аломатҳо дар шакли тансиқшуда мебошад, ки бори муайяни маъниро мекашад [79, с. 48].

Мундариҷа ва маводи тадқиқотӣ аз нуқтаи назар ва нигоҳи муаллиф барои мо шавқовар буда, он ба муайянсозии мундариҷаи хусусияти миллии санъати халқии Тоҷикистон ва нишонаҳои хислати тақсимоти он, инчунин ба таври мисол мутобиқатии тадқиқоти таълимии алоқа ва муносибати мактаббачагон ва усули махсуси омӯзишгоҳҳо равона карда шудааст.

Абдуллоева Розия Ҳакимовна дар диссертатсияи номзадии хеш беҳбудӣ бахшидан ба кори мактаби муосир, ки дар Тоҷикистон амалӣ мегардад, бунёди чунин низомеро тақозо менамояд, ки тамоми корҳои марбут ба тарбияи зебоипарастии насли наврасро ҷоннок намояд, ки бо равандҳои мутараққии дар ҷомеа рӯйдиҳанда, муайян мегардад. Тарбияи зебоипарастии насли ҷавон дар ҳама давру замон яке аз масъалаҳои мубрами мактаб ва ҷомеа аст.

Тарбияи зебоипарастӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва мураккаби инкишофи ҳаматарафаи насли наврас мебошад. Маҳз он инсонро бо олами зебоӣ ошно мегардонад, ёрӣ мерасонад, ки ӯ зиндагиро пурратар эҳсос ва дарк намояд, асарҳои санъати асилро қадр бикунад [1, с. 56] .

Тарбияи зебоипарастӣ раванди ҳадафмандонаи педагогӣ мебошад, ки дар натиҷаи он муносибати зебопарастии инсон ба олам, табиат, меҳнат, муносибатҳои инсонӣ ва санъат ташаккул меёбад. Аммо ташаккул додани муҳаббат ба зебоӣ, маҳорати дарки зебоӣ дар ҳаёт ва санъат, лаззат бурдан аз он – фақат яке аз вазифаҳои ташаккули дунёи маънавии инсон тариқи воситаҳои тарбияи зебоипарастӣ мебошад. Р.Абдуллоева нишонаи хусусиятеро чун санъати халқӣ, ороишӣ – дастии тоҷикро ҷудо намудааст, ки он мутобиқ ба масъалаҳои бадеии бузурги мутахасисии таълими омӯзгорӣ вобаста мебошад.

Ба ҷанбаҳои гуногуни табияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ, ватандӯстӣ ва таълимӣ, бадеии иштирокдорон дар дарсҳо ва машғулияҳои беруназсинфии санъати тасвирӣ, дар шароити анъанаҳои миллии мактабҳои тоҷик якчанд тадқиқоти олимон ба анҷом расидаанд: А.Умаров, Ҳ.Ҷалилова, М.Рӯзиева, М.Ашӯров, Р.Абдуллоева, М.Ашӯралиев, А.Нуров, М.Қодирова, М.Дадобоева, К.Ҷӯраев, П.Негматов ва дигарон.

А.Умаров дар тадқиқотии худ таъкид менамояд, ки таҳлили тадқиқоти илмӣ роҷеъ ба тарбияи ахлоқӣ имкон медиҳад, ки нуктаҳои зерин муайян гарданд: якум, тарбияи насли наврас дар кишвари мо ҳамеша раванди том, устувор, ҳамаҷониба буда, дар маркази раванди таълиму тарбия қарор дорад; дуввум, тарбияи ахлоқии хонандагон яке аз масъалаҳои муҳимтарини омода намудани наслҳои наврас ба ҳаёти мустақилона аст; севум, тарбияи ахлоқӣ пеш аз ҳама, дар раванди таълим, ҳамчунин дар рафти кори беруназсинфӣ, беруназмактабӣ ва оила амалӣ мегардад; чорум, раванди эҳёи худшиносии миллӣ, ки имрӯз

дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ идома дорад, барои бозгашт ба сарчашмаҳои фарҳанги миллӣ, анъанаву арзишҳои пешқадам ва ормонҳои маънавии халқ шароит фароҳам овард. Бегонашавии маънавию ахлоқӣ, муносибати беэътиноёна ба фарҳанг ва арзишҳои миллӣ, ки қисми зиёди ҷавонони тоҷикро фаро гирифтааст, ҳамчунин косташавии маънавию ахлоқӣ муайян кардани ҳадафҳо, мундариҷа ва шаклҳои нави тарбияи маънавию ахлоқии хонандагонро тақозо менамояд [189, с.12].

М.Рӯзиева дар тадқиқоти анҷомдодаи худ хусусиятҳои инкишофи зебоипарастии хонандагони синни миёнаро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои зеринро ифода намудааст:

- синни наврасӣ марҳилаи сифатан нави инкишофи ҳисси зебоипарастии хонандагон мебошад;

- падидаҳои нави умумии инкишофи равонӣ (дарки интиқодӣ ва баҳогузории воқеият, зиндаву ғанӣ будани тахайюл, афзудани ҳассосияти эмотсионалӣ, тақвияти эҳтиёҷ барои худифодакунӣ) ба инкишофи зебоипарастии шахсият таъсири бевосита мерасонанд;

- дар синни мазкур дар заминаи завқи зебоипарастии инкишофёфта қобилият ба андешаронииҳои баҳодиҳанда зоҳир мегардад;

- ташаккули завқи зебоипарастии хонадагон вазифаи бевоситаи тарбияи зебопарастии мақсаднок ва маърифати бадеӣ мебошад [151, с. 34].

Дар тадқиқотии худ М.Ашӯралиев бо вуҷуди ин, масъалаи истифодаи нерӯи маънавию ахлоқии анъанаҳои мардумӣ дар раванди таълиму тарбияи мактаби муосир танҳо қисман ҳаллу фасл намудааст. Интихоби мавзӯи тадқиқоти М.Ашӯралиев – «Тарбияи ахлоқии хонандагон дар анъанаҳои халқи тоҷик» бо ин нукта асоснок гардидааст. Таълифотеро, ки оид ба этнопедагогика дар солҳои гуногун анҷом ёфтаанд, баррасӣ намуда, муаллиф аҳамияти онҳоро дар бартараф намудани холигоҳ дар тадқиқоти этнопедагогӣ, ҳамчунин дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси тарбияи гурӯҳҳои муайяни синнусолии

мактаббачагон дар муҳити хоси иҷтимоию фарҳангӣ ва фазои мушаххаси миллӣ қайд намудааст.

Сайри таърихии тадқиқоти илмии марбут ба масъалаҳои педагогикаи халқӣ нишон медиҳад, ки омӯзиши таҷрибаи мардум дар самти тарбия ҳамчун падидаи иҷтимоиву таърихӣ дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ мавриди таваҷҷуҳи педагогҳои гузашта ва муосир қарор дорад.

Ба масъалаи тарбияи ахлоқӣ муҳаққиқи тоҷик А.Нуров таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар диссертатсияи доктории хеш «Арзишҳои милливу умумибашарӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас» ӯ қонунияти умумии арзишҳои ахлоқии умумибашариро муайян намуда, дар заминаи онҳо консепсияи педагогии ғояҳои тарбиявиро бунёд кард, ки дар арзишҳои ахлоқии милливу умумибашарӣ таҷассум ёфтаанд [127].

П.Неъматов чунин меҳисобад, ки  дар шароити муосири инкишофи ҷомеа муҳим аст, ки саҳми миллию тарбиявии ахлоқӣ, худогоҳӣ ва худшиносии насли нав баланд бардошта шавад, зеро он самти асосии ташаккули инсони ватандӯстро муайян мекунад [119].

Дар диссертатсияи номзадии И.Б.Гашимов баъзе ғояҳои педагогии халқиро дар бобати тарбияи ахлоқии бачагони синни мактабӣ дарёфтан мумкин аст.

Раванди эҷодии дарк ва офаридани маҳсулоти санъати ороишии амалӣ барои пайдо шудани шавқу рағбати хонандагон ба таърихи зодгоҳ, омӯзиши минтақаҳои муайяни Тоҷикистон, хусусиятҳои инкишофи фарҳанги тоҷикон мусоидат менамояд. Намунаҳои санъати ороишии амалӣ, ки педагог ба бачагон муаррифӣ менамояд, ба сифати таҷрибаи таърихӣ ва иҷтимоӣ зоҳир шуда, имкон медиҳад, ки тахайюли эҷодии бачагон бо воқеият алоқаманд гардад [25, с. 30].

Омӯзиши таърихи фарҳанг ва санъати халқи тоҷик ба андозаи муайяне дар як қатор тадқиқоти олимон инъикос ёфтааст. Ба инҳо асари «Аз таърихи сохтмони фарҳангӣ дар Тоҷикистон» мансуб аст.

Ҳ.Ҷалилова чунин меҳисобад, ки қисми асосии тарбияи бадеӣ – зебоипарастиро дар корҳои беруназсинфӣ дар қатори дигар талабот, бояд ташаккули шахсиятро ҳаматарафа ҷудо кард, ба онҳо сохти муҳити маънавӣ, таълим ва тарбияи ягонаи бадеӣ, ҳамоҳангсозии онҳо бо амалия муносибат ба мероси бадеии чӣ ҷаҳонӣ ва чӣ ватанӣ муносибат ба фаъолияти эҷодӣ, бо назардошти хусусияти анъана, мероси бадеӣ ва анъанаҳои бадеиву миллӣ метавон дохил кард.

Бо вуҷуди ин, мо тадқиқоти махсусеро, ки ба омӯзиши хусусиятҳои санъати миллии тасвирии Тоҷикистон дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон ва категорияҳои дигари муҳассилин бахшида шудааст, дарёфт накардем.

Бо натиҷаҳои кори таҳқиқотии мазкур мо аз лиҳози умуминазариявӣ ҳамфикр мебошем. Аз ҷумла, инкишофёбанда будани дарку фаҳмиш, тафаккури таҳлилии хонандагони синфҳои боло, таҳлили асарҳои санъати тасвирӣ, қобилият ба муошират дар доираи донишҳои ҳосилшуда. Аммо бояд қайд намуд, ки муаллиф дар тадқиқоти анҷомдодаи хеш ба фаъолияти амалии тасвири хонандагон таваҷҷуҳи кофӣ надодааст: расмкашӣ аз асл ҳамчун навъи асосии фаъолияти хонандагон барои ҳосил кардани саводи графикӣ, навъҳои мавзӯӣ ва ороишии расмкашӣ, ки қобилияти эҷодиро инкишоф медиҳанд. Тамоми ин навъҳои фаъолиятро мо ҷузъҳои ногусастании тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ ва бадеӣ мешуморем.

Солҳои охир китобҳо ва мақолаҳо роҷеъ ба санъати тасвирӣ дар мактаб ба вуҷуд омаданд, ки дар мундариҷаи онҳо мафҳуми ҳамбастагии ҷанбаҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии тарбия замина гузошта шудаанд. Аз ҷумла, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии В.Н.Виноградов, И.С.Вышнеполский, А.А.Абдиқосимов, А.Д.Ботвинников, С.И.Дембинский, Бойназаров, О.Исломов, Ш.Азизов, С.Ҳасанов, Ҳ.Ҷалилова, А.Исоев, З.Мирзобоев, Ш.Бобоева, М.Ҷамолдинов, У.Раҳимов ва дигарон ба миён омаданд. Дар ин замина

саҳми назарраси профессор О.Исломов дар коркарди масъалаи таълим ва методикаи таълими санъати тасвирӣ дар муассисаҳои олӣ қобили қайд аст. Аз ҷониби ин муҳаққиқ як силсила китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои гуногуни тарбияи зебоипарастӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълиф шудаанд.

Хулоса карда мешавад, ки ба воситаи таъсири тарбияи санъат, мо ба ҷаҳони ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии рассомон ворид мешавем, мақсади ахлоқии онҳоро дарк менамоем.

Санъат бо воситаи таъсирбахшии худ ҳиссиёти ахлоқиро тарбия менамояд. Он сифатҳои ахлоқӣ, нигоҳи мақсаднок, дарки ҳисси ватандӯстӣ ва умумибашарӣ ва ғайраҳоро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, ба воситаи таҳлили хусусияти миллии тадқиқоти овардашудаи санъати тасвирӣ ва тарбияи зебоипарастии мактаббачагони Тоҷикистон дар замони ҳозира ягон предмети махсуси тадқиқотӣ вуҷуд надорад. Инчунин, чӣ хеле, ки аз таҳлили назариявии тадқиқи мо маълум аст, қисми асосии маданияти маънавии шахсӣ дар қатори сатҳи баҳодиҳӣ ва фаҳмиши зебоипарастии пешрафта, пеш аз ҳама бо сифати ахлоқӣ-зебоипарастии мактаббачагон алоқаманд мебошад, аз инҳо иборат аст:

1. Тараққиёти дарки ахлоқӣ-зебоипарастии бадеӣ.

2. Тараққиёти ҳиссиёти ахлоқӣ-зебоипарастӣ.

3. Таркиб ва татбиққунии мақсадҳои зебоипарастӣ  ва ахлоқии шахсӣ.

Ҳамин тавр, хусусияти миллии санъати тасвирӣ дар тарбияи зебоипарастии хонандагони Тоҷикистон масъалаи бузурге мебошад. Хусусият ва таркиби масъала бо алоқамандии зич бо дин, хусусияти табиӣ, анъанаҳои халқӣ, урфу одат ва санъати ороишии Тоҷикистон тасвир мегардад. Дар навбати худ, хусусияти масъала ва асоси муайянсозии илмию назариявӣ, ба санъати халқии бисёрсола такя намуда, он мақсади зебоипарастӣ ва ахлоқии халқҳои Осиёи марказиро

дар тамоми давраҳои пешрафтаи таърих инъикос менамояд. Дар ин ҳангом, тадқиқоти мо дар алоҳидагӣ, ба зарурати бозсозӣ ва далелнокии асоси илмию назариявӣ дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони синфҳои 5-7, ки бо воситаи хусусияти миллии санъати тасвирӣ, ифода гардидаанд, бахшида шудааст.

Асоси масъалаи назариявӣ – ин қонуни равоншиносӣ, пешрафти зебоипарастӣ ва тарбияи салиқаи бадеӣ, дар иштирокдорон пайдо намудани сохти ҳамоҳангӣ, тасвири тавоноӣ ва малака буда, хусусияти санъати тасврии тоҷик барои ба андозаи пурра ва комил равнақ додани он шароит фароҳам меоварад.

Ҳамин тавр, ба хонандагон аз рӯзҳои аввали ба мактаб омаданашон дар хусуси ахлоқи ҳамида бояд маълумоти оддитаринро дод, то ки аз фазилатҳои ахлоқи одамӣ баҳраманд гарданд ва муносибаташон бо аҳли ҷамъият, меҳнат, одамон ва худашон шоистаи таҳсин бошад.

## Хулосаи боби I

Таълими бадеӣ ва тарбияи зебоипарастии ҷавонони таълимгиранда масъалаи муҳиме дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боқӣ мемонад ва аҳамияти худро аз даст намедиҳад. Санъати тасвирӣ чун воситаи муҳими тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ ҷойгоҳи муҳимро дар масъалаи актуалии тарбияи ахлоқию зебоипарастии Шарқ дар санъати тасвирӣ соҳиб буда, махсусан намудҳои беназири он чун миниатура, нақшу нигор, кандакорӣ дар чӯб ва гаҷ, кулолгарӣ, заргарӣ ва ғайра дар тарбияи зебоипарастиву ахлоқӣ назаррас аст.

Дар асоси таҳлили назариявии адабиёти таърихӣ, педагогӣ, санъатшиносӣ ва методӣ ба тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ бахшидашуда маълум мегардад, ки мутафаккирони форсу тоҷик дар рушду такомули он саҳми арзанда гузоштаанд. Вазифаи устод (муаллим) дар тарбияи маънавии шахс аз аъмоли олимони барӯманд-энсклопедистони шарқи миёна Сино, Форобӣ, Берунӣ, Тӯсӣ ва дигарон ба хубӣ мушоҳида мешуд.

Аз тарбияи таърихи фалсафӣ – зебопарастӣ, эҷодиёти рассомони халқи тоҷик чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ин намудҳои тарбия бо ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ дошта, фаҳмиши пурраи тарбияи ахлоқӣ-зебопарастиро ташкил медиҳад.

Яке аз фаъолияти муҳими ташкили хонандагон дар дарси санъати тасвирӣ, ҷараёни дарккунии асарҳои бадеӣ мебошад. Барои айнан дарк кардани асарҳои санъати тасвирӣ сатҳи фаҳмиши ва эҳсосоти эҷодкоронаи хонандагон зарур мебошад, ки ба чӣ андоза хонандагон тариқи қабати болоии шаклҳо ба маънои аниқи тасвир чуқур медароянд.

Таҷрибаи корӣ аз он далолат медиҳад, ки дарк кардани асарҳои санъати тасвирӣ он гоҳ бештар воқеӣ (объективӣ) мегардад, ки агар хонандагон хусусиятҳои услубии бо забони нақши бадеии намуди муайяни санъат ифодакардашудаи онро дарк кунанд. Фаҳмидани ин

забон ба инкишофи дарки бадеӣ, эҳсосоти зебоипарастӣ ва фикррони и намунавии хонандагон ёрӣ мерасонад.

Санъати халқии дастии Тоҷикистон анъанаҳои худро дорад, ки дар он меҳри самимии халқи тоҷик ифода гардида, қисми ҷудонопазири маданияти маънавии миллати тоҷик ба шумор меравад.

Тарбияи зебоипарастии ҳақиқиро бе иштироки инсон дар офариниши зебоӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мавқеи санъати ороишӣ барои дар қалби инсон равнақ ёфтани маданияти дарк кардан, тафаккур, образҳо ва тасаввурот хеле бузург аст.

Бо маҳорати баланд офаридани асарҳои санъат ва асаре, ки ҳунарманд эҷод намудааст, дар қалби хонандагон муҳаббатро нисбат ба ҳунари асл ба вуҷуд меорад. Хонанда аз дидани маҳсули эҷоди ӯ, аз ороиши он мувофиқи фаҳмишу ҷаҳонбинии худ онро тасаввур намуда, дар паси он силсилаи воқеаҳо, образҳои онро ба хубӣ хоҳад дид.

Аз ин рӯ, омӯзиши хонандагон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи санъати ороиши амалӣ ҳангоми тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ бағоят зарур мебошад. Гуфтугӯ оид ба санъати тасвирӣ дар мисоли омӯзиши ҳайкалҳои бостонӣ, ба иштирокдорон, барои аз худ намудани арзиши миллии маданияти зебоипарастӣ ва бадеӣ, ки аҳамияти таърихӣ чун моликияти умумиинсониро дорост, кӯмак мерасонад. Чунин гуфтугӯҳо ва саёҳат барои фикр намудан оид ба ҳадафи ҳақиқии ҳаёти инсонӣ, қарзи ӯ дар назди Ватан ва халқи худ, қарзи ӯ дар назди ҳамаи инсоният ва инчунин ҳифз намудани асарҳои таърихии нотакрор кӯмак мерасонад.

Асарҳои рассомон барои инсоният муҳимтарин арзиши маънавӣ маҳсуб ёфта, ба такмили завқи зебоипарастии ӯ мусоидат мекунад. Ба шарофати асарҳои рассомон муносибати байниҳамдигарии одамон беҳтар ва оромиву осоиш дар ҷомеа устувор мегардад.

Асарҳои классикии миниатураи Шарқ дар тарбияи ахлоқию зебоипарастии насли наврас ба талабот ҷавобгӯ буда, на танҳо барои тарбияи хонандагони тоҷик, балки бо рангорангии худ аҳамияти

умумиинсонӣ дорад, ки истифодаи самаранокии он дар раванди тарбия яке аз омилҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Намудҳои санъати тасвирӣ хусусияти ахлоқию зебоипарастӣ дошта, дар инкишофи тафаккури бадеии хонандагон ҳисси зебоипарастии онҳо нисбат ба зебоӣ, бедор намудани шавқу ҳаваси онҳо ба санъати аслии миллӣ нақши басо назаррас мебозад.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷомеаи мутамаддин ҷавонон ба сифати нерӯи пешбарандаи ҷомеа пазируфта шуда, месазад, ки онҳо дар ҷодаи эҳтиром ва арҷгузорӣ ба рукнҳои санъати бадеӣ тарбия ёфта, дар рӯҳияи хештаншиносиву худогоҳии миллӣ ба камол расанд.

Аз инҷо бармеояд, ки дар замони ҳозира санъати тоҷик чун анъанаи бузурги санъати миллӣ боқӣ хоҳад монд. Ба санъати давраи муосир идеяҳои гуманистии давраҳои гузашта таъсир расонда, он аз дурдонаҳои доҳиёни миллии бадеӣ ва аз аҳамияти умумиинсонии онҳо барои худ манбаъ мегирад.

Аз ин хотир зарур аст, ки ба масъалаи тарбияи зебоипарастӣ аз кӯдакистонҳову макотиби миёна шурӯъ карда ва сипас дар макотиби олӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Бузургони илми сиёсат беҳуда нагуфтаанд: «Барои он, ки миллатро нест кунӣ, бояд ӯро аз решаҳои таърихиаш, аз ҷумла забону фарҳангаш ҷудо созӣ».

# БОБИ II. САМАРАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ ВА ТАВСИЯҲО ОИД БА ТАРБИЯИ АХЛОҚИВУ МАЪНАВӢ ВА ЗЕБОИПАРАСТИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ.

## §2.1. Усули таҷрибавии тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва таълими воситаҳои санъати тасвирӣ

Бо мақсади ҷамъбасти маводи назариявӣ ва таҷрибаи қаблӣ доир ба тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Тоҷикистон ба воситаи санъати тасвирӣ, дар натиҷа амалӣ намудани барномаи санҷишӣ, корҳои таҷрибавӣ – санҷишӣ дар ду марҳала гузаронида шудааст.

Пояи асосии санҷишии тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 9 ва 22-и ноҳияи Ҷаббор Расулов ва № 10 ва 29-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров анҷом ёфт. Дар тӯли 6 соли тадқиқот, зиёда аз 600 нафар хонандаи синфҳои 5-7-и муассисаҳои тоҷикзабон ва ӯзбекзабон ҷалб карда шуда, 809 мусавварахои хонандагонро таҳлил карда шуданд. Бояд қайд намуд, ки 46-дарс аз фанни санъати тасвирӣ таҳлил карда шуд. Инчунин, малакаи оммавии педагогӣ дар тарбияи ахлоқӣ – педагогии талабагони Тоҷикистон, ки ба давраҳои нашрии маводи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, умумиҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ ва конфронсҳои ноҳиявии илмию амалӣ, семинарҳо, маҷлисҳои ҳарсолаи таълимию методии муаллимони санъати тасвирии вилояти Суғд бахшида шудааст, истифода бурда шудаанд.

Тадқиқот аз соли 2014 то соли 2019 гузаронида шудааст. Давраи таҷрибавӣ – санҷишии тадқиқот бошад, дар соли 2016-2019 ҷараён гирифтааст. Дар ин давра аз рӯи машқҳои санҷишии коркардашудаи тадқиқот, ки барномаҳои санъати тасвириро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ комил ва пурра месозад, гузаронида шудааст. Ғайр аз барномаҳои санҷишӣ аз тарафи мо намудҳои гуногуни лавозимоти аёнӣ,

ки хислати омӯзишӣ доранд, кор карда шудааст, ки дар давраи гуногуни корҳои санҷишӣ истифода шудаанд.

Дар аёният (плакатҳои таълимӣ, овезаҳо, таблитсаҳо, диапозитивҳо, муаррифии фан ва ғайра) хусусияти инфиродӣ ва синнусолии хонандагон хусусияти миллӣ ва хусусияти санъати тасвирии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст, тарбияи ахлоқию зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 дар корҳои беруназсинфии дарси санъати тасвирӣ аз рӯи нақшаҳои коркардшудаи тадқиқот ва барномаҳои навбатӣ, мубоҳиса, маҳфилҳои махсус, намоишҳо, экскурсия дар осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо амалӣ мешудаанд.

Методи тадқиқот барои ба даст овардани маълумотҳои объективӣ аз инҳо иборат буданд:

-омӯзиши малакаи омӯзгорони санъати тасвирӣ дар равиши сохти табияи ахлоқии хонандагон ҳангоми таълими санъати тасвирӣ;

-гузаронидани озмунҳо, саволгузорӣ ва суҳбатҳои инфиродӣ бо хонандагони синфҳои 5-7 ва муаллимони санъати тасвирӣ.

-назорат ва таҳлили махсуси фаъолияти тасвирии кӯдакон ҳангоми тасвири аслӣ, аз рӯи мавзуъ ва ороишӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи азхуднамоии саводи тасвирии хонандагон, инчунин барои муайян намудани ҷаҳонбинии ахлоқӣ - зебоипарастӣ ва ғайра.

Давраи ҷустуҷӯ ҳалли чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

- муайян намудани дониш ва тавоноии хонандагони синфҳои 5-7 ҳангоми расмкашӣ аз асл, ороишӣ ва мавзӯӣ, инчунин завқ ва муносибати хоҳиши ба дигар намудҳои фаъолияти тасвирӣ.
- муайян намудани нақши расмкашии аз асл, аз рӯи мавзӯъ ва расмкашии ороишӣ дар тарбияи ахлоқӣ – зебоипарастии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти минаи умумии Тоҷикистон:
- муайян намудани хусусиятҳои методологии тарбияи ахлоқӣ – зебоипарастӣ, инчунин хусусияти миллии санъати тасвирӣ дар этнопедагогикаи Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши санъати тасвирӣ.

Таҳлил ва хулосаи меҳнати илмию амалӣ дар мавзӯи тадқиқотии мо, боз намудан ва далелноккунии асосҳои методологии тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон, баробари зоҳир намудани вижагии миллии санъати тасвирӣ дар пешрафти муассисаҳои тоҷик асос барои коркард гузоштан, ки ба назари мо методикаи санҷишӣ ва истифодаи он дар хусусиятҳои миллии санъати тасвирӣ дар тарбия ва таълими хонандагони синфҳои 5 – 7 пурсамар мебошад.

Дар таҳлил ба барномаҳои намунавии амалкунандаи муассисаҳо доир ба санъати тасвирӣ, ки вуҷуд дошта, аз рӯи нуқтаи – назарӣ дар онҳо равияи омӯзиш ва тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ ҷой дорад, ки такя намудем. Дар он чунин омилҳо ба мушоҳида гирифта шуд:

1. Расмкашӣ аз асл – чун асоси дониши тасвирӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ тибқи барномаҳои амалкунанда бояд вазифаи таълиму тарбиявии худро маҳфуз дорад.

Дар барномаи санҷишӣ бо мақсади амалӣ намудани масъалаи пешгузоштаи тарбияи ахлоқии хонандагон, мо бояд дар расмкашии пленери ҳайкалҳои меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон, набототи маҳаллӣ, ҳайвонот ва васеъ намудани он собитқадам бошем.

2. Дар барномаи санҷишӣ бояд ба муколамаи таърихии санъати тасвирии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ, ки рангорангии маданияти санъати миллиро ошкор месозад (Меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон, рассомии минётурӣ, санъати нақшу нигор, зардузӣ ва ғайра) диққати махсус дода шавад. Вижагиҳои миллии санъати тасвирӣ дар барномаҳои санҷишӣ бояд бо омӯзиши беҳтарии намунаҳои ҷаҳонӣ ва маданияти бадеии русӣ якҷоя карда шавад.

3. Хусусияти миллии санъати тасвирии Тоҷикистон бояд дар дарсҳои расмкашӣ аз рӯи мавзуъ васеъ муаррифӣ карда шавад. Чунин намуди санъати тасвирӣ, чун минётура, санъати ороиши амалӣ бисёр имконияти васеъ барои истифодаи онҳо дарсҳои эҷодиёти тасвирӣ ва

расмкашӣ дар мавзуъҳои гуногун, ягонагии онро дар тарбияи ахлоқӣ ва зебоипарастӣ таъмин намуда, бисёр имконоти васеъро фароҳам меорад.

4. Супориши ва барномаи санҷишӣ, ки бо расмкашии ороишӣ бахшида шудааст, бояд куллан хусусияти амалии санъати ороиши амалии Тоҷикистонро (нақшу нигор дар иморатҳо, нақшу нигор дар зарфҳо, матоъҳо ва ғайра), пайваста бо санъат инъикос намояд ва барои тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқии мактаббачагони тоҷик мусоидат менамояд.

Тафтиши мо аз рӯи мундариҷаи барномаи муассисаҳо чунин манзараро ба тасвир меорад:

Дар стандарти таълимии фанни санъати тасвирӣ чунин оварда шудааст: «Фанни санъати тасвирӣ барои синфҳои 5-7 дар нақшаи таълимӣ ҳамчун фанни ҳатмии таълимӣ дар нақша ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил дар ҳар синф 178 дар ҳафта (ба истиснои рӯзҳои истироҳат ва идҳою ҷашнҳо) 1 соат ва дар як соли таҳсил 34 соатро ташкил медиҳад» [40, с. 27].

Тарбияи ахлоқии хонандагон тавассути санъати тасвирӣ дар маҷмӯъ дар барномаҳои омӯзишии муассисаҳои Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст. Дар асоси яке аз аввалин барномаҳои мактабии санъати тасвирӣ дар ҷумҳурӣ чунин намудҳои фаъолияти тасвирии хонандагон, чун расмкашӣ аз рӯи асл, расмкашӣ аз рӯи мавзӯъ, ороишӣ ва дизайн, инчунин мусоҳиба оид ба санъати тасвирӣ ниҳода шудааст. Инчунин дар барномаҳои баъдӣ низ чунин сохторро нигоҳ дошта шудаанд. Дар онҳо баъзе мавзӯъҳо, ки бо хусусияти миллии санъати тасвирӣ алоқаманд будаанд, дида шудааст. Аммо мундариҷаи онҳо дар қисми амалишавии тарбияи ахлоқии шахсияти мактаббачагон ба илми педагогӣ ва дидактикӣ, мураттабӣ ва илмӣ будани он ҷавобгӯ набуданд. Барои мисол барномаи амалии болоиро барои синфҳои 5-7-и муассисаҳои миёна мегирем. Дар байни мактуби эзоҳии барнома чунин қисмати муҳими такмили шахсияти қобил, чун тарбияи ахлоқӣ инъикос наёфтааст. Илова бар ин, дар мусоҳибаҳои санъате, ки аз тарафи барнома пешбинӣ

шудааст, мо танҳо як мавзӯъро дар намуди раҳнамои санъати тасвирии Тоҷикистон - таърихи санъати халқии ороиши амалӣ дарёфт намудему халос. Ва ин хусусияти охирон ва амаликунандаи барномаҳои мактабӣ дар санъати тасвирӣ мебошад. Санъати миллии Тоҷикистон орӣ аз мураттабӣ ва тақсимот ба синфҳо, инчунин ба тамоми намудҳои дарсҳои санъати тасвирӣ дар мактаб гузошта шудааст.

Пешниҳоди методии илмии боасос барои амалӣ намудани барномаи ҷорӣ баҳри омӯзгорон вуҷуд надорад. Чун дар барномаи “Санъати тасвирӣ” (5-7) дар қисми аввали таълим ва тарбия чунин масъалагузорӣ карда мешавад: Барои ташаккули ҳаматарафа ва пешрафти хонандагон, ба тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ, меҳнатии онҳо, сохт ва ғанӣ гардонидани маданияти маънавӣ ёрии амалӣ расонидан.

Нишонаи умумӣ барои ҳамаи барномаҳои таълимии мактабии санъати тасвирӣ дар Тоҷикистон, барои ташаккули дониши хонандагон, шурӯъ аз намояндагони бузурги маданияти ватаниву ҷаҳонӣ, ба монанди: Леонардо да Винчи, Рембрандт, Микеланҷело, Дидро, Эдюард, К.Брюлло ва Ч.Ахмаров, асарҳои рассомони С.Қурбонов, У.Рахимов, А. Абдирахмонов, К.Мӯминов, А.Исоев, К.Ҷӯраев, А. Масолиев ва дигарон, ки зебоии табиатро нишон дода, меҳнати инсониро ситоиш менамояд, муҳаббат ба Ватан, алоқаи дӯстии байналмиллалӣ ва ғайраҳо мебошад.

Чи хеле ки дар боло қайд карда шуд, мо сохтани барномаи наверо мақсад нагузоштаем, балки мақсади мо барномаи мавҷударо такмилу беҳтар намудан аст. Мақсади асосии барномаи “Санъати тасвирӣ” бояд таълими бадей ва тарбияи зебоипарастии хонандагон бошад. Илова бар ин барномаҳои мактабии амалкунандаи санъати тасвирӣ бояд бисёртар ба рафтору тарбияи ахлоқӣ равона карда шаванд, бо вуҷуди он, ки онҳо равиши муайяни худро дорад, ки барои амалӣ намудани тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ имкон медиҳад. Дар коркарди мундариҷаи

супоришҳо ва методикаи санҷишӣ нақши асосиро малаки пешқадами омӯзгорӣ бозидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки корбурди хусусиятҳои миллӣ ҳангоми омӯзиши санъати тасвирӣ дар хонандагон имкониятҳои бузурги тарбияи ахлоқиро боз менамояд.

Дар арафаи соли хониш дар байни омӯзгорон ва шунавандагони курсҳои баландбардории ихтисос мо анкета (саволнома)ҳоро бо мақсади муайян намудани методҳои истифодашаванда дар равиши таълими хонандагон дар дарсҳои санъати тасвирӣ, паҳн намудем. Ҳангоми омӯзиши ҷавобҳо муайян гардид, ки омӯзгорон ба силсилаи масъала ва душвориҳоро рӯ ба рӯ мешудаанд. Дар мулоҳизаҳои умумӣ дар аксари мактабҳо асбобҳои махсуси хусусияти омӯзишӣ дошта, махсусан методҳои тавсиявӣ оид ба тарбияи ахлоқӣ тавассути санъати тасвирӣ вуҷуд надорад.

Аксар омӯзгорон нақши чорабиниҳои беруназдарсиро дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон, ба хубӣ медонанд. Баъзе аз онҳо нақшаҳои таълимии маҳфил ва корҳои беруназсинфии коркардшударо доранд. Махсусан, малакаву таҷрибаи омӯзгори муассисаи №5-и ноҳияи Ҷаббор Расулов М.Тоҷибоева басо судбахш мебошад. Барои ҳалли масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ӯ ба чунин нақшаҳои таълимии расмкашии мавзӯъ диққати махсус додааст:

-дар хонандагон ташаккули баёни афкори хеш ва ҳиссиёт ба расм, ба ташаккули бештари тафаккури эҷодӣ мусоидат кардан.

-ҷалб намудани хонандагон ба мушоҳидаи табиати гирду атроф, воқеъият, бо хусусиятҳои маҳаллӣ алоқаманд, ташаккули муносибати ҳиссӣ ба гирду атроф;

-ҳавасмандкунӣ ба муносибати шуурноки корҳои иҷроишӣ;

-баёни муносибати ҳисси худ ба мавзӯъҳо, сюжетҳо, ки ақидаи дӯстии халқҳо, бародариву ватандӯстиро таҷассумгар аст.

-шиносоии хонандагон ба адабиёти бузурги классикии Шарқ бо воситаи расмкашӣ доир ба мазӯъҳои гуногун;

-ташаккули фаҳмиш ба арзиши асарҳои санъати халқӣ, махсусан дар марказхои ҳунарҳои бадей (кулолгарии Исфара, Истаравшан, гилембофии Қайроққум ва ғайра).

Малакаи умумии омӯзгорони санъати тасвирӣ бо мақсади тарбиявӣ барои гузоштан ва истифодабарии асарҳои санъати тасвирӣ таъмини дурусти фаҳмиши ин асарро ба хонандагон имкон медиҳад. Набояд фаромӯш кард, ки ин бо воситаи равоншиносон исбот гардидааст. Масалан: мусоҳибаи расмӣ оиди санъат қодир аст на танҳо барои додани тасаввуроти гузашта ҳозира ҷамъияти ҳаёти инсонӣ, балки қодир аст бинандаро ба изтироби ҳиссӣ, ба инсонгарӣ, ба виҷдон ҷалб намояд. Ҳиссиёт метавонад рафтори шахсиятро тағир диҳад. Чунин зуҳуротро А.В.Виготский "Таассуроти зебоипарастӣ" номидааст, онро чун таассуроти асари санъат ва ангезандан нави пурқувват барои рафтору амалҳои оянда муайян намудааст. Санъат ҷавобгариву ӯҳдадориро металабад, ба рафтору кирдори бузург водор месозад [49, с. 30].

Масалан дар дарс оид ба мусавварaи рассом У.Раҳимов дар мавзӯи "Ғалаба муборак" омӯзгор диққати хонандагонро ба ватандӯстии бузурги халқи тоҷик дар солҳои ҶБВ, эътимод ба ғалаба, кӯмак ва ғамхорӣ, ки дар расм ифода ёфтааст, таваққуф намуда, сифати ахлоқии воло ва олиҳиммати дили халқи тоҷикро нишон медиҳад. Сӯҳбатро идома дода, омӯзгор оид ба дӯстӣ ва ёрии ҳамдигарии халқу миллатро дар ҷанг, ки яке аз сабабҳои асосии торумори душман аст, нақл менамояд.

Махсусан, ҳисси баланди ватандӯстӣ, байналмиллалӣ, ахлоқи олӣ, ифтихор аз халқ барои оғози эҷоди як қатор асарҳои рассомон илҳом мебахшад. Дар равиши санҷиши мо муайян гардид, ки истифодаи асарҳои рассомони тоҷик дар сӯҳбатҳо доир ба санъати тасвирӣ ба хонанда таъсири бузурги ахлоқӣ мерасонад. Мо намоиши асарҳои Б. Муҳаммадов, "Баҳор", "Модар", К. Ёдгоров "Дарахти ҳат", "Олиҳаи ишқ" А.Исроилов "Автопортрет", "Бунёди боғ", В. Абдирахмонов

“Насими баҳори нав”, “Дӯст” Ш. Ҳикматов “Интизори меҳмонон”, “Бунёди боғ” У.Раҳимов. “Баҳори аввалини баъди ҷанг”, “Аввалин қадамҳо” А. Абдираҳмонов “Моҳи март”, С.Юнусов “Манзара”, А. Ҷабборов “Хотирот”, “кулолгар”, А. Абдурахимӣ “Компазитсия”, Ғ. Усмонов “Моҳтабшаб”- ро истифода бурдаем. Масалан, Ш. Ҳикматов дар асари “Интизори меҳмонон” худро ҳамчун мусаввири анъанаҳои мардумӣ нишон дода тавонистааст. Дар асари ӯ оҳанги зиндагонӣ ба таври барҷаста эҳсос мешавад. Қабули меҳмонон хеле ҷолиб тасвир шуда, ба бинанда ба сифати як асари тару тоза пешниҳод шудааст. Асари “Бунёди боғ”-и А. Исроилов дар мавзӯи доғи рӯз, яъне фатҳи заминҳои бекорхобида, барқарор кардани оилаҳои нав, тарғиби ғояҳои боғдорӣ ва барқарор кардани робита бо деҳқони солхӯрда ифода шудааст. Жанри манзаранигорӣ ҳама вақт хонандагонро ба худ ҷалб намуда, муҳаббати онҳоро ба Ватан бедор мекунад.

Мо хонандагонро бо эҷодиёти рассомони тоҷик як андоза ошно намуда, бо услуби кории онҳо шинос карда мавзӯъҳои эҷодии онҳоро, ки ифодагари ҷаҳонбинии рассомон мебошад муайян намуда, тавассути ин кор барои тарбияи миллӣ, ахлоқӣ ва зебоипарастии хонандагон замина гузоштем. Чунин намоиши таърихӣ бо ибтикору дастгирии МД “Осорхонаи Миллии Тоҷикистон” ва Осорхонаи таърихии МД “МФТ” Қалъаи Хуҷанд ва инчунин бахши Академияи мусаввирии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ташкил карда шуд, ки хонандагон ба мароқ тамошо намудаанд. Ин барои зуҳури ҳисси ифтихор ва муҳаббат ба санъати миллӣ кӯмак мерасонад. Мундариҷаи ин тасвирҳоро хонандагон ба хубӣ дарк намудаанд. Дар онҳо руҳи ахлоқӣ ва ватандӯстии баланд мушоҳида карда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар вақти дарс ба хонандагон истилоҳоти соҳавӣ (голосарий) шинос карда шавад, барои тасвир ва тасаввуроти онҳо кӯмак мерасонад (Замимаи 6).

Аҳамияти муҳимро ҳангоми омӯзиши санъати тасвирӣ усули аёнӣ мебошад, ки дар ин хусус Н.И.Ростовсев менависад, ки ҳангоми тасвир ва сохтан нақши ҳалкунандаро эҳсосот бозидааст, яъне инсон аслан он ашёро надидааст, нашунидааст, надоштааст, дар ӯ маълумоти зарурӣ барои мулоҳиза вуҷуд надошт. Чӣ қадаре органҳои эҳсосӣ барои қабул ширкат варзанд, ҳамон қадар идрок аниқ мегардад [150, с.135].

Аз ин ҷост, ки кӯдакон он чизеро, тасвир менамоянд, ки онҳоро ба изтироб меорад – шавқи эҳсосӣ пайдо менамояд, ки дар онҳо тасаввуроти мукаммал ҷамъ шуда, ба онҳо таъсири шадиди эҳсосӣ мерасонад, ки мо дар масъалаҳои назар санҷишии мавзуҳои зарурииро пайваст намудем. Масалан, мавзӯи “Об - манбаи ҳаёт”. Кудакон нусхаи расм ва сурати фотографиро дида, сӯҳбати омӯзгоронро оид ба офатҳои экологии ҷаҳонӣ ва истифодаи бе сарфаю сариштакории обро шуниданд. Ин мавзӯъ қаблан низ барои хонандагон тариқи радио ва телевизион шинос буд. Ин хонандагонро ба ҳаяҷон меоварад ва дар зери таассуроти шадид онҳо муносибати худро дар расмҳои ин мавзӯот баён намудаанд. Мақсади асосии ин масъала ташаккули аниқи қабули нақши воқеъият буда, барои муносибати худро дар тасвир баён намудан кӯмак мерасонад. Ҳамроҳи кори худ эҳсоси онҳо такоммул ёфта, дар онҳо ҳисси инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат, ахлоқӣ, ҳисси ғаму андӯҳи дигаронро дарк кардан, ҳисси рафоқат ва ҳамфикриро пайдо менамояд.

Пайкарасоз, мусаввир, архитектор, шоир ва мутафаккири бузурги итолиёвӣ Буонарроти Микеланҷело навишта буд: “Расме, ки дар санъат тасвирҳои хомакӣ мегӯянд ин аз ҳама нуқтаи баланд дар меъморӣ, манзаранависӣ ва ҳайкалтарошӣ ки ин манбаъ ва решаи ҳамаи илмҳост.” Ғайр аз донистани соҳаи худ, барои фаъолияти педагогӣ дар ҳама соҳа, принсипҳои асосӣ, қоидаҳо ва қонунҳои таълим ва тарбияи хонандагонро донистан зарур аст. Бо надонистани принсип ва қоидаҳои педагогӣ ба хонандагон омӯзонидан мушкил аст [152, с11].

В.Г. Белинский мегӯяд, ки: «То кас ба инкишоф додани ҳисси зебоии худ тайёрӣ набинад, ҳирс надошта бошад, меҳнат накунад, қатъият нишон надиҳад, ҳаргиз ба санъат намеравад» [32, с. 231].

Дар тасдиқи гуфтаҳои болоии бузургон педагоги тоҷик Й.Юлдошев чунин мешуморанд, ки “тарбияи зебоипарастӣ имрӯз нисбатан бештар зарур аст, зеро ки ақлу диди зебоифаҳмӣ дар меҳнат, истеҳсолот, кори ҳаррӯза ба ҳар кас даркор, вай ба эҳтиёҷоти доимии одамон табдил ёфтааст” [228, с. 252].

В.А. Сухомлинский низ омӯхтани ғояҳои бузурги маънавӣ ва ақидаҳои педагогии халқро зарур дониста, аҳамияти бузурги тарбиявӣ доштани онро махсус таъкид кардааст [176, с.56].

Чӣ тавре, ки Г.В.Плеханов қайд мекунад: «меҳнат аз санъат дар пеш аст». Дар раванди офаридани асарҳои тасвирӣ қувваи шунавоӣ ва биноӣ дар натиҷаи машқ бештар инкишоф меёбад. Интихоби асарҳои санъати тасвирӣ барои мусоҳибаҳову машварат дар мавзӯи ахлоқӣ, инчунин барои дарсҳои расмкашӣ аз асл ва ороишӣ ба сифати маводи иловагӣ бояд масъалаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва ташаккулиро қонеъ гардонад.

Асоси ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон, пеш аз ҳама, равиши таълим мебошад. Дар шахсияти инсон дар ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон проф. Н.Н.Ростовсев қайд менамояд, ки вазъияти таълим маводи асосии дидактикӣ ҳангоми омӯзиши расмкашӣ ба ҳисоб рафта, чӣ қадаре намуди ғоявии он пурмазмун бошад, ҳамон қадар зиёдтар он барои ба амал татбиқ намудани қобилияти эҷодӣ кӯмак мерасонад [153, с. 36].

В. Кузин гӯё онро ҷамъбаст намуда чунин менависад: Асоси хусусияти рафтор ва мундариҷаи дарсҳои расмкашӣ аз асл (ва расмкашӣ ороишӣ ба сифати маводи иловагӣ бояд масъалаҳои таълимӣ, тарбиявӣ) мавзӯи расмкаши ороишӣ, дарсҳои машваратӣ оид ба дарси санъати

тасвирӣ барои тарбияи ғоявӣ, ахлоқӣ ва зебоипарастӣ, кӯдакон метавонад имкониятҳои гуногунро фароҳам оварад [88, с. 45].

Тарбияи ахлоқӣ, чун тарбияи маънавӣ дар маҷмӯъ дар асоси таъсири педагогии мақсаднок ва бевосита таъсири гирду атроф ба шахсияти кӯдак ба амал баровварда мешавад.

Ҳисси ахлоқиро тарбия намуда, бояд ба он кӯшиш намуд, то ки дар кӯдакон ин эҳсосот ба боварии қатъӣ мубаддал гардад. Ҳангоми саволгузорӣ қайд гардид, ки аксар омӯзгорони вилояти Суғдро дар равиши дарс ба машқи хотира, ташаккули тафаккур ва тасаввурот диққат ҷалб намудаанд.

Хусусияти синну солии психологиро ба ҳисоб гирифта, сифати инфиродӣ ва психологии хонандаро саҳеҳ баҳогузорӣ накарда, омӯзгор воситаи таъсирбахши педагогиро дуруст интихоб карда наметавонад. Синну соли наврасӣ дар тарбияи ахлоқӣ нисбатан душвортар аст. Дар инҷо оҳанги хайрхоҳонаи омӯзгор, муроҷиати навозишомез ба хонанда ва одоби педагогӣ муносибати аслии хонандаро бо омӯзгор нигоҳ медорад.

Дар ин ҷо таълими озмоишӣ бо кӯмаки намудҳои гуногуни корӣ, воситаи техникии таълимиро васеъ истифода намуда, асарҳои махсусро барои таҳлил интихоб менамояд, бо воситаи суҳбат – машваратҳои хотимавӣ ва машғулиятҳои амалӣ дар санъати тасвирӣ, мо кӯшиш ба харҷ додем, ки ба ҳиссиёти хонанда таъсир расонем, ба изтироби онҳо, хурсандӣ, таваҷҷӯҳ ва шодӣ, ҳисси ифтихор ва ғайра, инчунин ҳавас мандгардонии ҳисси эҷобиро дар равиши тарбияи ҳисси эстетикӣ зебоипарастӣ ва сифати ахлоқӣ истифода мегардад.

Имкониятҳои тарбиявии сифати ахлоқии хонандагон аксаран дар маводи махсуси интихобӣ ва машғулиятҳои дар ин асос гузошташуда аксаран дида мешавад. Дар ин ҷо на танҳо омӯзгор, балки хонанда низ ба фаъолияти мунтазам пайваст карда мешавад. Ҳангоми интихоби нусхаҳо мо аз равиши таваккури асар, ба воситаи ифодаи ғановат ва

мутобиқатии хусусиятҳои синнусолии хонандагон, барои ҳалли масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ мепайвандем.

Ҷои махсусро дар мундариҷаи барномаи озмоишӣ барои расмкашии ороишӣ, дар истифодаи иқтидори ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ санъати ғании ороиши амалӣ халқи тоҷик гирифтааст.

Дар машғулиятҳои мактабии санъати ороишӣ амалӣ иқтидори тарбиявии баланд гузошта шудааст. Чунин машғулиятҳо арзиши маънавии бузурги маснуоти ҳунармандони халқиро ошкор намуда, завқи эстетикии хонандагонро бедор мекунад, бо машғулиятҳои техникӣ мусаллаҳ гардонидани хонандагон имкон медиҳад, ки малака ва тавонони меҳнатиро ташаккул дода, омодагии равонӣ ва таҷрибавӣ ба меҳнат, интихоби касбу ҳунар водор месозад [202, с. 4].

Бояд қайд кард, ки омӯзиши санъати амалии  халқӣ ҳамон мақсад ва масъалаеро, ки дар машғулиятҳои синфӣ ва беруназсинфие, ки дигар намудҳои санъати тасвириро дар бар мегирад, қобилияти эҷодии хонандагонро барои ташаккул додан ҳамроҳӣ менамояд, дар онҳо завқи бадеиро бедор намуда, шавқ ва меҳри онҳоро ба санъати тасвирӣ меафзояд. Хонандагон бо баъзе хусусиятҳои маданияти халқҳои гуногун шинос шуда, дар онҳо ҳисси эҳтиром нисбат ба он халқе, ки ин нақшу нигори зеборо офаридааст пайдо мешавад. Ин оғози муносибати дӯстӣ ба маданияти халқҳои дигар мебошад.

Дар расмкашии ороишӣ барои амалӣ намудани тарбияи ахлоқӣ – зебоипарастӣ мо чунин масъалаҳоро ба миён гузоштем:

а) хонандагонро ба нақшу нигори халқҳои гуногун ва миллатҳои кишварҳои гуногун шинос намудем, то онҳо хусусият ва фарқияти онҳоро таҳлил намояд.

б) бедор  намудани шавқ ба санъати халқӣ, муҳаббат ва эҳтиром ба маданияти онҳо, муҳаббат ба санъати халқи худ, ҳунармандони санъатҳои халқӣ;

в) кӯдаконро ба ҳисси шафқат омӯзонда, тарбияи зебоипарастиро ташаккул додан, ташаккули тафаккури эҷодӣ;

г) меҳнатдӯстиро тарбия намуда, малакаи офаридани чизҳои зебову хушнамо ташаккул дода, завқу шавқи онҳоро ба маснуоти санъати халқӣ бедор сохтан.

Ошноӣ бо намунаҳои санъати халқӣ, ороиши амалӣ барои таасуроти бадеиро дар хонандагон инкишофу васеъ намудан, завқи бадеиро ташаккул медиҳад, ҳисси меҳрубониро ба санъати халқӣ муҳаббатро ба асарҳои ҳунармандӣ тарбия намуда, барои пешрафти маънавӣ кӯмак мерасонад.

Дар ҷумҳурии мо нисбат ба таълими санъати тасвирӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мешавад. Барои омода намудани муаллимони фанни санъати тасвирӣ (бакалавр, магистр-мутахасис) донишгоҳу донишкадаҳои олӣ амал мекунад. Санъати тасвирӣ ба нақшаи таълимии синфҳои 1-ум то 7-ум ворид карда шудааст, ки он дар синфҳои 1-ум то 4-ум (ибтидоӣ) ҳафтае 2 соат ва дар синфҳои 5-ум то 7-ум яксоат таълим дода мешавад Дар синфҳои 5-ум то 7-ум нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ тартиб дода аз рӯи нақша дарс дода мешавад (Заимаи 4).

Таълими фанни санъати тасвирӣ ба хонандагон дар асоси 5 намуд дониши графикӣ ва малака медиҳад, инҳо:

1. Тасвири расм аз рӯйи асл
2. Тасвири расм аз рӯйи мавзуъ
3. Ороиши
4. Гилкорӣ ва дизайн
5. Асосҳои санъатшиносӣ

1) Дар машғулиятҳои санъати тасвирӣ аз асл ба хонандагон durуст интихоб намудани ҷой, унсурҳои зарурӣ барои дидани шакл, ҷузъ ва ранги матоъҳо ва роҳҳои ифодаи онҳоро таълим медиҳанд. Тасвир аз рӯйи асл унсурҳои муҳимтарин дар он ифода мeёбад, ки хонанда он

чизеро, ки дар ҳаракат мебинад , ҳамон тавр тасвир мекунад. Ин намуди машғулиятро “алифбои расмкашӣ” ва асоси тасвири воқеӣ меноманд.

2) Дар расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ хонанда ашё, воқеа ва объектҳои озодро эҷодкорона тасвир мекунад. Ин машғулятҳо ба хонандагон барои устувор намудан, рушди дониш ва малакаҳои графикӣ, асосҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти эҷодӣ – бадей, тасвиргариро меомӯзонад.

3) Дар машғулиятҳои ороишӣ хонандагон, асосан зебо расм кашидан, оро додани ҷузъҳо бо унсурҳои нақшҳои миллӣ, ҳамчунин бо риояи ритм, симметрия ва бадеият ба тасвири расм шуғл меварзад. Дар синфҳои 5-7 мақсад ва масъалагузории расмкашии ороишӣ мураккаб мегардад, чун аз синфи 1 то 4-ум дарсҳои расмкашии ороиши гузаронида мешуд. Дар онҳо малака ва фаҳмиши санъати халқии ороишӣ вуҷуд дорад, онҳо нақшу нигорҳоро нусха мебардоранд.

Дар дарсҳои расмкашии ороишӣ инчунин симои ахлоқии кӯдакон ба шакл дароварда мешавад. Он ба ҳиссиёт ва фикри хонанда таъсир расонида, шахсияти ӯро тарбия менамояд. Санъати халқии ороишӣ ҷавоби ҳиссиёти зинда пайдо намуда, фаъолияти эҷодии кӯдаконро равнақ мебахшад, барои рушди шахсият кӯмакрасон буда, дар хонандагон муҳаббат ба санъати халқи худ ва ба санъати миллатҳои гуногунро тарбия менамояд. Дар нақшу нигори халқӣ дар хонандагон ороиш, зебоии ранг, такроршавии шаклҳои гуногуни усул, қобилияти эҷодӣ тарбия карда мешавад. Бисёр аз намудҳои эҷодиёти халқӣ, ташаккули минбаъдаро дар замони мо даст овардааст, махсусан дарздӯзии зебои бадеӣ, зардӯзӣ, кандакорӣ дар чӯб ва гач, коркарди бадеии металл, кулолгарӣ ва ғайра.

4) Машғулиятҳои гилкорӣ ва дизайн барои хонандагон бисёр писанд аст. Дар он хонандагон ашё, пайкараҳои одам ва ҳайвонотро ба воситаи гил ва пластилин месозад.

5) Асосҳои санъатшиносӣ. Омӯхтани таҳлили асарҳои санъат дар таълими санъати тасвирӣ яке аз вазифаҳои асосии санъати тасвирӣ маҳсуб меёбад. Фанни санъати тасвирӣ ба хонандагон дидан, дарк кардан ва таҳлил кардани асарҳои санъатро меомӯзонад.

Омӯзиши ҳайкалҳои меъморӣ дар дарсҳо, машваратҳо барои баланд бардоштани завқи хонандагон, тавоноии мустақилона таҳлил намудани асарҳои санъати тасвирӣ ва меъморӣ кӯмакрасон мебошад. Истифодаи санъати меъморӣ дар дарсҳо машваратҳо, расмкашӣ аз ҳайкалҳои меъморӣ дар хонандагон фикррониӣ, хотира, равнақи идроки бинанда, муносибати ҳисси зебоипарастӣ ба предмет ва ҳодисаҳои гирду атроф, барои ташаккули сифати ахлоқию маънавӣ ва зебопарастӣ кӯмак мерасонад.

Дар натиҷаи тасдиқи барномаи назарсанҷӣ муайян гардид, ки шарти ҳалкунандаи ин усули омӯзиш ва оғози тарбияи ахлоқии шахсияти хонандагон, пеш аз ҳама исифодаи илми дидактикии коркардшуда, инчунин, усули таълим ва тарбияи этнопедагогика ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намоем, ки ба роҳ намондани асарҳои санъат барои оммавӣ гардидани санъат монеа эҷод мекунад. Дар хонаводаҳои тоҷик таваҷҷуҳ ба санъат дар сатҳи паст қарор дорад. Албатта, сабаби асосӣ дар он аст, ки дар муассисаҳои таълимӣ асарҳои санъат ба мақсад мувофиқ таълим дода намешавад. Аз ин лиҳоз, дар утоқҳои фанни санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таълимӣ намунаҳои асарҳои санъатро ҷой дода, аз онҳо намоишҳо ташкил намудан ба мақсад мувофиқ аст.

## §2.2. Тарбияи ахлоқию зебоипарастии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ

Мазмуни таълим ва тарбияи беруназсинфӣ ва беруназмактабии ҷавонон бо ҳаёту таҷрибаи сохтмони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Зикр кардан зарур аст, ки тарбияи насли наврас дар шароити рушди ҷомеаи муосири мо бояд афзалияти пайдо намояд. Зеро он ба вежагиҳои миллӣ, минтақавӣ ва иҷтимоии муҳит асос меёбад. Таълим ва тарбияи беруназмактабӣ қисми ҷудонашавандаи тамоми низоми маълумот мебошад: он ба рушди қобилиятҳои кӯдакон, ба қонеъгардонии манфиатҳои онҳо, ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқӣ, талаботи маънавӣ дар соҳаҳои гуногуни илм, техника, адабиёт, санъат, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш равона шудааст. Дар низоми умумии корҳои беруназмактабӣ муассисаҳои беруназмактабӣ нақши асосӣ мебозанд. Ба низоми муассисаҳои беруназмактабӣ инҳо дохил мешаванд: қасрҳо, хонаҳо, истгоҳ, клубҳо ва марказҳои эҷодиёти кӯдакон ва наврасон, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, студияҳои бадеӣ, мусиқӣ, муассисаҳои беҳгардонии солимӣ ва ғайра.

Зебоипарастӣ яке аз сифатҳои муҳими инсонро ташкил медиҳад, ки он дар инсон ҳиссиёти зебоипарастиро бедор менамояд. Манбаи зебоӣ: табиат, ҳар гуна аксҳо, мусаввараҳо, ҳайкалу иншоот, асарҳои саҳнавӣ, суруду мусиқӣ, сару либос, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, лавозимоти рӯзгор ва ғайраҳо мебошанд, ки дар инсон эҳсоси зебопарастӣ ба вуҷуд меоранд. Шинохтани зебоӣ ба шахс илҳом мебахшад, ӯро рӯҳбаланд намуда, дар олами зебоӣ сайр мекунонад. Қобилияти зебоифаҳмӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки боигарии ахлоқӣ, маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад.

Тарбияи ахлоқӣ, тибқи таълимоти онҳо, ба сифати аносири асосии таркибиро дар бар мегирад:

– тарбияи инсондӯстӣ, некӣ ва накӯкорӣ;
– тарбияи ватандӯстӣ, қаҳрамонӣ, ҷасурӣ, поквиҷдонӣ ва одилӣ;
– тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи муҳаббат ва эҳтиром ба меҳнат ва меҳнаткашон;
– тарбияи ҳисси эҳтиром ба калонсолон, меҳрубонӣ бо хурдсолон ва камбағалон;
– баланд бардоштани сатҳи муташаккилӣ ва интизомнокӣ;
– тобеъсозии майлу хоҳишҳои шахсӣ ба манфиатҳои ҷомеа;
– тарбияи сифатҳои мусбии ахлоқии шахсият ва ғайра.

Қайд кардан зарур аст, ки ба сифатҳои муҳимтарини ахлоқии шахсияти инсон мутафаккирони бузург ин хислатҳоро мансуб медонанд:
– инсондӯстӣ;
– ватандӯстӣ;
-некӣ;
– одилӣ;
– ростқавлӣ;
– поквиҷдонӣ;
– хоксорӣ;
– меҳнатдӯстӣ ва ғайра

Тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон бо воситаи хусусияти милли санъати тасвирӣ дар корҳои беруназсинфӣ, ки дар рафти омӯзиши таҷрибавӣ ва тарбияи хонандагони синфҳои 5-7 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриямон нишон дода шуд, бояд амалӣ гардад. Он дар чорчӯбаи шакле, ки илми педагогӣ коркард кардааст бояд ба роҳ монда шавад. Самараи корҳои беруназсинфӣ чунин шаклҳои ӯро таъмин месозад: саёҳат, ба идҳо омода намудани бино, намоишгоҳҳо, ташкили шабнишиниҳо, вохӯрӣ, мубоҳиса ва мусоҳиба дар нигаристани муассисавӣ, ҳафтаи санъат, рассоми беҳтарин ва ғайраҳо мебошад.

В.Г. Белинский мегӯяд, ки: «То кас ба инкишоф додани ҳисси зебоии худ тайёрӣ набинад, ҳирс надошта бошад, меҳнат накунад, қатъият нишон надиҳад, ҳаргиз ба санъат намеравад» [32, с. 231].

Бояд хотиррасон кард, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дарси санъати тасвирӣ дар як ҳафта 1 соат омӯзонида мешавад.

Ин вақт барои иҷро намудани вазифаҳои таълиму тарбия тавассути санъати тасвирӣ кофӣ нест. Барои ҳамин корҳои беруназдарсӣ аҳамияти хоса доранд. Корҳои беруназсинфӣ омӯзиши васеъ ва амиқро ба худ мегирад.

Ҳангоми дарси санъати тасвирӣ хонандагон бояд қобилияти рассомии худро такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кенанд, ки дар машғулиятҳои эҷодкорӣ, маҳфилҳои рассомӣ иштирок намоянд [замимаи 3].

И.Н. Ростовсев қайд кардааст: "... корҳои беруназсинфиро бояд тавре сохт, ки кӯдакон ташаккулёбиро давом диҳанд, маҳорати худро ба камол расонанд, ки тасвир дар расмҳои кӯдакон бояд моҳирона ва ҳақиқӣ бошад" [150, с. 211].

Дар ибтидои садсолаи мо нақши корҳои беруназсинфӣ дар баланд бардоштани сатҳи таълим ва ташаккули хонандагони мутобиқи завқи онҳо аз тарафи педагогони машҳур дарёфт гардида буд. Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский навиштааст: "Мактаб манбаи ҳаёти маънавӣ мегардад, агар муаллимон аз ҷиҳати маъно ва шакл дарси шавқовар гузаранд...Аммо беҳтарин ва олитарин дарс дар ҷое мешавад, ки дар он ҷо ҳамаи шаклҳои гуногуни ташаккулёбии хонандагон беруназдарс истифода шавад [174, с.9].

Профессор Каримҷон Ҷӯраев чунин мешуморанд: "Хусусияти машғулиятҳои беруназсинфӣ ва берун аз мактабӣ дар он аст, ки хонандагон бо хоҳиши худ иштирок мекунанд [212, с.140].

Махсусан, имконияти васеъро шаклҳои гуногуни корҳои беруназ-синфӣ дорад, дар умум барои ташаккули маънавии мактаббача, тарбияи

ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии он, яке аз нақшҳои асосиро санъати тасвирӣ мебозад. Нақши роҳбарии педагог дар корҳои беруназсинфӣ нисбат ба соати дарсҳои гузаранда, бештар ва куллан маҳфуз мемонад, хонандагон аз ҷиҳати равонӣ озод мебошанд. Ва аз ҳама асосиаш – кӯдакон дар ин ҷо бо кори дӯстдоштаи худ машғул мешаванд, эҷод мекунанд, аз эҷоди худ лаззати ахлоқию зебоипарастӣ мегирад.

Аҳамияти роҳбар – педагог, корҳои беруназсинфӣ дар санъати тасвирӣ, бо сохти дониши психологию педагогӣ мусаллаҳ ва қодири ба қалам додан, сохтан ва омӯзонидани он ба хонандагон маҳорат пайдо мекунад. Мақсад ва вазифаҳои корҳои беруназсинфии санъати тасвириро дар асоси мақсад ва вазифаҳои корҳои таълимӣ-тарбиявӣ муайян кардан лозим аст. Дар натиҷаи бо тартиб ва пай дар пай ташкил намудани корҳои беруназсинфӣ аз фанни санъати тасвирӣ, дар ҳамбастагӣ бурдани корҳои беруназсинфӣ бо донишҳое, ки хонандагон дар дарс мегиранд ва аз худ мекунанд донишҳои мукаммал, инкишофи фаъолияти амалии онҳо ва ноил гаштан ба мақсад мебошд.

Барои самаранок ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ, пеш аз ҳама, мазмун ва усулҳои ташкили онҳоро муайян кардан лозим аст. Махсусан, омодагии роҳбарони маҳфили санъати халқӣ ороиши амалӣ муҳим буда, онҳо хусусият ва хислатҳои намудҳои миллии эҷодиёти халқиро ба назар гирифта: нақшу нигорҳои гуногун, минётура, қолинбофӣ, кулолгарӣ, сикказанӣ ва монандаи инҳоро ба хонандагон меомӯзонанд.

Машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанни санъати тасвирӣ афзалиятҳои зеринро доранд:

а) ба хонандагон додани дониши мукаммал, ташаккули асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ, инчунин дар соҳиб шудан ба маълумотҳо ва малакаҳое, ки ба бардоштани онҳо то дараҷаи шахсе, ки мантиқан мушоҳида бурда метавонад ва асосҳои истеҳсолотро аниқан тасаввур карада метавонад, кӯмак мерасонад;

б) аз ҷониби хонандагон боз ҳам пурра дарк намудани аҳамияти асарҳои тасвиршуда дар зиндагии ҳаррӯза, ҳаёти инсон ва ҷамъият, васеъ гардонидани тасаввури онҳо оиди дар амал истифодаи оқилона аз санъати тасвирӣ, мувофиқи мақсад ҳал намудани муаммоҳои бо интихоби касб вобаста таъсири мусбӣ мерасонад

Барои баланд бардоштани завқу шавқи хонандагон ба машғулиятҳои беруназсинфӣ истифодаи якчанд усулҳои зерин тавсия карда мешавад:

1. Савияи дониши хонандагон аз санъати тасвириро муайян намуда, аз рӯи китоби дарсӣ ва супоришҳо аз адабиёти иловагӣ завқу шавқи онҳоро ба машғулиятҳои беруназсинфӣ бедор кардан мумкин аст.

2. Барои аз худ кардани донишҳои пурра ба машғулиятҳо иштирок карда талабагонро ба касбу ҳунаре, ки дар оянда онҳо соҳиб мешаванд, ҳавасманд гардонидан мумкин аст.

3. Дар дарсҳо ва машғулиятҳои берун аз синфӣ бо ташкил намудани чорабиниҳои гуногуни таълиму тарбиявӣ меҳру муҳаббати хонандагонро баланд кардан мумкин аст. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона малакаи истифодаи донишҳои азхудшуда, ҳалли масъалаҳои гуногун, иҷро намудани амалҳои графики мураккабии гуногундошта, кор бо адабиётҳои таълимӣ ва инчунин ташаккули маҳорати чорабиниҳои оммавӣ оид ба санъати тасвирӣ нақши асосиро мебозад. Бо мақсади ҷалби диққати хонандагони ҷавон бояд ба истифодаи тадбирҳои хоса ва бо вазифаҳои бетакрор эътибори алоҳида додан лозим аст.

4. Аз усулҳои васеи таълим истифода бурда, бо ташкил намудани машғулиятҳо бо тарзи маърӯза, семинар - машварат, олимпиада ва бозиҳо завқу шавқи хонандагонро баланд бардоштан мумкин аст.

Аз ин ҷо бармеояд, ки омодагии махсуси роҳбарони маҳфилҳои бадеӣ дар муассиса бояд ташкил карда шавад.

Тадқиқоти мо тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ, масъалаи нақшбандии корҳои тарбиявӣ ҳангоми амалӣ намудани мароми тарбияи ахлоқӣ мебошад.

Таълими фанни санъати тасвирӣ барои ташаккули ахлоқ ва маданияти бадеии хонандагон хизмат мекунад. Мувофиқи ин яке аз вазифаҳои асосии санъати тасвирӣ, пеш аз ҳама, равнақ додани завқи зебопарастӣ, меҳнатдӯстӣ, шавқи эҷодӣ, тарбия намудан дар руҳияи эътиқод ба Ватан ва хоҳишҳои неки инсониро ба амал татбиқ намудан мебошад. Аз ҳамин боис, санъати тасвирӣ аввалан, бояд хислати тарбиявӣ дошта бошад. Таълими фанни санъати тасвирӣ барои тарбияи ҳамаҷонибаи хонандагон аҳамияти муҳим касб мекунад.

Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тарбияи ахлоқии насли наврасимамлакат ба мероси илмию фарҳангии мутафаккирони бузурги гузашта, анъанаҳои халқӣ оид ба ахлоқ асос меёбад. Омӯзиши мероси бойи ахлоқӣ моро мӯътақид месозад, ки дар коркарди асосҳои назариявии низоми тарбияи ахлоқии насли наврас хизмати онҳо бузург аст.

Дар навбати худ, сатҳи омодагии чунин роҳбар, дорои дониш, малака ва маҳорати санъати ороиши амалӣ, ки ба мероси санъати халқӣ такя дорад, комилан аз дараҷаи коркарди сохти истифодаи санъати ороиши амалии халқӣ дар омодасозии омӯзгори санъати тасвирӣ, меҳнат ва ғайра вобастагӣ дорад. Аз ин ҷо бар меояд, ки такягоҳи равиши таълиму тарбиявиро дар омӯзиши мероси зебоипарастии намунаҳои халқии санъати ороиши амалӣ, маснуоти гуногунранги бадей ва омӯзиши он, ба хонандагон барои сохтани тасвирҳои гуногуни беохир имкон медиҳад, ки оғози зебоипарастӣ комилан аз тасарруфи ҳунармандони моҳир барангезад. Зоҳиран дар инҷо нақши заруриро завқмандкунӣ мебозад.

Тарбияи завқи бадеӣ дар шароити кунунии болоравии ҷомеа дар доираи тамоми системаи тарбия яке аз аввалинҳо ба шумор меравад [89, с. 14].

Завқ - ҳиссиётест, ки инсонро ба ҳаракат водор месозад. Чӣ фаъолият ё ҳаракате, ки инсон амалӣ менамояд, он барои ба даст овардани мақсадҳои муайян равона карда шудааст. Вақте инсон мехоҳад чезиро дар натиҷаи ҳаракатҳои худ ба даст орад, завқи ибтидоӣ, ки ба ҳаракат водор месозад ин талабот мебошад. Зарурияти дарк кардани воқеъияти иҳотакарда ва дониши амиқ ва монанди инҳо ба ғайр аз талаботи маънавӣ ва моддӣ ташкил ва ташаккул ёфтааст. Дар талаботи маънавӣ меъёри ахлоқӣ низ акси худро меёбад. Ин ҳиссиёти қарзие, ки эҳтиром ба завқи умум, фикри ҷамъият муҳаббат ба Ватани худ, ҳисси рафоқат ва дасгирии ҳамдигар мебошад. Бо воситаи фаъолият, меҳнат ва ҳаракат дар хонандагон чунин талаботҳо ҳал мегардад. Фаъолият худ мақсад, восита, худи равиш ва натиҷа дорад. Барои ҳамин бояд воситаи ба хонанда таъсирбахшро бояд бодиққат интихоб намуд, то ки сохти мавзӯи ахлоқиро таъмин намояд.

Дар сохти системаи чорабиниҳои берунazсинфӣ таъсири бузурги манфиро дар тарбияи интернатсионалии ханандагон – шоми мусоҳиба ё шабнишинии озмунӣ оид ба эҷодиёти рассомони тоҷик, озмунӣ назариявии рассомони Осиёи Марказӣ ва аврупоӣ, тамошои ҳайкалҳои меъморӣ, осорхонаҳои бадеӣ, устохонаҳои халқӣ мебошад. Барои хонандагон бошад, имконияти дар озмунҳо намоиш додани парҳаракати худ шавқовар буда, масалан дар озмуни “Асари беҳтарини тоҷикӣ”, инчунин рус, қазоқ, ӯзбек ва эҷодиёти дигар халқиятҳо, иштирок дар корҳои омодасозии албоми коллективӣ, табрикот бо намунаҳои санъати тасвирии халқҳои гуногун ва ғайраҳо мисол шуда метавонад.

Аз таҳлили адабиётҳои илмӣ ва методӣ муайян гардид, ки машғулиятҳои маҳфилҳо, асосан, ба 4 гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Маҳфил барои омӯзиши мунтазам ташкилшуда. Вазифаи он аз ҷалби хонандагон ба фан, омӯзиши техника ва методикаи иҷрои амалҳои графикӣ иборат аст.
2. Вазифаи маҳфилҳои бо барномаи таълимии мактабҳои таҳсилоти миёна мувофиқ кардашуда низ аз мустаҳкам намудани донишҳои аз дарс гирифташуда иборат буда, онҳо бевосита чун давоми дарс ба амал даровварда мешаванд.
3. Маҳфилҳои ба фаъолияти амалии хонандагон равонашуда.
4. Барномаи таълимии маҳфилҳои ба асосноккунии илмии муаммои муайян равона шуда аз барномаи таълимӣ фарқ карда барои чуқуртар омӯхтани санъати тасвирӣ тартиб дода мешавад.

Дар ин бора Т.Я.Шипикалов чунин мешуморад, ки “Имрӯз дар таҷриба омӯзиши санъати тасвирӣ нишон медиҳад, ки истифодаи малакаи эҷоди намояндагони миллатҳои гуногун зарур буда...Кӯдакон дар ин ҳангом боигарии тасвирии халқӣ ва ҳунармандиро мебинанд, ки он натанҳо ба тарбияи ахлоқӣ, балки ба тарбияи зебоипарастӣ низ таъсир мерасонад.” Баъд, ӯ қайд менамояд, ки “...нақши асарҳои санъати тасвирӣ солҳои гузашта ва ҳозира, аҳамияти ҳалкунанда бозида имкон медиҳад, ки кӯдакон бо чашми рассом бинигаранд – яъне сари вақт барои ташаккули завқи эҷодӣ ва бадеии хонандагон пояи асосӣ гузорад” [215, с. 4].

Хислати махсуси фаҳмиши хонандагон ин ҳассосии онҳо мебошад, ки он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки бевосита таассуроти ҳиссиро аз асарҳои санъати тасвирӣ ва ороиши амалӣ ҳангоми омӯзиш истифода барад.

Дар равиши сохти хислати ахлоқӣ методи самаранокӣ таъсири ҳисси ба ханандагон, бо мақсади одат кунондан ба хислатҳои баланди ахлоқӣ – ин пеш аз ҳама озмун, нақша, назария, маърӯза, вохӯрӣ бо шахсиятҳои бузург, инчунин фаъолияти тасвирӣ мебошад. Банақшагирии корҳои ахлоқӣ – ин нақшабандии фаъолияти мактаббачагон

мебошад. Худи мақсад низ нақшабандӣ шуда, восита ва усули ба мақсад ноил шудан, яъне он кӯшишҳое, ки барои ба даст овардани мақсади гузошташуда ё чизи ягона ва заруриест, ки он натиҷаи дилхоҳро муайян месозад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки чорабиниҳои тарбиявӣ ба тамоми сол нақшабандӣ мешавад, ба чорякҳо, ки дар маҷмӯъ тамоми расмҳои нақшавӣ таъсири педагогӣ бояд гузошта шавад, барои такрор намудани шаклҳо, барои аз ҳад зиёд нагузоштан, нақшабандӣ карда мешавад. Барои ҳамин гуруҳҳоро ба намудҳои алоҳидаги санъати халқии Тоҷикистон тақсим намоем. Қисмати зарурии дуюм бошад, нақшабандии корҳои берун аз синфӣ – муайян намудани сатҳи маърифатнокӣ ва хусусияти синну солии хонандагон мебошад. Барои аз онҳо истифода бурдан, дониши равонӣ, физиологӣ ва хусусиятҳои иҷтимоии синнусолии мактаббачагон зарур мебошад, ки аз худ намудани методи мустаҳкамкунии сатҳи маърифатии хонандагон дар замони ҳозира муҳим аст.

Барномаи таҷрибавие, ки дар муассисаи №22 ноҳияи Ҷаббор Расулов бо гуфтаҳои гуногуни синнусолӣ гузаронида шудааст, дида мебароем:

а) Гуруҳи хурд (синфҳои 5-6)

Мундариҷаи машғулият

Расмкашӣ аз асл, аз рӯи мавзӯъ ва бо тасаввуроти тасвирҳо.

-Расмкашии ҷисмҳои геометрӣ дар гаҷ, сохти нақшҳои хаттии таҷҳизоти маишӣ, расми соддаи нақшу нигори гаҷӣ, расми чизҳои беҷон аз таҷҳизотҳои ҳаётӣ ва меваҷот, тасвир намудани ҳайвонҳои хонагӣ ва ғайра.

-Иҷроиши ҷузъиёти манзараи табиат, набототи маҳаллӣ ва ҳайвонот, ангораи кӯтоҳмуддати манзараҳои табиат, тасвири порчаҳои ҳайкалҳои таърихии меъморӣ ва ғайра. Нусхабардории намунаҳои

минётура, оид ба нусхаи чопии рассомон – минётуристон, машқи ташкили намоишҳои содда дар услуби забони минётурӣ мебошад.

Корҳои ороишӣ. Корҳои ороишии шаклҳои растанӣ, гулҳо, баргҳо, ва ғайраҳо.Ташкили нақшу нигор дар чоркунҷа (квадрат), доира ва дар хат;

Ташкили ангораҳои зиннатдиҳии ороиши содда барои дару даромадгоҳ, дару тиреза ва ғайра. Иҷроиши ангораи нақшу нигор дар зарфҳо, ташкили компазитсияҳои ороишӣ ба сарпӯшҳо, ҳуруф, машқ барои навиштани шиор, навиштаҷотҳо ва эълонҳо. Расмкашӣ ва тасвири намунаҳои эҷодиёти халқӣ (кандакорӣ дар чуб ва гаҷ, намунаҳои нақшҳо ва ғайра), аз қоғазҳо намунаи ҳайкалҳои меъмориро тартиб додан. Ташкили нақшу нигори ороишӣ барои ороиши китобҳо ва ғайра мебошад.

Расмкашии мавзӯӣ ва ороиши он.

Ороиши асарҳои адабӣ, аз рӯи афсонаҳои “ду бузича”, “мурғ, мурғобӣ ва муш”, “рӯбоҳ ва ангур”, “рӯбоҳи маккор ва гурги нодон”, “саъба ва фил”, “се сагу як гург”, “зоғак ва чалалӣ”, “кайкак”, “хар ва шутур”, “рӯбоҳи сайёд”, “шерҳанг”, “лаклак-табиб”, “гунҷишкак”, “бузаки ҷингилапо” ва ғайраҳо расмкашии мавзӯӣ мебошад. Ташкил ва иҷроиши компазитсияҳои мустақил бо тарзи минётурӣ мебошад.

Озмун оид ба санъати халқии Тоҷикистон (кандакорӣ дар гаҷ ва чӯб, кулолгарӣ, нақшу нигор, зардӯзи, кашидадӯзӣ ва ғайра) жанирҳои санъати тасвирӣ, ҳайкалҳои меъмории қадимаи Тоҷикистон, санъати минётюрӣ ва хаттотӣ, санъати давраи таҷаддуд (эҳё), омӯзиши эҷодиёти рассомони бузурги минётюрӣ, чун Монӣ, Камолиддин Беҳзод ва ғайра мисол шуда метавонанд.

Намунаи нақшаи мавзӯии маҳфилҳои санъати тасвирӣ.

б) Гурӯҳи миёна (синфҳои 7-9)

Мундариҷаи машғулият.

Расмкашии аз асл, аз рӯи мавзӯъ ва бо тасаввуроти тасвирҳо.

Расмкашии чизҳои беҷон аз 2-3 таҷҳизотҳои хонагӣ, тасвири табиат, меваю сабзавот, маснуоти санъати ороишӣ – амалӣ, тасвири ҳайвоноту паррандагон, тасвири ҳайкалҳои меъморӣ, гулҳо, ҳаракатҳои инсон ва ғайра дохил мешавад.

Корҳои ороишӣ.

Давоми омӯзиши нусхабардорӣ ва коркарди шакли олами растанӣ ва ҳайвонот, ташкили коипозитсияҳо дар шакли чоркунҷа, доира, иҷроиши ангораҳои расмӣ барои матоъ, ташкили ангораи либосҳои миллӣ барои лӯхтак, дӯхтани либосҳои миллӣ дар синфҳои болои, нақшу нигор дар чуб ва ашёҳои софолин, маснуот, ташкили компазитсияи графика (барои зеб додани китобҳо) ва ғайра.

Расмкашии мавзӯи ва ороиш додани он.

Ороиш додани асарҳои адабӣ "Алпомиш", "Сухроб", "Сиёвуш", "Шоҳнома" ва ғайра яке аз қисматҳои расмкашии мавзӯӣ маҳсуб меёбад, ки рассом метавонад аз рӯи мавзӯъ ва мазмуни асар тасвир намояд.

Тасвири манзараи Ватани худ, расмкашӣ дар мавзӯъи "Иди Наврӯз", "Тирамоҳи заррин", "Ҷамъоварии ҳосил", "Иди меҳргон", "Иди сада", "Баҳор" ва ғайраҳо мебошад, ки ин чиз ба расмкашии мавзӯӣ мансубият дорад. Иҷроиши композитсионӣ ва обурангёфтаи ҳисоби расмҳои мавзӯӣ бо мутобиқи намунаҳои минётюраи рассомӣ, расмкашии манзараҳои табиат бо ҳайкалҳои меъморӣ ва ғайра.

Я.А. Коменский чунин қайд мекунад: "Муаллим-муҳандиси руҳияи шахс аст". Муаллим ҳангоми маҳфили санъати тасвирӣ бояд қувваи ҳофизаи тасаввуроти хонандагонро пай дар пай фаъол сохта, фаъолияти хаёлпарастии онҳоро инкишоф диҳад. Ба он муваффақ шудан лозим, ки хонандагон образҳои эҷодкардаашонро даҳонӣ ифода карда тавонанд.

Давоми омӯзиши намудҳои санъати ороишӣ – амалӣ ҳайкалҳои қадимаи меъморӣ, санъати кишварҳои хориҷӣ ва кишварҳои Шарқи наздик ва Миёна мебошад.

Намунаи нақшаи мавзӯъии маҳфили санъатитасвирӣ

в) Гурӯҳи болоӣ (7-8).

Мундаричаи машғулият

Расмкашӣ аз асл, аз рӯи мавзӯъ ва бо тасаввуроти тасвирҳо.

Расмкашии чизҳои беҷон бо иловаи нақшу нигори гаҷӣ, расмкашии қолабӣ, сутунҳои зебо, партретҳои гуногун, тасвирӣ ҳаракатҳои гуногун, автопортрет ва ғайра. Расмкашии сохтмонҳои нав, табиати томошобоби кишвар, фаслҳои сол, ҳайкалҳои меъморӣ ва ғайра.

Корҳои ороишӣ.

Шиносоӣ бо санъати кулолгарӣ, сикказанӣ, санъати зардӯзӣ ва қолинбофӣ. Наққошӣ дар чуб ва сафол, гаҷкорӣ ва ғайраҳо мебошад. Иҷроиши ангораи композитсияи гулкорӣ барои сақф ва девор. Иҷроиши ангораҳо ва омодасозии расмҳои барҷаста, ва ғайра. Иҷроиши ангораҳои либосҳои миллӣ

Расмкашии мавзӯӣ ва ороиши

Ороиши асарҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдурраҳмон Ҷомӣ, Бобоҷон Ғафуров ва ғайраҳо.

Расмкашии композитсионӣ доир ба мавзӯъҳо

“Шаҳри ман”, “Оилаи ман”, “Омодагӣ ба ҷашни 9- май - иди Ғалаба”, “Мактаби ман”, “8-март - иди модарон”, “Рӯзи Артиши миллӣ”, “Ватанам - Тоҷикистон” ва ғайраҳо.

Омӯзиши ҳайкалҳои қадимаи меъмории Тоҷикистон ва омӯзиши таърихи марказҳои ҳунарҳои бадеии халқҳои Осиёи Марказӣ, санъати миллии Тоҷикистон (зарробӣ, кандакорӣ дар чӯб ва гаҷ, кулолгарӣ, қолинбофӣ ва ғайра), кор бо қоғазҳои ранга (аппликатсия) ва ғайраҳо.

Дар байни чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, ки ба тарбияи зебоипарастӣ, ташаккули тарбияи маънавию ахлоқии хонандагон мусоидат дар синфҳои гуногун, интихобан чунин чорабиниҳоро гузаронидем:

1. Озмунҳо:

а) дар синфҳои 5: “Иди Наврӯз”, “Ҷамъоварии ҳосил”, “Кишту кори баҳорӣ”, “Тирамоҳи заррин”.

б) дар синфҳои 6: “9 май иди Ғалаба”, “Манзараҳои Тоҷикистон”, “Иди Наврӯз”, “Ҷашни Истиқлолияти Тоҷикистон ”

в) дар синфҳои 7: “Иди Наврӯз”, “Иди Меҳргон”, “8-март- Рӯзи модарон”, “Ҷашни Истиқлолияти Тоҷикистон ”

Мақсади таҷрибавӣ: ташаккул додани меҳру муҳаббат ва маҳорату малакаи таҷрибавӣ дар расмкашӣ, тасвирҳои аёнӣ ва тасаввуроти бадеии хонандагон. Намоиши баёнкунан дар расми образҳо, намоиши кории муносибати худ ба сюжет ва ғайра.

Мақсади тарбиявӣ: хонандагонро дар рӯҳияи коллективизм эҳтиром ба халқҳои дигар, муҳаббат ба Ватани худ, муносибати эҳтиромона ба анъанаҳои халқи худ ва халқҳои ҷаҳон тарбия намудан.

2.Шабнишинӣ (шоми рассом, вохӯрихо бо рассомони шинохта, шиносоӣ бо устохонаҳои рассомон, озмунҳо, ва ғайра)

а) дар синфи 5: суҳбат бо рассоми халқӣ Суҳроб Қурбонов ва Муруват Бекназаров

б) дар синфи 6: “Камолиддин Беҳзод –Рафаэли Шарқ”, “санъати минётурӣ” (вохӯрӣ бо минётуристи машҳур Раҳимов Умарҷон).

в) дар синфи 7: “Леонардо Да Венчи” рассоми машҳури кишвари худ дар эҷодиёти рассомон

Мақсади тарбиявӣ: дар қалби хонанда нисбат ба санъати рассомӣ муҳаббат ва завқу шавқ пайдо намудан, дар хонандагон ҳисси зебопарастиро ташаккул додан, пайдо намудани қобилияти хонандагон нисбат ба рассомӣ, тарбия намудан дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои бузург, тарбияи меҳнатдӯстӣ, ахлоқӣ, эҳтиром ба санъати миллии халқи худ ва халқҳои дигар.

Мақсади таълимӣ: такмили дониши хонандагон оид ба маданият ва санъати халқи худ, шинос намудан бо ҳаёт ва фаъолияти рассомони машҳур ва осори онҳо.

3.Саёҳат:

а) дар синфҳои 5: Ҳайкалҳои таърихӣ ва мадании вилояти Суғд, табиати кишвари мо.

б) дар синфҳои 6: санъати ороиши амалии Тоҷикистон, саёҳат ба устохонаҳои рассомон ва ҳунармандон.

в) дар синфҳои 7: саёҳат ба осорхонаҳои вилоятӣ, саёҳати фикри дар колеҷҳои гуногун, вохӯрӣ бо ҳунармандон.

Мақсади тарбиявӣ: тарбияи эҳтиром ба табиат, ҳайкалҳои меъморӣ, маснуоти санъати ороишӣ амалӣ, санъати миллии тоҷик, ташаккули ҳисси даркунӣ, санъати дигар халқҳо, муносибати ватандӯстӣ ба ҳайкалҳои меъмории қадим ва қобилияти баҳра бурдан аз асарҳои рассомон.

Мақсади идрокӣ: такмили дониш, бошуурона барои аз худ намудани маводи илмӣ мусоидат кардан, омӯзиши таърихи ҳайкалтарошӣ, маҳорати расмкашӣ ва ғайра.

4. Мусоҳиба:

а) дар синфҳои 5: санъати миллии қадимаи тоҷик, ҳайкалҳои меъмории қадимаи Тоҷикистон, ва ғайра.

б) дар синфҳои 6: озмун оид ба санъати тасвирии тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ, санъати меъмории Тоҷикистон.

в) дар синфҳои 7: ороиши нақшу нигори миллӣ, эҷодкорӣ дар мавзӯъҳои идҳои миллӣ, эҷодиёти рассомони шинохтаи Тоҷикистон.

Мақсади таълимӣ: дарёфти хусусияти санъати халқии тоҷик, ғанӣ гардонидани дониши хонандагон бо намудҳои асосии санъати тасвирӣ ва ороиши амалӣ, шиносоии хонандагон бо рассомони машҳур ва минётуристони тоҷик.

Мақсади тарбиявӣ: Барои сохти нигоҳи зебоипарастӣ мусоидат намудан, ақидаҳои ахлоқию маънавӣ, тарбияи меҳнатдӯстӣ ва муҳаббат ба санъати тасвирӣ, тарбия дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ватанпарварӣ.

5.Стенд:

а) дар синфҳои 5: “Расмкаширо меомӯзам”, “Санъати кишвари худро меомӯзем”, “Санъати наққошӣ яке аз намудҳои санъати миллӣ”.

б) дар синфҳои 6: “Намоиши асарҳои бадеӣ ”, “Санъати халқҳои ҷаҳон”, “Ороиши таррохӣ ва муҷассамасозӣ”.

в) дар синфҳои 7: “Санъати давраи Таҷаддуд”, “Рассомони машҳури давраи Эҳё”, “Ҳангоми меҳнат ба санъат мубаддал гаштан ”

Мақсади таълимӣ: васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон, ташаккули завқи бадеӣ, шиносоӣ бо машҳуртарин асарҳои санъати тасвирӣ, ороиши амалӣ, меъморҳои маъруфи замон ва халқҳои гуногун.

Мақсади тарбиявӣ: тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон, завқи зебоипарастӣ, қадр ва эҳтиёт кардани асарҳои таърихӣ ва меъморӣ.

Мақсади таҷрибавӣ: ҷалб намудани хонандагон ба асарҳои рассомон ва омода намудани стенд, ташаккули малака ва маҳорат дар санъати ороишӣ.

6.Маърӯзаҳо:

а) дар синфи 5: “Рассом ва минётуристи машҳур Раҳимов Умарҷон, “Санъат чист?”, “Санъати меъмории Осиёи Марказӣ ва Суғд”.

б) дар синфи 6: “Санъати зардӯзии Истаравшан”, “Жанрҳои санъати тасвирӣ (манзараи табиат, портрет, натюрморт, графика ва ғайра)”, “Рассом А. Исоев ”.

в) дар синфи 7: “Гулдӯзии Хуҷанд”, “Ҳунарҳои мардумӣ (кандакорӣ, зардӯзӣ, наққошӣ, кулолгарӣ, кундалрезӣ ва ғайра)”

Мақсади таълимӣ: шинос намудани хонандагон бо асарҳои машҳури санъат ва меъмории тоҷик, шиносоӣ бо хаёт ва фаъолияти рассомони машҳур ва ҳунармандони санъати ороиши амалӣ, додани дониши амиқ дар асоси саводи тасвирӣ.

Мақсади тарбиявӣ: Барои тарбияи зебоипарастӣ мусоидат намудан, ташаккули тарбияи ахлоқию маънавии хонандагон, ғанӣ гардонидани олами ботинии онҳо, ҳисси зебоипарастӣ ва ғайра.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки миллати тоҷик соҳибу ойину сунатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст. Суннату ойинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хизмат кардаанд.

Иду айём барои тарбияи зебоипарастӣ ва ташаккули ахлоқию маънавии хонандагон мусоидат менамояд. Анъанаҳо, урфу одат ва идҳои халқӣ то замони мо омада расида, онҳо чун далели ҳастии маънавӣ, робити замони ҳозира ва гузашта мебошанд. Омӯзиши ин анъанаҳо имкониятҳои ғании тарбиявӣ дорад. Дар байни чунин идҳо Иди Наврӯз ҷойгоҳи махсусро дорад.

Калимаи “Наврӯз” дар забони миёнаи форсӣ ҳамчун “Нокроз” (nogroz) талаффуз мешуд, ки дар он ҷузъи “нок” маънои “нав” ва ҷузъи “рор” – “рӯз” - ро ифода мекард. Аз қадим он бо фарорасии рӯзи аввалини баҳор, ҳангоме ки Офтоб ба бурҷи Барра даромада, шабу рӯз баробар мешуданд, ҷашн гирифта мешуд [118].

Имрӯз мардуми тоҷик наврӯзро ҳамчун иди таърихии миллӣ таҷлил карда, бо тавсифҳои зебо –“Иди Наврӯз”, “Наврӯзи Ҷамшедӣ”, “Наврӯзи султонӣ”, “Наврӯзи ҷалолӣ”,“Иди баҳор” зикр менамоянд. Наврӯз маъруфтарин иди қадими аҷдодони мо буда, онро ҳамагон – хурду калон баробар ҷашн мегиранд. Фарорасии ин идро одамон ҳафтаҳо, рӯзҳо ва ҳатто соатҳо интизор шуда, шириниҳо тайёр намуда, хонаҳои худро тоза мекарданд, либосҳои нав медӯхтанд. Иди Наврӯз аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад . Иди Наврӯз дар худ чунин арзишҳоро чун меҳнатдӯстӣ, рафоқат, инсонгарӣ, ватандӯстӣ, бовиҷдонӣ, адолатпарварӣ, меҳмоннавозӣ, эҳтиром, андешаи нек, маданияти кишоварзӣ, муносибати одамгарӣ ба табиат, муҳаббат ба инсоният ва ғайраро дорад.

Наврӯзро ҳамчун ҷашни расмии давлатӣ дар замони шоҳигарии Порт баҳогузорӣ намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки "...оинҳои ҷашнӣ, махсусан ҷашни Наврӯзро бо шукӯҳи хоса ба ҷой оварда, онҳо анъанаҳои ориёии давраи Ҳахоманишиёнро эҳё мекарданд. Маҳз анъанаҳои пешвози Наврӯз аз ҷониби шоҳаншоҳони Сосонӣ ва Ашконии Порт истиқбол мешуданд ва ба ва ба ҷашнҳои бошукӯҳи умумидавлатӣ табдил меёфтанд" [224, с.24].

Яке аз чорабиниҳои бузург дар ин нақша ташкил ва методи гузаронидани шоми мавзӯии санъати тасвирӣ мебошад, ки ба иди баҳори Наврӯз бахшида шудааст. Дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии насли наврас анъанаҳои миллӣ ва урфу одатҳои халқӣ аҳамияти калон дорад. Баъзе ҷузъиёти маданияти миллӣ, анъанаву урфу одат бо гузашти замон фаромӯш мегарданд, баъзе аз онҳо пас аз манъгардии солҳои тӯлонӣ дубора эҳё мегарданд.

Яке аз идҳои қадимаи миллӣ Наврӯз мебошад. Ин аз ҳама дӯстдоштатарин иди халқҳое, ки дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ зиндагӣ дорад, ба ҳисоб меравад. Иди "Наврӯз" асрҳои аср аст, ки ҷашн гирифта шуда, онро тамоми халқиятҳое, ки бо мардуми тоҷик дар ҳамҷиҳатӣ зиндагӣ мекардан, қабул кардаанд ва он як навъ мактаби хуби дӯстӣ буда, ёрии ҳамдигарии инсоният мебошад. Дар равиши гузаронидани чорабиниҳои беруназдарсӣ, ки ба Наврӯз бахшида шудааст, метавон шоми мавзӯӣ ё шабнишинии мавзӯӣ ташкил намуд.

Дар ин ҷо шабнишиниеро мисол меорем, ки ба Наврӯз бахшида шудаасту бо синфҳои 6-7 гузаронида шуд.

Омодагӣ ба иди Наврӯз то омадани он оғоз меёбад.

Дар робита ба ин яке аз вазифаҳои омӯзгори санъати тасвирӣ ин эълон намудани озмун барои беҳтарин маснуоти санъати халқӣ, асарҳои бадей мебошад. Чунин мавзӯҳо пешниҳод мегардад: "Наврӯз ҷаҳонӣ шуд", "Наврӯз – иди сулҳу дӯстӣ", "Наврӯз-муҳаббат ба табиат", "Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст".

То оғоз гардидани шабнишинӣ корҳои озмунӣ аз тарафи доварон бояд баҳогузорӣ карда шуда, ҷойгоҳи худро дар намоишгоҳ бояд дарёбад. Илова бар ин, дар толор газетаҳои деворӣ, ки ба Наврӯз бахшида шудааст овехта мешавад. Дар ҳамин ҷо, инчунин рассомҳое, ки дар онҳои тараннуми баҳор, сулҳ ва дӯстӣ дида мешавад, ба тамошо гузошта мешавад. Метавон расмҳои дар ин мавзӯъ кашидан. Н. Матасов "Чупон", К.Ёдгоров "Дарахти ҳаёт", Сангинов "Баҳори Хуҷанд", К.Мӯминов "Натюрморт", З.Юсупов "Манзара", У. Раҳимов "Мактуб аз фронт", "Боғбон", "Аввалин қадамҳо", "Лайли ва Маҷнун", А.исроилов "Озодкунандагон", А.Ҷабборов "Имоми Аъзам", К.Мӯминов "Ворух", И.Ахмедов "Кундал", М.Ҳоҷибоева "Баҳор", Б.Раҷабов "Намояи кундал", М.Ризоева "Парвози хаёлот" (кашидадӯзӣ), Ҳ.Ҷалилова "Товус" (кашидадӯзӣ) ба тамошо гузошт. Илова бар ин метавон ба осорҳои Абдураҳмон Ҷомӣ, Фирдавсӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Саъдӣ Шерозӣ, Садриддин Айни, Мирзо Турсунзода, ва дигарон, ки дар шеърҳои худ баҳор, дӯстӣ ва сулҳро месароянд, овехт.

Дар ташкили кайфияти идона нақши бузургро ороиши толор ва саҳна мебозад. Ин корҳоро метавон якҷоя бо омӯзгорони санъати тасвирӣ ва технология гузаронд. Наврӯз ҷашни баҳор ва соли нави аҷдодӣ мебошад.

Барои ҳамин вазифаи аввалиндараҷа дар ҳама синфу, толорҳо бояд нафаси баҳорӣ ҳис карда шавад. Бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки омода намудани панно қобили қабул буда, дар дарсҳои санъати тасвирӣ бо ёрии қоғазҳои ранга, баргҳои дарахтон, растаниҳои гуногун ва худи дарахтонро метавон омода намуд. Ин ороиши саҳна бо назардошти истифодаи тӯлонии он бояд омода гардад.

Шабнишиниро бояд бо якҷоягии омӯзгори мусиқӣ омода намуд, барои он ки шабнишинии завқбахш хурсандиовар ва шавқовар аз истифодаи дурусти мусиқӣ ва композитсияи дуруст вобаста аст.

Баранда: Дар баробарии шоирону нависандагони бузургии Наврӯзро дар асарҳои худ рассомон низ ифода кардаанд. Дар байни онҳо табиатнигор, рассоми шинохтаи Тоҷикистон, аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон К. Мӯъминов мебошад. Ӯ дар асарҳои худ муҳаббати ба кишвари хешро ва халқи худ тасвир намудааст. Чунин асарҳои рассом мисли "Интизорӣ", "Натюрморт", "Тоҷикистон", "Баҳор", "Кӯҳсор", "Тобистон", "Мастчоҳи кӯҳӣ" ва ғайра баҳор, табиати кишвари худ, меҳнати фидокоронаи халқро гуногунранг ва равшан тасвир намудааст (нусхаи чопии асарҳо нишон дода мешавад).

Хонандаи 1: Дар байни таранннумгарони баҳор, дӯстӣ, сулҳ, ҷойгоҳи махсусро асарҳои рассоми машҳур аъзои Иттифоқи рассомони собиқ Шӯравӣ У.А.Раҳимов ишғол менамояд. Дар асарҳои рассом "Падар", "Хаёлот", "Боғбон", "Кӯҳистон", "Иди ғалаба", "Модар ва хоҳарон", "Аввалин қадамҳо" ва ғайра табиат, муҳаббат ба ватан, сулҳ, дӯстӣ, алоқамандии инсон бо табиат, хаёлоти ғании рассом аниқ мушоҳида карда мешавад (дар оинаи нилгун нусхаи чопии асарҳо нишон дода мешавад).

Хонандаи 2: Асарҳои аъзои Иттифоқи рассомони собиқ ИҶТС ва Тоҷикистон А. Исроилов низ дар ин мавзӯъ хеле хубанд, онҳо хонандагонро ба хушёрӣ, дарки философ табиат ва аносирион, муҳаббат ба табиат ва муҳити зист, дарки зебоии маҳалли зист ва манзараҳои он водор месозанд. Масалан асарҳои "Бунёди боғ", "Озодкунандагон", "Муқобилият", "Хотира", "Зимистон", "Бо иди ғалаба", "Симои Мӯминов Н", "Лолаҳо", "Баҳор" ва ғайраҳо дар ин мавзӯъ мебошанд. Рассом бани башарро ба муҳаббат, эҳтиром ва дастгирии ҳамдигар даъват месозад. Рассоми асари "Баҳор"-ро ба зебоии табиати диёрамон бахшидааст. Композитсия омадани баҳорро дар доманаи кӯҳсорони Ватани азизамон инъикос менамояд. Дар маркази асарҳои ӯ муносибати эҳтиёткорона ба таърихи аҷдоди мо, маданият, ҳайкалҳои меъморӣ, санъат (нусхаи чопии расм нишон дода мешавад) ба мушоҳида мерасад

ва хонандро ба дарки зебоӣ ва зебоипарастӣ водор месозад. Барои дарки амиқи асар метавон аз мусиқии миллӣ истифода бурд.

Хонандаи 3. Халқи мо мегӯяд, ки инсон бо меҳнат шараф меёбад. Чӣ тавре ки Г.В.Плеханов қайд мекунад: «меҳнат аз санъат дар пеш аст». Дар раванди офаридани асарҳои тасвирӣ қувваи шунавоӣ ва биноӣ дар натиҷаи машқ бештар инкишоф меёбад. Ситоиши меҳнат инчунин дар меҳвари бисёре аз асарҳои рассомон У.Раҳимов, М.Бекназаров, М.Мӯъминов, Н.Эшонова, А.Исоев, С.Қурбонов, Р.Сангинов , М.Ашӯров, А.Ҷабборов, Ғ.Усмонов, А.Абдирахмон, Н.Мӯминов, А.Ҷамолдинов, Ғ.Ҷӯраев, Б.Муҳаммадов ва ғайраҳо нуҳуфтаанд. Рассомони Тоҷикистон дар асарҳои худ ғояеро ифода кардаанд, ки меҳнат асоси хушбахтӣ ва зебогии инсоният мебошад. Қаҳрамонони асарҳои онҳо одамони оддӣ, меҳнаткашону пахтакорон, чорвопарварон, механизаторҳо, муҳандисон, чупон ва агар бо як калима гӯем онҳое, ки бо меҳнати софдилонаи худ бузургӣ ва боигарии Ватанро зиёд ва ғанӣ мегардонанд.

Хонандаи 4. Фаъолияти рассом Б. Муҳаммадов васеъ ва бисёрҷабҳа мебошад. Асари ӯ “Наврӯз” дар як вақт барои ҳама сокинони сайёра муталлиф буда, дар он духтари тоҷик дар гирди доираи замин рақс дорад, Идҳои Бузург, таҷассумгари хурсандии ҳаёт, эҳё чун сарчашмаи боварӣ барои оянда, хизмат мекунанд (нусхаи чопии расм нишон дода мешавад).

Хонандаи 5. Яке аз асарҳое ки ба мавзӯи сулҳ бахшида шудааст, рассоми ба қалами боистеъдод А.Ҷабборов тааллуқ дорад. Асарҳои фалсафии ӯ “Хотирот”, “Моҳтобшаб”, “Кӯзагар”, “Кулолгар” ба тасвири анъанаҳо ва ҳунарҳои мардумӣ, сулҳу салоҳ ва робитаи дӯстии инсонҳо бахшида шудаанд. Асари “Кӯзагар” бо як услуби хос тасвир шудааст. Рассом бо нигоҳи хос ба мавзӯӣ интихобкардааш назар карда, онро ба риштаи тасвир меорад ва бо ин васила тахаюлоти худро устокорона ифода мекунад. Асари “Хотирот” ба мавзӯъи Ҷанги Бузурги

Ватанӣ бахшида шудааст. Дар тарафи чапи асар модарону хоҳарон наздикони худро ба ҳимояи Ватан гусел намуда, интизори бозгашти онҳо мебошад. Дар тарафи рост андомҳои абстракти ҷанговарони аз ҷанг баргашта тасвир шудааст. Аммо кабутар, ки дар гирди ӯ пар мезанад – рамзи сулҳ ва дӯстӣ, гулгуншукуфӣ мебошад (нусхаи чопии расм нишон дода мешавад).

Хонандаи 6. Дар маркази асарҳои рассоми ҷавон Тоҳир Саидоқилзода анъана ва урфу одатҳои миллии халқ, меҳнат, муҳаббат ба Ватани худ, табиат, ақидаҳои хуби инсонпарварӣ, хушбахтиву хурсандӣ, адолат ва ҳақиқат ҷой дорад. Дар асарҳои ӯ “Атласи тоҷик”, “Тоҷикистон”, “Кӯза”, “Баҳор”, “Меҳр”, “Оила” ва ғайраҳо зебоии Тоҷикистон таҷассум гашта, урфу одатҳои миллӣ тарғиб мегарданд (нусхаи чопии расм нишон дода мешавад).

Хонандаи 7. Рассоми ҷавон Далер Усмонов бо асарҳои шавқовар худ бинандаро ба худ ҷалб намудааст. Мавзӯъҳои офаридаҳои рассоми ҷавонро манзараҳои нотакрори диёр ва шаҳри Хуҷанд ташкил медиҳад. Ҷустуҷӯи эҷодии ӯ ба ифодаи ҳақиқати ҳоли объекти тасвиршаванда бо тамоми ҳастияш нигаронида шудааст. Масалан; “Қалъаи Хуҷанд”, “Мадрушкат”, “Шаҳри ман”, “Кӯҳсор”, “Автопортрет”, “Оила”, “Меҳри аввалин” ва ғайраҳоро хеле ҷолиби диққат буда, баёнгари олами бои тахайюли эҷодкоранд (нусхаи чопии расм нишон дода мешавад).

Дар навбати худ бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш, маҳорат ва малакаи графикии хонандагон дар равияи санъати тасвирӣ зарурати ташкили маҳфилҳо ва шабнишиниҳои хонандагони болаёқатманд ба миён меояд. Ҳамчунин бахри ташаккул додани донишҳои графикӣ, маҳорати тасвиркунӣ ва таҳлили асарҳои рассомон аз чунин чорабиниҳои тарбиявӣ, ки барои шаклгирӣ ва тавсеаи тафаккури зебоипарастии хонандагон мусоидат менамоянд ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Ба фикри мо, маҳфилҳои

ташкилшуда барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон низ натиҷаи хуб медиҳанд.

Аз чунин шабнишиниҳое, ки бо мақсади таълиму тарбия гузаронида шудааст, метавон чунин хулоса кард:

-вохӯриҳо дониши хонандагонро, ки дар дарс гирифтаанд мустаҳкам ва такмил медиҳанд.

-онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва интернатсионалӣ тарбия намуда, бо маданият, анъанаҳои халқи худ ва халқҳои кишварҳои гуногун шинос намуда, дар онҳо ҳисси ифтихорро бедор месозанд. Гузаронидани чунин шабнишиниҳо на танҳо барои баланд бардоштани завқ ба санъати тасвирӣ, балки тарбияи ҳисси ҳамдастӣ-коллективизм, низ хизмат мекунад. Чунин шабнишиниҳо барои сохти хислатҳои бузурги инсонӣ – дӯстӣ ва дастгирии ҳамдигар, эҳтироми ҳамдигар хизмат намуда, ҳисси ватандӯстиро бедор менамояд. Чунин кори берун аз синфӣ, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22 гузаронида шудааст, ба фикри мо, аҳамияти бузургро дорад, чун дар он шабнишинӣ анъанаҳои миллӣ аниқ ва амиқ омӯзонида шудааст. Аъзоёни маҳфил барои оро додани саҳна мунтазам кӯмак намуда, газетаи девориро дар мавзӯи Наврӯз баровардаанд. Дар ҳамаи гуруҳҳо инчунин гӯшаи “Баҳор” бо сабзаи гандум дар табақча оро дода шудааст.

Ба хонандагони муассисаҳо мусобиқа дар мавзӯи “Наврӯз” ташкил карда шуда буд. Дар ин мусобиқа зиёда аз 120 хонандагон бо расмҳо ва маҳсули меҳнати дастиашон ширкат варзидаанд (маҳсулоти дӯзандагӣ, зардӯзӣ, ироқидӯзӣ ва ғайра). Шабнишинӣ бо ҳамроҳи аъзои маҳфилони адабӣ ва мусиқӣ гузаронида шуд. Ингуна идҳо бо алоқамандии зичи тарбияи эебоипарастӣ, ахлоқию маънавӣ ва ватандӯстӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамин тавр, хонанда зебогии воқеият, санъат, одамонро дида ҳис карда тавонад, мусиқӣ шунавад, ракс кунад, дар хусуси зебогӣ ва безебӣ озодона фикрашро баён намояд, гуфтан мумкин аст, ки ӯ соҳиби табъ,

дид ва идроки зебоифаҳмӣ гаштааст. Ана ҳамин ҳисси зебоипарастӣ метавонад хонандаро дар озод гуфтан, яъне эҷодкор шудан равона намояд. Хонандае, ки фикрашро ҳам дар асарҳои рассомӣ ва ҳам дар асарҳои бадеӣ чун шоир ё нависанда равшан баён менамояд, ӯ аз ибтидо заминаи хуби ҳиссиёти маънавию зебоипарастиро гирифтааст.

## 2.3. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз рафти корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ.

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш менамояд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонида, барои ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид намудани таҳсилоти миллӣ тадбирҳо андешанд. Соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020"-ро ба тасвиб расонид. Таълими ба ташаккули солоҳиятнокӣ равонагардида, ҳар ду вазифаи таҳсилотро вобаста ба натиҷаи он муайян менамояд ва салоҳиятҳои асосии таълими хонандаро дар баробари дониш, маҳорат ва малака ба сифати яке аз натиҷаҳои таҳсилот баррасӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки таълиму тарбия дар муассисаҳои миёнаи умумӣ раванди муҳим ба шумор рафта, ин марҳила барои рушди шахсияти хонанда қадами асосӣ ба ҳисоб меравад. Бо мутобиқатии масъалаҳои таҳқиқӣ санҷиш дар ду давра гузаронида шудааст. Дар ҳар давра хонандагони синфҳои 5-7 ширкат варзидаанд. Кори назоратӣ дар синфҳои паралел, ки таълим бо низоми солоҳиятнокӣ аз рӯи барнома гузаронидашуда, хонандагон дар он оид ба хусусияти миллии санъати тасвирӣ маълумот ва таълим мегиранд, сохти сифати ахлоқию маънавӣ ва зебопарастии хонандагон бо назардошти маводи барнома амалӣ гаштаанд. Дар оғози таҷриба ва дар интиҳои он пурсиши назоратӣ гузаронида шудааст, ки бо ёрии он сатҳи дониш ва тавоноӣ нисбати назоратӣ ва озмоиши гуруҳҳои хонандагон ба фанни санъати тасвирӣ ва дараҷаи таъсири он ба ташаккули сифати ахлоқию маънавӣ ва зебопарастии хонандагон муқаррар карда шудааст.

Мақсади давраи якум муайян намудани сатҳи дониш ва тавоноии хонандагон дар санъати тасвирӣ ва шавқи онҳо бо дигар намудҳои

санъати тасвирӣ, инчунин муносибати мактаббачагон ба санъати ороиши амалӣро дар бар мегирифт.

Дар ибтидои соли хониши якуми пурсишномаҳо дар дораи дониш ва шавқи хонандагон ба намудҳои дигари санъати тасвирӣ гузаронида шудааст.

Пурсишнома дар худ 6 суол дорад:

1. Дар кадом намуди санъати тасвирӣ машғул Шудан ба Шумо писанд аст?

2. Шумо кадом рассомони халқиро мешиносед?

3. Бо кадом намуди ҳунарҳои миллӣ Шумо мехостед, ки машғул бошед?

4.Намунаҳои ҳунарҳои халқӣ оё дар манзили зисти Шумо вуҷуд доранд ва кадомҳо?

5. Чӣ гуна асарҳои рассомонро, ки ифодагари мавзӯъҳо “Ваҳдат”, “Дӯстии халқҳо”, “Муҳаббат ба Ватан”, “Дӯст”, “Меҳнат” ва ғайра аст, медонед?

6.Оё Шумо марказҳои ҳунарҳои халқиро медонед ва онҳо дар кадом минтақаҳои ҷумҳурӣ ташаккул ёфтаанд?

**Ҷадвали 1**

Барои санҷидани дониши хонандагон, хонандагони зерин интихоб карда шуд.

| Синфҳо | Шумораи хонандагон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Гуруҳи назоратӣ | | Ҷамъ | Гуруҳи озмоишӣ | | Ҷамъ |
| | МТМУ №9 | МТМУ №29 | | МТМУ №10 | МТМУ №22 | |
| V | 44 | 36 | 80 | 36 | 34 | 70 |
| VI | 39 | 50 | 89 | 35 | 31 | 66 |
| VII | 42 | 53 | 95 | 38 | 35 | 73 |
| Ҳамагӣ 473 | | | | | | |

Барои ҳосил кардани маълумоти саҳеҳу боэтимод усули омории $P_n$ - яъне аз рӯи ҳисоби миёнаи арифметикӣ истифода бурда шуд:

$$Pn = \frac{100\%}{N}.\mathrm{n}$$

$P_n$ – нишондиҳандаи фаъолнокии хонандагон.

N- шумораи умумии иштироккунандагон.

n- шумораи хонандагони фаъолнок.

Ин методи қолабсозии математикию омориро барои асоснок ва тасдиқ кардани фарзияи пешниҳодкардаи худ дар бораи баланд бардоштани сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон дар дарсҳои санъати тасвирӣ истифода бурда шуд.

**Ҷадвали 2**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи якуми пурсишнома

| | | Синфи 5 | | Синфи 6 | | Синфи 7 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| т\р | Намудҳои дарс | шумора | бо (%) | шумора | бо (%) | шумора | бо (%) |
| 1 | Расмкашӣ аз асл | 15 | 21,4 | 16 | 24,2 | 15 | 20,5 |
| 2 | Расмкашии мавзӯӣ | 17 | 24,2 | 18 | 27,4 | 19 | 26,1 |
| 3 | Ороишӣ | 12 | 17,1 | 9 | 13,6 | 11 | 15,1 |
| 4 | Сӯҳбат оид ба санъати тасвирӣ | 7 | 10,1 | 5 | 7,6 | 6 | 8,2 |
| 5 | Гилкорӣ ва дизайн | 6 | 8,6 | 7 | 10,6 | 8 | 10,9 |
| | Дараҷаи пасти шавқи расмкашӣ | 13 | 18,6 | 11 | 16,6 | 14 | 19,2 |
| Ҳамагӣ | | 70 | 100 | 66 | 100 | 73 | 100 |

Ҷавобҳои ба саволи якуми пурсишнома мо кӯшиш намудем, ки ақидаҳои шахсии хонандагонро ба намудҳои фаъолияти тасвирӣ, ки дар барномаи санъати тасвирӣ ифода шудааст, муайян намоем. Пурсишномаи мо чунин натиҷабандӣ карда шуд.

- дар синфҳои 5 ва 6 хонандагон машғулияти расмкашӣ аз аслро дӯст медоранд, яъне синфи 5-ум 21,4% ва синфи 6 бошад 24,2%-ро ташкил кард. Дар синфи 7 бошад камшавии шавқ ба расмкашии аз асл дида шуд, яъне 17,8% мушоҳида карда мешавад.

- ба расмкашии мавзӯӣ пайдоиши завқ 24,2% аз хонандагони 5-ум 27,4% хонандагони 6 ва 26,1% аз синфҳои 7, дида шуд, ки хоҳиши иҷрои композитсияро дар мавзӯи шахсӣ баён карданд.

- шавқ ба расмкашии ороишӣ аз синфи 5 ва 7 зиёд мегардад, яъне синфи 5 17,1%; синфи 6-ум 13,6%; дар синфи 7 –ум бошад 17,8%; мушоҳида шуд.

- Дар синфҳое, ки хонандагон хоҳиши машғулияти сӯҳбат оид ба санъати тасвириро доштанд чунин мушоҳида карда шуд, синфи 5-ум 10,1% синфи 6-ум 7,6% дар синфи 7-ум бошад 8,2%.

- шавқи хонандагони машғулияти гилкорӣ ва дизайн чунин мушоҳида карда шуд, синфи 5-ум 8,6%; синфи 6-ум 10,6%; дар синфи 7-ум бошад 10,9%.

- Хонандагоне, ки машғулиятҳои санъати тасвириро намехоҳад, чунин натиҷабандӣ шуд, синфи 5-ум 18,6% сифи 6-ум 16,6% ва дар синфи 7-ум бошад 19,2 % мебошад.

Бояд қайд намуд, ки пастшавии завқи хонандагон ба машғулиятҳои сӯҳбат оид ба санъати тасвирӣ бо сабаби сатҳи пасти омодагии омӯзгор, мутобиқ набудани талаботи синфхонаи санъати тасвирӣ, набудани аёниятҳои техникӣ (муаррифии мавзӯъ) истифодаи тест, нусхаи расм (репродуксияи расм) ва ғайраҳо мебошад. Ба ақидаи мо, дар чунин ҳолат имконияти бузурги ташаккули маданият ва таълими бадеии умумии хонандагон аз доираи назар берун мемонад.

Масъалаи тарбияи ахлоқии хонандагонро ба воситаи санъати тасвирӣ таҳқиқ намуда, нақши таъсирбахши сӯҳбат оид ба санъати тасвириро дар амалӣ намудани он мо метавонем, ба қайд гирим. Гузаронидани сӯҳбати минималӣ бо хонандагон дар дарсҳои санъати

тасвирӣ ба амал татбиқ намудани тарбияи ахлоқию маънавӣ мушкил месозад. Ин тавоноии иловагиро аз таҷрибакунанда талаб менамояд. Камшавии завқу хоҳиши хонандагон дар машғулиятҳои санъати тасвирӣ дар синфҳои 5-7 бо чунин сабабҳои зерин мушоҳида карда мешавад.

- ташаккули муносибати танқидии хонандагон ба сифати фаъолияти тасвирии шахсӣ;
- кӯшиш ба амалӣ намудани якчанд ғояҳои худ дар мавод ё лавозимоти зарурӣ бо воситаи санъати ороишӣ амалӣ;
- пайдоиши якчанд муносибати алоқамандии пулӣ барои ба даст овардани дониш ва малака: бо роҳи ғайришахсӣ.

**Ҷадвали 3**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи дуюми пурсишнома

| Баҳо | Шумора | Синфи 5 | | Синфи 6 | | Синфи 7 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ш | бо% | ш | бо% | ш | бо% |
| хуб | Дар бораи 8 рассом маълумот дорад | - | - | - | - | - | - |
| | Дар бораи 7 рассом маълумот дорад | - | - | 1 | 1,5 | 2 | 2,6 |
| | Дар бораи 6 рассом маълумот дорад | 5 | 7,1 | 7 | 10,6 | 11 | 15,5 |
| қаноатбахш | Дар бораи 4-5 рассом маълумот дорад | 9 | 12,8 | 10 | 15,3 | 9 | 12,3 |
| | Дар бораи 3 рассом маълумот дорад | 15 | 21,5 | 18 | 27,2 | 17 | 23,2 |
| суст | Дар бораи 1-2 рассом маълумот дорад | 19 | 27,2 | 13 | 19,7 | 16 | 21,8 |
| | Намедонад | 22 | 31,4 | 17 | 27,7 | 18 | 24,6 |
| | Ҷамъ: | 70 | 100 | 66 | 100 | 73 | 100 |

Дар бисёр муассисаҳои таълимӣ аз набудани утоқӣ фаннӣ санъати тасвирӣ, дар савияи паст гузаронидани дарсҳои сӯҳбат оид ба санъати тасвирӣ дарк гардида ва аксарият омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ дар синфҳои ибтидоӣ муаллимони ғайриихтисос мебошанд. Инчунин машғулиятҳои санъати тасвирӣ баъзан гузаронида намешавад ва он бо дигар фанҳои хониш иваз карда мешавад, бо ҳамин нақшаи хониши мактабии ин фан иҷро намегардад.

Суоли сеюм: бо кадом намуди ҳунарҳои миллӣ Шумо мехостед, ки машғул бошед? Омӯзиши завқи хонандагон бо ин ё он намуди ҳунарҳои миллӣ-амалӣ машғул будан чунин натиҷа дод.

**Ҷадвали 4**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи сеюми пурсишнома

| т\р | Намудҳо | Синфи 5 | | Синфи 6 | | Синфи 7 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ш | бо% | ш | бо% | ш | бо% |
| 1 | Наққошӣ | 8 | 11,42 | 10 | 15,15 | 12 | 16,43 |
| 2 | Кулолгарӣ ва гилкорӣ | 4 | 5,71 | 6 | 9,09 | 8 | 10,95 |
| 3 | Кандакорӣ дар чӯб | 6 | 8,57 | 8 | 12,12 | 9 | 12,32 |
| 4 | Кандакорӣ дар гаҷ | 4 | 5,71 | 7 | 10,60 | 9 | 12,32 |
| 5 | Кашидадӯзӣ | 3 | 4,28 | 6 | 9,09 | 8 | 10,95 |
| 6 | Намедонам | 27 | 38,57 | 17 | 25,75 | 14 | 19,17 |
| 7 | Намехоҳам | 18 | 25,71 | 12 | 18,18 | 10 | 13,69 |
| | Ҷамъ: | 70 | 100 | 66 | 100 | 73 | 100 |

Мушоҳида чунин натиҷа дод, ки дар ҷавоби суоли сеюм хонандагон хоҳишҳои худро оид ба машғул будан бо санъати ороиши амалӣ баён намуданд, инчунин дар синфҳои 6 ва синфҳои 7 нишондод зиёд ва мутобиқад. Шумораи хонандагон, ки хоҳиши омӯзиши ягон ҳунарро надоранд ё ҳоло муайян накардаанд, кам мегардад.

Дар ҷавобҳои ба суоли 4-ум эҳтимолан, ки ҳар як хонадон асбобҳои ҳунарҳои миллӣ, инчунин маснуот, ки модар ё падар, бобо ё ин ки хешу ақрабо сохтаанд вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 5**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи чоруми пурсишнома

| | | Синфҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дорад: намунаҳои ҳунарҳои миллӣро медонанд | | Синфи 5 | | Синфи 6 | | Синфи 7 | |
| | | ш | бо% | ш | бо% | ш | бо% |
| Хуб | Ҳафт то | - | - | - | - | - | - |
| | Шаш то | - | - | 1 | 1,5 | 3 | 4,2 |
| | Панҷ то | 5 | 7,1 | 6 | 9,1 | 8 | 10,9 |
| Миёна | Чор то | 9 | 12,7 | 11 | 16,6 | 13 | 17,8 |
| | Се то | 11 | 15,7 | 14 | 21,2 | 17 | 23,3 |
| Паст | Ду то | 14 | 20,1 | 13 | 19,8 | 15 | 20,5 |
| | Як то | 17 | 24,3 | 11 | 16,6 | 9 | 12,4 |
| | Намедонад. | 14 | 20,1 | 10 | 15,2 | 8 | 10,9 |
| | Ҷамъ: | 70 | 100 | 66 | 100 | 73 | 100 |

Ҷавобҳои суоли панҷум: Чӣ гуна асарҳои рассомонро, ки ифодагари “Вахдат”, “Дӯстии халқҳо”, “Муҳаббат ба Ватан”, “Дӯст”, “Меҳнат” ва ғайра аст, медонед?

**Ҷадвали 6**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи панҷуми пурсишнома

| | | Синфҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи асарҳои рассомон | | Синфи 5 | | Синфи 6 | | Синфи 7 | |
| | | ш | бо% | ш | бо% | ш | бо% |
| Хуб | Ҳафт то | - | - | - | - | - | - |
| | Шаш то | - | - | - | - | - | - |
| | Панҷ то | 2 | 2,8 | 1 | 1,5 | 3 | 4,1 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миёна | Чор то | 5 | 7,2 | 4 | 6,1 | 9 | 12,3 |
| | Се то | 9 | 12,8 | 11 | 16,6 | 10 | 13,7 |
| Паст | Ду то | 15 | 21,4 | 13 | 19,6 | 17 | 23,2 |
| | Як то | 18 | 25,7 | 17 | 25,7 | 15 | 20,6 |
| | Намедонад. | 21 | 30,1 | 20 | 30,5 | 19 | 26,1 |
| | Ҷамъ: | 70 | 100 | 66 | 100 | 73 | 100 |

Ҷавобҳои суоли шашум: Оё Шумо марказҳои ҳунарҳои халқиро медонед ва дар кадом минтақаҳои ҷумҳурӣ ташаккул ёфтаанд? – асосан шаҳрҳо ва ноҳияҳои чун Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Исфара ва ғайраро номбар намуданд.

**Ҷадвали 7**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи шашуми пурсишнома

| т\р | Марказҳои ҳунарҳои миллиро медонанд | | Синфи 5 | | Синфи 6 | | Синфи 7 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ш | бо% | Ш | бо% | ш | бо% |
| 1. | Хуб | Ҳафт адад | - | - | - | - | - | - |
| | | Шаш адад | 1 | 1,42 | 2 | 3,03 | 4 | 5,47 |
| | | Панҷ адад | 7 | 10,0 | 8 | 12,12 | 9 | 12,32 |
| 2. | Миёна | Чор адад | 11 | 15,7 | 10 | 15,15 | 12 | 16,43 |
| | | Се адад | 12 | 17,14 | 13 | 19,69 | 19 | 26,02 |
| 3. | Баъд | Ду адад | 16 | 22,85 | 14 | 21,21 | 12 | 16,43 |
| | | Як адад | 19 | 27,14 | 18 | 27,27 | 17 | 23,28 |
| 4. | | Намедонад. | 4 | 5,71 | 1 | 1,51 | - | - |
| Ҳамагӣ | | | 70 | 100 | 66 | 100 | 73 | 100 |

Маълумоти бадастовардаро муқоиса карда, мо муайян намудем, ки дониш ва диққати хонандагони синфҳои ибтидоӣ доир ба фанни “Санъати тасвирӣ” ниҳоят паст буда аст. Дар аксар маврид дарсҳои санъати тасвирӣ гузаронида намешавад ё ин ки дар баъзе ҳолатҳо аз

тарафи муаллимони ғайриихтисос гузаронида мешаванд. Барои он ки омӯзгор имконияти дар таҷриба амалӣ намудани масъалаи ахлоқӣ – зебоипарастиро бо воситаи санъати тасвирӣ дошта бошад, бар ӯ зарур аст:

- дар дарси сӯҳбат диққати хонандагонро ба омӯзиши маданияти зебоипарастӣ ва бадеиро ҷалб намод, ки он аҳамияти моликияти умумиинсониро дорад. Ҳангоми шиносоӣ бо намунаҳои санъати ороиши амалӣ ба хонандагон ва ташаккули таассуроти бадеи кӯмак намуда, ҳангоми муоинаи асарҳои санъат ҳиссиёти меҳрубонӣ, шафқат, ғайра бедор мегардад.
- дар машғулиятҳои озмоишӣ ба расмкашӣ аз асл, аз рӯи мавзӯъ ва расмкашии ороишӣ диққати махсусро ба тарбияи хонандагон барои ифода намудани фикри худ ва ҳиссиёти худро дар расм диҳад, ки он барои ташаккули тафаккури бадеӣ, ифодаи муносибати ҳиссии худ ба мавзӯъ, сюжетҳое, ки дар худ ғояҳои дӯстии халқҳо, бародарӣ, ватандӯстӣ, муҳаббат ва эҳтиром ба маданияти он, ба ҳунармандони санъати халқӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои объективӣ аз тарафи мо инчунин малакаи кории омӯзгорони муассисаҳои санъати тасвирии шаҳри Хуҷанд тадқиқ карда шуд. Назорат ва пурсишномае, ки гузаронида шуд, имкони ташкил намуданро дорад:

- аксари омӯзгорон дар маҷмӯъ нақш ва ҷойгоҳи санъати тасвириро дар ҷавобҳои худ нишон медиҳанд. Аммо онро на ҳама чизро аниқ тасвир менамоянд. Метод ва воситаҳои гуногуни омӯзиши санъати тасвирӣ метавонад хислати ахлоқии шахсро тарбия намоянд.
- ба фикри баъзе омӯзгорон маълум шуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ диққати кофӣ ба фанни “Санъати тасвирӣ” дода намешавад. Дар баъзе муассисаҳо утоқи махсус вуҷуд надорад, дарси санъати тасвирӣ баъзан аз тарафи омӯзгорони ғайриихтисос таълим дода мешавад, китобҳои омӯзишӣ хеле кам, омӯзгорон дар

низоми салоҳиятнокӣ дарс намедиҳанд, яъне дониши кофӣ дар низоми салоҳиятнокӣ надоранд, бо маводи махсус ва тасвирӣ таъминоти кофӣ надоранд, возеҳии омӯзиши аз ҳисоби набудани воситаҳои техникӣ ва нусхаҳои чопӣ дар асарҳои рассомон, муаррифии мавзӯъ (слайд) ва ғайраҳо маҳдудият дорад.

- ҳангоми таҳлили пурсишномаҳо муайян карда шуд, ки аксари омӯзгорон ба қисмати тарбиявии дарс эътибори ҷиддӣ намедиҳанд.

Дар натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳои пурсишномаҳо мо ба хулосае омадем, ки омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ ба се гуруҳ тақсим мешавад:

1. Ҳангоми гузаронидани дарси санъати тасвирӣ ҷанбаи тарбияи ахлоқию маънавиро ба ҳисоб намегиранд ва онро чун вазифаи тарбиявӣ мегузоранд. Ин қисми пешрафтатарини омӯзгорон, ки танҳо 29%- ро ташкил медиҳанд.

2. Метод, восита ва тарзи кориро ҳангоми гузаронидани корҳои тарбияи ахлоқии хонандагон намедонанд. Чунин гуруҳи омӯзгорон 39% - ро ташкил медиҳад. Барои онҳо дастурамал, курсҳои такмили ихтисос махсусан ба ғайримутахассисон ва омӯзгороне, ки фаъолияти педагогиро аз “Санъати тасвирӣ” нав оғоз кардаанд, лозим мебошад.

3. Зарурати гузаронидани тарбияи ахлоқиро дар дарси санъати тасвирӣ намегиранд. Омӯзгорони ин гуруҳ 36% - ро ташкил дода, ба худ муносибати эҳтиёткориро татбиқ менамоянд. Қисме аз онҳо зарурати масъалаи тарбияи ахлоқиро дар замони ҳозира дарк намекунанд ва намехоҳанд ба интихоби маводи омӯзишӣ ба чунин равиш ба омодагии дарс ва сифати гузаронидани он диққати махсус диҳанд.

Чунин пурсишнома гуруҳи масъалаҳоро муайян менамояд, ки асосе аз онҳо – масъалаи тарбияи ахлоқӣ бояд ҷойгоҳи сазоворро дар системаи таълими мактабӣ ва олии бадеи – дастӣ ишғол намояд.

Дар таҷрибаи муқаррарӣ дар синфҳои 5-7-ум корҳо бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхуднамоии хонандагон оид ба дониши

тасвирӣ, тавоноии сохтани тасвири чизҳои беҷон, ки аз предметҳои оддӣ тартиб ёфтааст, дарси унсурҳои композитсионӣ ва оддитарин корҳои бо рангҳои обӣ (акварел) вобаста, гузаронида шудааст. Ғайр аз ин машғулиятҳои расмкашии мавзӯӣ ва ороиши амалӣ гузаронида шудааст.

Вазифаи аввал дар синфи 5-ум бо мақсади муайян намудани дониш ва тавоной дар расмкашии аз рӯи асл ашёи (чойнак, пиёла, себ), ки ба таври уфуқӣ (горизонтал) гузошта шудааст, бо ҳолати гуногун барои тасвир намудан гузаронида шудааст. Барои хонандагон масъалаи бо чунин тарз гузошта шуд: дар дарс гурӯҳе аз предметҳои ба Шумо шинос аст, бояд расмашро тасвир кунед. Расмҳои бадастовардаи хонандагон ба 4 гурӯҳ тақсим карда шудааст: аз онҳо беҳтаринаш, бе хатоӣ – 28%, хуб 24%, ки бо камтар норасоиҳо ҳаст ин гуруҳи суст, 16%, ки мулоҳиза ва норасоиро дорад беҳад суст, 32% ки хатоиҳои дағал дорад мебошад.

Масъалаи дуюм бо мақсади муайян намудани дониш ва маҳорати ғояҳои мавзӯӣ ва композитсионӣ гузаронида шудааст.

Барои хонандагон масъала бо чунин тарз гузошта шудааст. Тасвир намудани фасли баҳор, зеро баҳорро ҳама дӯст медорад. Корҳои хонандагон аз рӯи чунин намуд тақсимбандӣ шудааст:

- тасвири иди Наврӯз -41%
- тасвири манзараи баҳорӣ -35%
- тасвири гулҳои баҳорӣ -14%
- тасвири иди баҳорӣ 9-май -10%

Дар баъзе корҳо кӯшиши хонандагон барои тасвири амалиёти ҳисси (Наврӯз, 9-май) дида мешавад. Дар маҷмӯъ, кор бо ранг оддӣ буда, дар дараҷаи синфҳои ибтидой мебошад. Яъне вазифаи қисми аввал оид ба расмкашии мавзӯӣ мақсади асосӣ муайян намудани сатҳи дониш, маҳорат, малака, тавоной, меҳру муҳаббати хонандагон нисбат ба табиат ва малакаи хонандагони синфҳои 5-7 дар санъати тасвирӣ, инчунин сатҳи сифати ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ гузаронидан ва сатҳи муносибати ҳиссӣ ба ҳисоб меравад. Таълим ва тарбия дар ин

синфҳо аз рӯи ҳама талабот, ки бо дарси санъати тасвирӣ алоқаманд мебошад, гузаронида шудааст. Аз рӯи ин таҳқиқот мо чунин натиҷаи таҷрибаро бинем.

Дар ин қисми таҷриба фарқи ба чашм намоён байни синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ дида мешавад ва чун синфи назоратӣ 6б синф интихоб гардидааст. Таҷрибаи муайянкунанда дар синфҳои 5-7 аз рӯи се масъала гузаронида шуд:

Масъалаи якум аз рӯи мавзӯӣ "Ҷамъоварии ҳосил", "Тирамоҳи заррин" бо мақсади баланд бардоштани меҳру муҳаббати хонандагон нисбат ба табиат буд, гузаронида шудааст.

**Ҷадвали 8**

Ҷамъбасти натиҷаи таҷрибаи муқарраркунанда ҳангоми иҷрои расмкашӣ аз рӯи мавзӯъ дар синфҳои 5 А ва Б

| т\р | Меъёрҳо | Синфи 5А (назоратӣ) | Синфи 5Б (озмоишӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Интихоби композитсия ва кушода тавонистани мавзӯъ | 3,4 | 3,2 |
| 2. | Инъикоси эҳсосот дар ранггузорӣ | 3,3 | 3,6 |
| 3. | Истифодаи сифатҳои ахлоқӣ дар тасвирҳо | 3,5 | 3,4 |
| 4. | Истифодаи маводи маҳаллӣ | 3,6 | 3,5 |
| | Баҳои миёна | 3,4 | 3,4 |

Муайян намудани қобилияти тақсимбандии хонандагон дар вақти расмкашии сюжети фикрӣ се намуди расм ба даст оварда шуд.

-Ҷамъоварии ҳосил ва бо мошин кашонидани он (писарбачагон) -25%

- Тирамоҳи заррин -60%
- Алоқамадии таркибии байни объектҳои алоҳида -15%

Сифати тасвир қариб якхела буда корҳои хонандагони синфҳои панҷ аз ҳамдигар фарқ намекунад.

Масъалаи дуюм, кашидани расм дар мавзӯӣ “Тасвири интерери хонаи худ” мебошад, ки ба мақсади муайян намудани донишу малакаи хонандагон дар истифодаи намуди хаттӣ барои бунёди фазо, ба роҳ монда шуд.

Се намуди тасвир ба даст оварда шуд:

- ❖ асосан фазои фронталӣ, ки тасвири се девор, сақф ва фарш бо мебелро дорад -59%
- ❖ кунҷи қиррадори фазои бино -20%
- ❖ тасвири фронталии як девори ҳуҷра-14%
- ❖ ҷавоб надоданд 7%.

Тасвири интерер (дохили бино) чунин тафсилот дорад: қолинҳо дар девор ва дар фарш, мебел, ҷойи тиреза ва дар, ойинаи нилгун, гулҳо, нақшу нигор дар девор ва шифти хона ва ғайра. Истифодаи аниқи манзараи хаттӣ дар 46% қайд гардидааст. Мулоҳиза оид ба тасвири мебел ва қисмҳои хуҷраҳо, ки бо манзараи иншоот мутобиқат намекунад -31% мебошад. Истифодаи масъалаи графикӣ – қаноатбахш.

Масъалаи сеюми хонандагони синфҳои 6 дар мавзӯӣ умум “Ҳифзи табиат” гузаронида шуд. Барои хонандагон мавзӯи дарс чунин сохта шудааст: “Паррандагон - дӯстони мо”. Хонандагон дар дарс бояд мавзӯи супоридашударо тасвир кунанд. Тасвири парранда бо манзараи табиат, ин меҳри хонандагон ба ҳифзи табиат ва паррандагон мебошад. Дар тасвир муносибати шахсии худро ба ҳифзи табиат ифода намудан аст.

Аз рӯи корҳои дастраси синфҳои 5 мо ба чунин хулосае омадем, ки аксари мактаббачагон дорои малакаи сусти тасвирӣ мебошанд:

- ❖ композитсия, фаъолияти инсониятро фаҳмонда, ба паррандагон кӯмакрасон – ба таври минималӣ мебошад. Тасвири бисёр ашёи алоҳидае, ки бо композитсия алоқаманд нест, зиёд мебошад. Фазо ва муҳити фазоӣ қайд намегардад;
- ❖ тасвири инсон дар аксар ҳолат бо вайроншавии таносуб (афзуният), ки дар ҳолати статистикӣ – оморӣ қарор дорад;

- ❖ аз ҳад зиёд ҷамъ ва бузург – тасвири тарҳи паррандагон, ки содагии кӯдаконро ифода менамояд;
- ❖ тасвири дарахтон – дар ҳама намуди тарҳи содда: сутун ва аз он шоҳаву баргҳо ки нишони сабзи доирашакл ва ғайра.

**Ҷадвали 9**

Натиҷаи таҷрибаи муқаррарӣ дар иҷроиши тасвири мавзӯӣ
бо синфҳои 6 –уми А ва Б

| \р | Меъёрҳо | Синфи 6 А (назоратӣ) | Синфи 6 Б (озмоишӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Интихоби композитсия ва кушода тавонистани мавзӯъ | 3,1 | 3,2 |
| 2. | Инъикоси эҳсосот дар ранггузорӣ | 3,2 | 3,0 |
| 3. | Истифодаи сифатҳои ахлоқӣ дар тасвирҳо | 3,4 | 3,1 |
| 4. | Истифодаи маводи маҳаллӣ | 3,0 | 3,3 |
| | Баҳои миёна | 3,2 | 3,1 |

Барои озмоиш синфи 6 Б интихоб карда шуд.

Дар синфҳои 7 низ таҷриба гузаронида шуд, ки бо мақсади омӯзиш ва муайян намудани дониш ва малака дар фаъолиятӣ тасвирӣ эҷодӣ ва муайян намудани тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебопарастӣ.

Суҳбат ва анкетаҳои хаттӣ гузаронида шуд, масъалаҳои расмкашии аз рӯи мавзӯъ ва ороишӣ иҷро гардидааст. Дар тасвири мавзӯии синфҳои 7 дар мавзӯъҳои афсонаи “Рубоҳ ва ангур”, “Рубоҳи маккор ва гурги нодон”, “Лаку Пак”, “Подшоҳ ва духтари оҳангар”, “Зоғак ва Чалалӣ”, “Хари зирак”, “Бедона ва рӯбоҳ”, “Се сагу як гург” масъала бо чунин тарз сохта шуда буд: Ифодаи муносибати худ дар тасвир нисбат ба хубӣ ва бадӣ, содагӣ, хоксорӣ, меҳрубонӣ ва ғайра.

Натиҷаи санҷиш дар ҷадвали 8 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 10**

| т\р | Меъёрҳо | Синфи 7 А (назоратӣ) | Синфи 7 Б (озмоишӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Интихоби композитсия ва кушода тавонистани мавзӯъ | 3,2 | 3,0 |
| 2. | Инъикоси эҳсосот дар ранггузорӣ | 3,0 | 3,1 |
| 3. | Истифодаи сифатҳои ахлоқӣ дар тасвирҳо | 3,1 | 3,0 |
| 4. | Истифодаи маводи маҳаллӣ | 3,2 | 3,1 |
| | Баҳои миёна | 3,1 | 3,0 |

Аз ҷадвал маълум аст, ки фарқ байни синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ хеле кам буда, синфи 7Б чун синфи озмоишӣ интихоб гардид. Натиҷаи озмоишӣ муқаррарӣ дар муайян намудани сатҳи дониш ва малакаи хонандагони синфҳои 5-7 озмоишӣ ва назоратӣ оид ба санъати тасвирӣ нишон додааст, ки онҳо тақрибан як хел мебошад.

Дар асоси маълумоти бадастоварда шуда, масъала ва мақсадҳои сохтори озмоишӣ муайян мегардад. Онҳо дар омӯзиши ҷиҳати сохтори сифатҳои ахлоқии синфҳои 5-7 ҳангоми омӯзиши санъати тасвирӣ хотима меёбад:

- ҳангоми шиносоии хонанадагон дар дарсҳои суҳбат бо хусусияти миллии санъати тасвирии Тоҷикистон, алоқаи зичи ӯ бо санъати Шарқи Миёна, ки барои сохтори сифати шахсии ахлоқӣ ва зебоипарастӣ мусоидат менамояд.
- ҳангоми омӯзиши таърих ва эҳёи анъанаҳои миллии санъати ороишии халқи тоҷик, дар машғулиятҳои таҷрибавии расмкашии ороишӣ, ки ташаккули завқи зебоипарастиро таъмин менамояд, шавқ ба омӯзиши он, ба ташаккули қобилияти тасвирӣ ва тафаккури эҷодӣ меафзояд. Дар машғулиятҳои озмоишӣ оид ба расмкашии мавзӯӣ, агар хусусияти чунин намудро чун миниатура истифода шавад, ки ягонагии ҷудонопазири оғози ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастиро таъмин менамояд.

- дар машғулиятҳои расмкашии аз рӯи асл чун асоси саводи тасвире, ки функсияи таълимию тарбиявии худро дар дарсҳо ва дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ маҳфуз медорад. Бо мақсади ба амал баровардани масъалаи ташаккули ахлоқии хонандагон такя бояд ба васеъ намудани тасвири расмҳои ҳайкалҳои меъмории Осиёи Марказӣ набототи маҳаллӣ ва ҳайвонот равона карда шавад.

Аз масъалаҳои озмоишӣ бармеояд, ки мавзӯи дарсҳои суҳбатии расмкашӣ аз рӯи мавзӯъ ва ороишӣ коркард карда шудааст, ки бештар барои тарбияи босамараи ахлоқию маънавӣ, зебоипарастӣ ва тарбияи бадеӣ мусоидат менамояд. Дар равиши таҷриба бо хонандагони синфҳои 5-7 аз тарафи мо дарсҳои расмкашӣ аз рӯи асл, расмкашии ороишӣ ва мавзӯӣ коркард карда шуда, мавзӯъҳо барои гузаронидани суҳбат оид ба санъати тасвирӣ интихоб гардидаанд;

-барои синфи 5: “Иҷроиши ҷузъиёти манзараи набототи маҳаллӣ ва ҳайвонот”, “Тасвири порчаҳои ҳайкалҳои таърихии меъморӣ”, “Иҷроиши ангораҳои нақшу нигор барои зарфҳо”, “Ҷамъоварии ҳосил”, “Наврӯз дар мактаби мо”, “Суҳбат оид ба санъати халқии Тоҷикистон”, “Санъати миниатура”, “Суҳбат бо рассомони тоҷик” ва ғайра.

-барои синфи 6: “Тасвири либосҳои миллӣ”, “Ҳайкалҳои меъмории Хуҷанд”, “Тасвири кишвари худ”, “Суҳбат бо рассомони шинохта”, “Иди Наврӯз”, “Эҷодкорӣ дар мавзӯъи кайҳон”, “Чеҳраи дӯстон” ва ғайра.

-барои синфи 7: “Суҳбат оид ба санъати тасвирии Шарқ”, “Кашидани волидайн”, “Оилаи ман”, “Тасвири чойнак ва пиёла”, “Эҷодкорӣ дар мавзӯъи артиши миллӣ”, “Омодагӣ ба 8- март”, “Эҷодкорӣ дар мавзӯъи афсонаҳои халқӣ”, “Ороиши солинавӣ” ва ғайра.

Дар давраи дуюми санҷиш, ки хусусияти сохторӣ дошт, фарқ дар мундариҷа ва методи гузаронидани машғулият дида мешуд. Дар синфҳои назоратӣ машғулият аз рӯи методи оддӣ гузаронида шуд. Дар синфҳои

санҷишӣ маводи иловагии махсус истифода шуда, мундариҷаи мавзӯъи дарсро муфассал ифода менамояд.

Бо ин мақсад саёҳат, машғулиятҳои плэнерӣ, сиёҳмашқ, тасвирҳои кутоҳмуддат, тасвири инсон дар ҳаракатҳои гуногун, тасвири ҳайвонҳои хонагӣ, натюрморти мевагӣ ташкил карда шуд. Инчунин нусхаи чопии асарҳои рассомони моҳир дастрас гардидааст, ки ифодагари аниқи мундариҷаи ахлоқӣ ва зебоипарастӣ мебошанд. Дар дарс истифодаи расмкашӣ аз рӯи мавзӯӣ, асарҳои миниатуристҳои мард, чун Камолиддин Беҳзод ба мактаббачагон таъсири ҷиддӣ гузоштааст. Хонандагон асарҳои миниатураро нусхабардорӣ намуда, оид ба асарҳои Абдурахмони Ҷомӣ, Фирдавсӣ ва дигарон композитсияҳои худро офариданд. Бисёр тасвирҳои наҷиб, миниатура, дарахтон, гулҳо, паррандагон, ҳайвонҳо, меъмориҳои ороишӣ, ва тасвири инсон дар ҳаракат ва ғайра коркард карда шудааст.

Барои таҷриба дар расмкашӣ аз рӯи мавзӯъ мо мавзӯӣ “Ҷамъоварии ҳосил”-ро гирифтем.

Дар дарсҳои расмкашии мавзӯи (дар табиат) хонандагон тасвири дарахт ва ҳайвонҳоро тасвир намуда, таносуби инсон дар ҳаракат, дар дарси сухбат оид ба санъати тасвирӣ, нусхаҳои чопии асарҳои рассомонро муҳокима ва таҳлил намуда, хонандагон таркиб ва воситаҳои бадеиро барои боз намудани мундариҷаи мавзӯъ омӯхтаанд.

Пеш аз гузаронидани мавзӯъ саёҳат барои омӯзиши асарҳои эҷодии рассомон ва фонди бадеи осорхонаи вилоятӣ ва рассомони муосири вилояти Суғд , ки ба намоиш гузошта шудааст, ташкил гардид.

Пеш аз саёҳат ба хонандагон фаҳмонида шуда буд, ки дар осорхона ба чунин нуқтаҳо диққат дода, қайд намоянд:

- Тасвирҳое, ки писанди Шумо гардидааст, нависед. Барои чӣ он писанди Шумо гардид? Дар асар чӣ тасвир гардидааст?

- Кадом рассом дар асарҳои худ табиати зебои Ватанамонро тасвир намудааст? Бо кадом восита рассом тавонистааст тасвири ҳақиқии табиатро ифода намояд?
- Дар кадом тасвирҳо дӯстии халқҳо, кори якҷояи фаъолияти кормандони миллатҳои гуногун акси худро ёфтаанд?

Дар осорхонаи вилоятӣ хонандагон бо асарҳои рассомони бузург:

У. Раҳимов "Наврӯз", К. Мӯъминов "Деҳаи Тоҷикистон ", Т. Турдиев "Қаълаи Муғ-Уротеппа", В.П.Слутник "Сирдарё", Н. Эшонова "Раҳим Ҷалил", Р. Сангинов "Баҳори Хуҷанд", В. Абдирахмонов "Насими баҳори нав", Ш. Ҳикматов "Интизори меҳмонон", Э.Юнусов "Манзара", А.Муминов "Натюрморт" ва дигарон ошно шуданашон мумкин аст.

Дар қалби хонандагон асарҳои "Насими баҳори нав"-и В.Абдирахмонов "Лайли ва маҷнун"-и У.Раҳимов, "Интизорӣ"-и Н. Мӯминов, "Шаҳри ман"-и Д.Усмонов, "Оила"-и Ғ Усмонов, "Баҳор"-и А. Исоев, "Духтари чаканпуш"-и А.Исоев, "Имоми Аъзам"-и А.Ҷабборов, "Чакак"-и М.Ҳиҷибоева, "Кундал" –и И.Ахмедов, "Парвози хаёлот"-и М.Ризоева, "Товус"-и Ҳ.Ҷалилова ва ғайра завқи хоссаро бедор кардааст. Дар осорхона бачагон асарҳои У.Раҳимов, Н.Мӯъминов, А.Ҷабборов, Н.Эшонова, А.Исоев, А.Исроилов, М.Ҳоҷибоева, Р.Сангинов, И.Ахмедов, Ғ.Ҷӯраев ва дигаронро бо мароқ тамошо карданд.

Ба хонандагон шавқовар буд, ки бо кадом восита рассомон зебоии ҷаҳонро ошкор месозанд, ки дар маркази он инсони эҷодкор алоқаи ҷудонопазир бо табиат дорад. Онҳо нозукиҳои табиат ва содагии композитсияро мебинанд.

Дар вақти саёҳат диққати хонандагон ба воситаҳои бадеӣ, ки мавзӯоти тасвирро ифодагар мебошад, ба худ ҷалб сохтааст. Омӯзгор дар асоси намоиши чунин тасвирҳо хислат ва кӯшиши рассомони

гуногунмиллатро, ки дуруст тасвир намудани меҳнати инсон, ки дар замин ҳамаро бо дӯстони худ меофарад, ҷамъбаст намудааст.

Дидану таҳлил намудани асарҳои рассомон барои хонандагон хотирмон буд. Иловатан онҳо нусхаҳои чопии асарҳоро гирифтаанд.

Образи фаҳмиши хонандагон, ки бо масъалагузории мавзӯъ: кор оид ба ҷамъоварии меваҷот барои кумак ба кӯдакони Арал алоқаманд аст, бо назорати шахсӣ ва корҳо дар қитъаи муассиса, мустаҳкам гардидаанд. Пас аз намоиш ва таҳлил дар дарс якчанд асарро, ки дар осорхона ҳангоми суҳбат дидаанд, дар хонандагон хотироти хуб эҳё гардида, он образҳои даркӣ, барои тасвирҳои мавзӯии худ истифода мегардад. Байни корҳои хонандагон иҷроиши аслӣ аз рӯи тафаккур ва техникиро дидан мумкин аст. Дар корҳои хонандагон ифодаи тасвири қадру қомати инсон, дар ҳаракатҳои гуногун меафзояд. Композитсияи бо ҷиддият фикр кардаи онҳо, ки бо бисёр ҷузъёт ва муфассалият пурратар мегардад, ҳис карда мешавад.

Барои баҳогузории корҳои мавзӯъии хонандагон мо чунин меъёрро ташкил намудем:

1.Интихоби композитсия, ошкорнамоии мавзӯъ

2.Пайдоиши ҳиссиёт дар тасвир (торикию рушноии ранг).

3.Мавҷудияти сифатҳои ахлоқӣ дар тасвирҳо.

**Диаграммаи 1**

Натиҷаи озмоишӣ дар синфҳои 5-7 ҳангоми иҷрои расмкашии мавзӯӣ

1.Интихоби композитсия, ошкорнамоии мавзӯъ:




Нишондиҳандаи баҳоҳо:

**Баланд** –композитсия бомуваффақият интихоб гардида, фикр ифода гардидааст, ғоя ба таври комил ифодаи худро ёфтааст.

**Миёна** -композитсия камбудиҳо дорад, ақида нопурра ифода гардида, ғоя ба таври комил ошкор нагаштааст.

**Паст** -композитсия нобарор аст, ғоя ошкор нагаштааст, ифодаи ақида вуҷуд надорад.

Маводи корҳои малакавию таҷрибавиро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, динамикаи тарбияи ахлоқию зебоипарастии хонандагонро мушоҳида карда, мо ифодаи аниқи ғояро дидем: дар синфхонаҳо, ки пешниҳоди мо ба таври бештар амалӣ гардидаанд, натиҷаи хуб низ дар корҳои таҷрибавӣ пайдо гардидаанд.

2. Пайдоиши эҳсосот дар тасвир (торикию рӯшноии ранг):

**Диаграммаи 2**




Нишондиҳандаи баҳо:

**Баланд** – эҳсосот вуҷуд дорад, дар тасвир торикию рӯшноии ранг дида мешавад, ғоя ба таври пурра ифодаи худро ёфтааст.

**Миёна** - эҳсосоти ногувор , дар тасвир торикию рӯшноии ранг нопурра ифода гардидаанд, ғоя ба таври комил ошкор нагаштааст.

**Паст** -эҳсосоти паст, дар тасвир эҳсосот дида намешавад.

3. Мавҷудияти сифатҳои ахлоқӣ дар тасвирҳо.

**Диаграммаи 3**



Нишондиҳандаи баҳо:

**Баланд** – Мавҷудияти сифатҳои ахлоқию зебоипарастӣ, дар тасвир сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ эҳсос карда мешаванд.

**Миёна** -Сифатҳои ахлоқию зебопарастӣ маҳдуд , дар тасвир сифатҳои ахлоқию зебоипарастӣ кам дида мешаванд.

**Паст** - Сифатҳои ахлоқию зебоипарастӣ вуҷуд надорад, дар тасвир хусусиятҳои ахлоқию зебоипарастӣ дида намешавад.

Дар ин санҷиш мо асосан ба ифодаи ҳиссиёти хонандагон аҳамияти додем. Ҳиссиёт – сохтори ҳамдардии ҳиссиро, тавоноии мутаассир шудан дар ҷараёни вазнин дар якҷояшавии завқи шахсӣ ва умумиро ифода мекунад.

Таҳилили ҷараёни хониш дар расмкашии мавзӯӣ ба мо имкон дод, ки чунин хулоса намоем:

1) саёҳати гузаронидашуда ва расмкашӣ ба хонандагон кӯмак доданд, ки ғояҳои худро дар тасвир ифода намоянд. Корҳои хонандагонро муҳокима намуда, метавон қайд намуд, ки барои ташаккули тахайюлоти тасаввур ва тафаккури эҷодии хеш майл пайдо кардаанд. Омӯзиши эҷодиёти рассомон дониши онҳоро оид ба муносибати ранг дар композитсия аниқ намудааст;

2) маводи омӯзишии дуруст интихоб гардида ва таҷҳизонидани дарс ба хонандагон барои пурратар ифода намудани таассурот ва ғояҳои худ дар тасвир кӯмак мерасонанд.

3) мақсади дуруст ба роҳ мондани дарс хонандагонро боғайрат намуда, ба онҳо барои ташаккули қобилияти эҷодии инфиродӣ кӯмак мерасонад;

4) ҳангоми ошкорнамоии мавзӯъ дар хонандагон маркази композитсия инсон буда, техника ва манзаранавис нақши ёрирасонро дар заминаҳои иҳоташуда бозидаанд;

5) алоқаи масъалаи тасвирӣ бо мундариҷаи мавзӯӣ ғоявии композитсионӣ дар хонандагон барои зуҳури сифати ахлоқӣ, инчунин барои ташаккули тасаввуроти фазоӣ мусоидат мекунад.

Дар раванди малакаомӯзӣ як қатор вазъият, ки истифодаи санъати тасвириро дар тарбияи сифати ахлоқии хонандагон ақиб мекашад, ошкор гардид. Инчунин шарҳ дода мешавад, ки: дар аввал, норасоии маводи дидактикӣ, нусхаҳои чопии асарҳои рассомон, лавозимоти гуногун (қоғази махсус (ватман), ранги обӣ, гуаш, мӯйқалам) ва ғайра. Инчунин зарур аст, ки ҳолати тарғиботиро, ки ба воситаи гуногун маълумоти бисёри таҳқирӣ ва тӯҳматро ба суроғаи ин ё он халқ мекунанд, бояд қайд намоем: дуюмии тавоноии камташаккулёфта ва дониши сусти саводи тасвирӣ, ки дар корҳои мустақилонаи хонандагон инкишоф меёбад, ба ҳисоб меравад. Боиси таассуф аст, ки бояд муайян намоем, ки ин ҳолат дар оянда низ барои гузаронидани дарсҳои санъати тасвирӣ ва тарбияи сифати ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон дар сатҳи муайян суст месозад.

Аз тарафи мо пеш аз санҷиши сатҳи дониш ва маҳорат инчунин завқи бадеии хонандагон муайян гардид. Маълум шуд, ки сатҳи дониш ва маҳорат, инчунин ҷаҳонбинии хонандагон дар муассисаҳои шаҳрӣ каме баланд мебошад. Аммо ҳам дар мактабҳои деҳа ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр синфхонаҳои вомехӯранд, ки ба талабот ҷавоб намедиҳад, яъне дар санъати тасвирӣ сатҳи дониш паст доранд. Шарҳи ин чунин аст, ки корҳои бесифати омӯзгорони алоҳида мебошад.

Барои тарбияи сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон тавассути санъати халқии ороишӣ дар назди омӯзгори ин фан як қатор масъалаҳо ва супоришот маҷуданд:

- тавоноии омадасозии асбобҳои аёнӣ, муаррифии мавзӯъ, аксҳо, аёнияти дарс, шинос намудани хонандагон бо нақшу нигор ин ё он халқ;
- шинос намудани бо анъанаҳои халқии ҳунарҳои бадеӣ;

- шинос намудани хонандагон бо малакаи рассомии ҳунармандони халқӣ, омӯзиши; асарҳои онҳо, инчунин адабиёти санъатшиносӣ ва ғайра;
- тавоноии истифодаи дониши худ дар машғулиятҳо доир ба расмкашии ороишӣ;
-дарёфти нақшҳои шавқовар бо истифодаи нақшу нигори ороишии халқӣ ва кӯшиш намудани баҳри омӯзиши равонсозии хонандагон ба омӯзиши эҷодии онҳо;
- омӯзонидани фарқи образи санъати мардумии халқҳои гуногун.

Бо хонандагон дар мавзӯи нақшу нигори халқӣ бо мақсади тарбияи ахлоқӣ суҳбат намуда, шавқи онҳо, реаксияи эмотсионалӣ, донистани ин ё он суол ва ғайраро қайд намудан лозим аст. Чунин суҳбатҳо ҳамон вақт фоидае биоварад, ки агар як қатор шарт риоя гарданд. Махсусан:

а) омӯзгор дар вақти дарс бо хонандагон хуб муносибат кунад;

б) омӯзгор мақсадро аниқ нишон диҳад ва суҳбатро ба тарбияи ахлоқӣ барад;

в) омӯзгор бояд психологияи хонандагонро ба хубӣ донад;

г) аз маводи дарсӣ лаҳзаҳои тарбиявие, ки дар мундариҷа ва аҳамияти он зоҳир мебошад, аниқ муайян намояд.

Таҳлили адабиёти махсус имкон медиҳад, ки хулоса намоем, ки дар зери тарбияи ахлоқӣ дар дарси расмкашии ороишӣ бояд ҷараёни таъсири педагогӣ ба хонанда, бо роҳи ташаккули шавқ ба санъати ороиши амалии халқӣ, инчунин эҳтиром ба санъати тасвириро бояд фаҳмад. Аз тарафи дигар, таҳқиқи мо нишон додааст, ки методикаи тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон бо воситаи санъати тасвирӣ бояд бо воситаи алоқаи мутаносиби чунин маводи бадеии хониш ва сӯҳбат оид ба санъати тасвирӣ бо фаъолияти тасвирии хонандагон асосан дар дарсҳои расмкашии мавзӯӣ ва ороишӣ, инчунин дар корҳои берунaзсинфӣ ва берунaзмактабӣ бояд амалӣ гардад.

Барои пайдарҳамии нақшаи мувофиқи мақсади омӯзиши санҷиши оид ба масъалаҳои тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ бо воситаи санъати тасвирӣ бояд масъалаи асосии тарбиявиро гузошт, ки он бояд ҷараёни сохтори ҳисси дӯстии хонандагони миллатҳои гуногун бояд иҳота ва ҷалб намояд.

Дар рафти санҷишу таҳқиқоти ин масъала дар дарсҳои расмкашии ороишӣ инчунин як қатор дарс гузаронида шуд. Дар синфҳои санҷишӣ бештар ба ташаккули тафаккури бадеӣ диққати хонандагон ҷалб шуда буд, вохӯриҳо бо ҳунармандони халқӣ, саёҳат ба устохонаҳои онҳо ва экскурсияҳо дар осорхонаҳои вилоятӣ гузаронида шуд.

Бояд гуфт, ки экскурсия барои тарбияи ахлоқии хонандагон ниҳоят аҳамиятнок аст. Дар вақти экскурсия хонандагон дар хусуси меҳнат, корнамоиҳои халқ таассурот ва тасавурот ҳосил мекунанд, дониста мегиранд, ки меҳнатдӯстон чӣ гуна хислатҳо доранд. Хонандагон бо шавқи зиёд чӣ хел омодасозии панно аз гач, офаридани асарҳо, кандакорӣ дар рӯи чуб, нақшу нигор дар сақф ва чӣ тавр сохтани ҳайкалҳоро мушоҳида намуданд. Вохӯрӣ ва саёҳат дар хонандагон завқи бештар ва муҳаббати хос ба санъати ороиширо пайдо намудааст. Садоқати ҳунармандон ба кори худ, ғурури санъати миллӣ онҳоро дар ҳайрат гузошт. Дар хонандагон шавқ ба санъати аслӣ, ҳайкалҳо, меҳнатдӯстӣ ва кӯшиши сохтани чузъҳои зебо, ҳисси ватандӯстӣ ва тафаккури эҷодӣ пайдо гардид.

Дар синфӣ 7-и санҷишӣ саёҳат дар мавзӯи: ҳангоме, ки меҳнат ба санъат мубаддал гардад, дар кандакории рӯи чуб, гач, кулолгарӣ, кашидадӯзӣ, зарробӣ ва дигар намуди ҳунарҳо дар Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан гузаронида шуд. Хонандагон бомароқ бо ҳунарҳои миллӣ шинос шуда, бо чашмони худ диданд, ки чӣ тавр ҳунарманд, асбобҳои халқиро месозанд дида ҳайрат мондан. Хонандагонро барои омӯхтан ба устохонаҳои Рустамҷон Сангинов ва Раҳимов Умарҷон сафарбар карда шуд, ки ин экскурсия ба хонандагон

хело муфид буд. Хонандагон чӣ тавр омода ангораи нақш шудаи ва чӣ тавр он тартиб дода мешавад, тамоми ҷараёни кори рассомонро мушоҳида намуданд. Санъати наққошӣ ва кундалкорӣ ба хонандагон завқи баланди эҷодиро дод. Дар дарси расмкашии ороишӣ суҳбат дар мавзӯӣ: “Нақши миллӣ” гузаронида шуд. Мақсади дарс шиносоии хонандагон бо санъати наққошӣ ва кундалкории вилояти Суғд ва дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ буд. Дар дарс хонандагон бо ҳаёт ва эҷодиёти ҳунармандони машҳур, ки дар наққошӣ ва кундалкорӣ моҳиранд, шинос шуданд. Чунин чорабинӣ чун дигар чорабиниҳо, омил ва сарчашма дар ҷараёни расмкашии ороишӣ хизмат намуда, барои ташаккули завқи зебоипарастӣ, муҳаббат ба санъати кишвари хеш, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, эҳтиром ба ҳунарҳои миллӣ ва махсусан муносибати бошууронаи хонандагон ба меҳнати эҷодӣ мусоидат намудааст. Он сифатҳое, ки анъанаҳои бадеии наслҳои оянда тарбия мгардад, қадр карда мешавад; муносибат ба меҳнат ва ҳунарҳои миллӣ, муҳаббат ба зебоӣ, салиқаи зебоипарастӣ ва ватандӯстӣ ва ғайра мебошад.

Дар корҳои санҷиши хонандагон кӯшиши ба ташаккулёбӣ, омӯзиши зиёд ва тафаккури эҷодкорӣ дар композитсияҳои нақшу нигори нав пайдо мегардад. Дар ин ҷо тарбияи зебоипарастӣ дар ҷараёни меҳнат эҳё гардида, воситаи тарбияи ҳисси ахлоқии хонандагон ба ҳисоб меравад.

Вохӯрии хонандагон бо ҳунармандон наққошони халқӣ, чун машҳур Рустамҷон Сангинов, Ахмедов Иномҷон, Умарҷон Раҳимов, Мансурҷон Муллоҷонов, Абдувосит Абдурахмонов, усто Карим, усто Ғафурҷон ва дигарон хеле шавқовар буд. Дар вақти вохӯри хонандагон ба саволҳои пайдошуда ҷавоби қаноатбахш ирифт. Дар суҳбати санҷишӣ омӯзгор хонандагонро бо таърихи санъати ороиши амалӣ аз ҷумла бо нақшу нигор чун яке аз намудҳои асосии эҷодиёти халқӣ шинос намуд. Дар суҳбат мусоҳиба оид ба таърихи ташаккули санъати нақшу нигор

гуфта шуд. Баён гардид, ки санъати халқӣ дар худ ҳикмати халқиро дошт, ин дар гузашта, ҳозира ва кушишу ғайрат дар ояндаи орзӯи худ оид  ба ғояҳои некӣ ва хубӣ зиндагӣ дошта, танҳо аз рӯи қонуни махсус тараққӣ карда мебошад.

Назорат ҳангоми вахӯрӣ бо ҳунармандоне, ки онҳо чӣ тавр бояд нақшу нигор сохт ва рангҳо интихоб намуд, нишон дода, намоиш додан, онҳо ба ҳиссиёти хонандагон таъсир намуда, хоҳиши иштирок дар сохтани чизҳои зебои худ пайдо намудааст.

Мундариҷаи машғулиятҳои санҷиши дар санъати ороишӣ барои ҳалли тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ равона карда шуд. Барои хонандагон санъатҳои зерин шавқовар буд: “Силсиланамояҳои кундалкорӣ”, “Силсиланамояҳои наққошӣ”, “Кандакорӣ дар рӯи чуб ва гаҷ”, “Минётуранигорӣ”, “Манзаранависӣ”, “Натюрморт” ва ғайра.

Машғулият бо санъати ороишӣ барои бисёре аз хонандагон дар вақти таътили тобистона низ қатъ намегардад. Асоси завқ ба он ҳангоми мусоҳиба суҳбат оид ба санъати тасвирӣ, машғулияти расмкашии ороишӣ, вохӯри бо ҳунармандони санъати халқӣ гузошта шудааст.

Хонандагонро хусусияти миллӣ ва рангорангии нақшу нигори миллӣ, кандакории нотакрор ва  зардӯзии вилояти Суғдро  завқманд кардааст. Шиносоӣ бо ҳунармандони  халқӣ дар вақти саёҳат ва сӯҳбат бо онҳо мушоҳидаи ҷараёни омодасозии  кандакорӣ дар рӯи чуб ва гаҷ ва ба асоси ҳунармандии бадеии аслӣ барои кӯшиши эҷоди маснуоти шахсӣ мусоидат мекунад.

Аз рӯи ҷамъбасти анкетаи санҷишии синфҳои 5-7 бисёр ҷавоби мусбӣ  гирифта шуд, ки дар онҳо гуфта мешавад, ки хонандагон мехоҳанд бо ин ё он намуди ҳунармандии халқӣ машғул бошанд. Ба хонандагон бо ин гуна ҳунармандӣ мо метавонем ҳисси  зебоипарастӣ ва эҷодкориро бедор намоем. Дар вақти саволу ҷавоб хонандагон чунин ҷавоб доданд, ки якчанде онро аз ин ҷо меорем:

Туракулов Бахтиёр (хонандаи синфи 7[Б] ): ба ман ҳунари наққошӣ ва кундалрезӣ хеле писанд буда, ман низ мехоҳам бо ин намуди ҳунар машғул шуда, тасвирҳои зеборо офарида, ба падару модарам нишон диҳам.

Ҳомидова Зилола (хонандаи синфи 7[Б]): ба ман низ санъати кашидадӯзӣ хеле маъқул буда, мехоҳам, ки ин намуди санъатро бисёртар тамошо намуда, ба он муттасил машғул шавам.

Исроилова Маҳбуба (хонандаи синфи 5[Б]): ба ман бошад аз ҳама зиёд бо зардӯзӣ машғул будан писанд аст. Вақте, ки дӯхтанро оғоз мекунам, мехоҳам тезтар ба поён расонам ва ба ҳамагон ҳунари хеш нишон диҳам.

Примқулов Сардор (хонандаи синфӣ 7[Б]): ба фикри ман, дар замони имрӯза, аз ҳама ҳунари зарурӣ ин кадакорӣ мебошад, ки ман мехоҳам ин санъатро аз худ намуда, дар корҳои ороишӣ хеле фаъол бошам.

Каримов Хуршед (хонандаи синф 6[Б]): ба ман ҳунари зарробӣ (сикказанӣ) хеле писанд буда, ман мехоҳам, ки бо ин намуди ҳунар машғул шуда, асбобҳои зарурии заргариро сохта, барои ояндаи халқамон хизмат кунад.

Негматов Шерзод (хонандаи синфи 5[Б]): Мехоҳам ба осорхонаҳо бештар рафта, асарҳои рассомонро тамошо карда, бо рассомон ҳамсуҳбат шавам. Ман низ оянда мисли Камолиддин Беҳзод минётурнигор шуда, барои халқи худ хизмат кунам.

Юлдошева Нигона (хонандаи синфи 6[Б]): Ман манзара тасвир кардан ро дӯст медорам. Ба ман ба устохонаҳои рассомон рафтан шавқовар мебошад. Ман низ мехоҳам дар оянда рассом шавам ва манзараҳои зебои Тоҷикистонро тасвир намоям.

**Ҷадвали 11**

Натиҷаи санҷиши омӯзишӣ оид ба расмкашии ороишӣ.

| | Баҳо |
|---|---|

| т\р | Талабот барои расмкашии ороишӣ | Синфи 5 А (назоратӣ) | Синфи 5Б (озмоишӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Аҳамияти ҳаётии расмкашии ороишӣ | 3,0 | 4,2 |
| 2. | Истифодаи ҷузъиётҳои рустанӣ дар тартиб додани нақшҳои ислимӣ | 3,6 | 4,9 |
| 3. | Қобилияти истифодаи рангҳо ва тартиб додани нақшҳои зебо | 3,2 | 3,9 |
| 4. | Истифодаи маводи маҳаллӣ дар иҷрои нақшҳо | 3,0 | 4,4 |
| | Баҳои миёна | 3,1 | 4,7 |
| Ҳамагӣ | | | |

Санҷиш оид ба расмкашии ороишӣ дар синфҳои 5 нишон дод, ки дар корҳои иҷрогардидаи синфҳои озмоишӣ таъиноти сифатӣ намоён буда, дар муқоиса бо нишондодҳои синфҳои назоратӣ афзоиш дорад.

**Ҷадвали 12**

| | | Баҳо | |
|---|---|---|---|
| т\р | Талабот барои расмкашии ороишӣ | Синфи 6 А (Назорати) | Синфи 6 Б (Озмоишӣ) |
| 1. | Аҳамияти ҳаётии расмкашии ороишӣ | 3,1 | 4,2 |
| 2. | Истифодаи ҷузъиётҳои рустанӣ дар тартиб додани нақшҳои ислимӣ | 3,0 | 4,0 |
| 3. | Қобилияти истифодаи рангҳо ва тартиб додани нақшҳои зебо | 3,3 | 4,4 |
| 4. | Истифодаи маводи маҳаллӣ | 3,2 | 4,3 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | дар иҷрои кор | | |
| | Баҳои миёна | 2,8 | 3,9 |
| Ҳамагӣ | | | |

Талабот ба иҷроиши расмкашии ороишӣ синфи-6. Тағироти сифатӣ дар корҳои синфҳои 6 низ назаррас мебошад. Дар зери таассурот, ҳангоми шиносоӣ бо ҳунармандони халқӣ, рассомон, бо кори эҷодии онҳо дар хонандагон кӯшиши давом додани анъанаҳои меҳнатии ҳунармандон ва бештар бодиққат будан ба корҳои худ, мушоҳида мешавад.

Корҳои хонандагони синфҳои 7 бештар шавқовар буда, рангоранг ва пурмазмун ба назар мерасиданд. Дар ин синну сол дар хонандагон нияти аниқ барои интихоби касбу ҳунар (кандакорӣ, зарробӣ, кундалрезӣ, манзаранависӣ, заргарӣ, зарробӣ ва ғайра) чизе, ки дар корҳои хонандагон пайдо шудааст, мушоҳида мешуд. Аллакай дар чоряки якуми соли хониш онҳо ҷузъҳои эҷодиро дарк намудаанд: ангор, пайдар пайи кор, соя ва нимсоя ва дурустии интихоби композитсия. Истифодаи асосҳои мавзӯӣ пайдо гардид, расмкашии манзараҳои гуногун, наққошӣ, ҳайкалҳои меъморӣ, натюрморт ва ғайра. Дар баъзе корҳо тасвири расми модар, падар, дустӣ ва ғайра дида мешуд. Онҳо корро бо қалам тасвир карда, яъне бо ёрии штрих ҷойҳои торикию баландӣ ва аслии корро дарёфтанд.

**Ҷадвали 13**

| | | Баҳо | |
|---|---|---|---|
| т\р | Талабот барои расмкашии ороишӣ | Синфи 7 А (Назорати) | Синфи 7Б (Озмоишӣ) |
| 1. | Аҳамияти ҳаётии расмкашии ороишӣ | 3,5 | 4,5 |
| 2. | Истифодаи ҷузъиётҳои рустанӣ | 3,3 | 4,2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | дар тартиб додани нақшҳои ислимӣ | | |
| 3. | Қобилияти истифодаи рангҳо ва тартиб додани нақшҳои зебо | 3,2 | 4,3 |
| 4. | Истифодаи маводи маҳаллӣ дар иҷрои кор | 3,5 | 4,7 |
| | Баҳои миёна | 3,4 | 4,5 |

Таҳлили натиҷаҳо оид ба расмкашии мавзӯи ба мо имкон дод, ки баъзе хулосаҳоро ба анҷом расонем:

-Вохӯрӣ ва шиносоӣ бо малакаи бадеии ҳунармандон омӯзиши эҷодиёти онҳо дар хонандагон таассуроти хуб гузошт, ки акси онро дар корҳои эшон дидан мумкин буд.

-Дар вақти намоиш, ки тасвирҳо муносибати мувофиқатии рангҳо, дурусти композитсия бештар дар корҳои хонандагони синфҳои санҷишии 5-7 мушоҳида кардан мумкин аст. Барои ин асбобҳою лавозимоти иловагӣ, тасвирҳо, ҷадвалҳо оид ба рангҳо, муаррифӣ, омӯзиши корҳои ҳунармандони халқӣ, суҳбатҳо бо рассомон кӯмак расонидааст.

Ба қатори инҳо ҳангоми таҳлили корҳои шогирдона ба истифодаи санъати ороишӣ миллӣ дар хонандагоне, ки камтар омодагӣ дидаанд, чунин тарафҳои умумии ғайримустақил ба назар мерасад:

а) ҳолате нусхабардории механикии намунаҳои санъати амалии миллӣ;

б) дуруст ҷой ба ҷой намудани тасвир;

в)барои ба даст овардани рангҳои лозима, омехта карда тавонистани рангҳо;

г) интихоби дурусти мавзӯъ ва иҷрои он;

д) Натиҷаҳои санҷиши муқаррариро таҳлил намуда, мо кӯшиш ба харҷ додем, ки дар тӯли корҳои санҷишӣ омехтагии тарбияи ахлоқию

зебоипарастиро дар ҷараёни фаъолияти тасвирии хонандагон таъмин намоем. Ҳангоми бунёди методикаи тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон мо аз хусусияти санъати тасвирии миллӣ баромада, пайдарҳам барои фаҳмиши бештари амиқи ҷаҳони иҳотакарда дохил намуда, баҳри ба даст овардани санъати халқӣ кӯмак намудем.

Методика ба тарбияи ахлоқӣ ва сохти ҷаҳонбинии хонандагон, барои тафаккури эҷодӣ равона карда шудааст.

Оид ба методикаи санҷиши санъати тасвирӣ як қатор дарс гузаронида шудааст. Масалан, яке аз дарсҳо ба санъати ороишии Тоҷикистон (нақшу нигор, кандакорӣ, кундалрезӣ) бахшида шуда буд.Омӯзгор хонандагонро бо намудҳои санъати тасвирӣ, ки дар ҳаёти ҳамарӯза дар рӯзгор вомехӯрад, яъне бо маснуоти санъати ороишӣ шинос намуд.

Ба бачагон дидани чизҳо, сохти онҳо, аз нигоҳи манфиатнокӣ ва образнокии бадеии онро баҳогузорӣ намудан пешниҳод карда мешавад.

Мавзӯъи дуюм хислати таҷрибавӣ дошт: иҷроиши ангораҳои нақшу нигорӣ бари зарф, сабзирезакунак, намояҳо бо ёрии кашидадӯзӣ, сандуқча ва ғайра.

Мақсади машғулият: ташаккули санъати бадеӣ, хисси ахлоқию зебоипарастӣ, инчунин сохти малака ва маҳорати таҷрибавӣ мебошад.

Мавзӯӣ сеюм ба расмкашӣ аз асл бахшида шудааст. Хонандагон чизҳои беҷон, ки аз предметҳои санъати ороишӣ ташкил ёфтааст, гулдӯзии миллӣ, кӯза, сандуқча, қолаби гаҷӣ, меваҳо, сабадча ва ғайраро тасвир намудаанд.

Мавзӯӣ чорум: Иҷроиши ангораи либоси миллӣ. Бо роҳбарии омӯзгор либосҳои миллиро барои лӯхтакҳо омода намуданд. Мақсади дарс расмкашии либосҳои миллиро бо истифодаи ороишот, дӯхт ва ранг омӯзонидан мебошад.

Мавзӯӣ панҷум: Шиносоӣ бо эҷодиёти шифоҳии халқ, эпос аст. Таърихи санъати халқи тоҷик, суҳбат бо рассомони халқӣ.

Мақсади ин дарс тавассути тасвир ифода намудани муносибати худ ба ҳолатҳову рӯйдодҳо, қаҳрамонҳо, инчунин бо асоси рафтори мактабхон таъсири мақсаднок расонидан мебошад.

Профессор Сафар Сулаймонӣ қайд мекунад, ки "Появу асоси пешрафти маънавии инсон ахлоқ аст. Ахлоқ порсанги табиӣ ба фарҳанги моддии дунёи муосир аст, фарҳанге, ки дар ҳадди зиёд ғайриахлоқӣ аст" [161 с.12].

Педагоги машҳур Н.А. Дмитриев оид ба роҳҳои тарбияи ахлоқӣ сухан намуда, чунин қайд мекунанд, ки ".....роҳҳои бисёр образнок буда, камтар аз ҳама метавон бо панду насиҳатҳои рост қаноатманд шуд. Аз такрори бисёркаратаи ҳикматҳои панду насиҳатии машҳур фоидаи беш нест. Зарур аст, ки инсон бояд худаш ба ризоияти қатъии панду насиҳатӣ дар натиҷаи ҷараёни инкишофи дохилӣ бояд биёяд. Аммо яке аз ҳақиқатҳои бузурги инкишофи руҳӣ ин ташаккули зебоипарастӣ ба ҳисоб меравад...." [62, с. 7].

Устод Муҳаммадулло Лутфуллоев ҳамаро ба он даъват мекунанд, ки ба панди пирон гӯш диҳанд ва дар ҳаёти хеш аз онҳо ба таври васеъ истифода намоянд: «Азизон, ба панду насиҳатҳои донишмандону пирони хирад, ки онҳо ҳам фарзандони ҳамин диёранду дилашон ба Ватану миллат месӯзад, гӯш диҳед» [99, с.116].

Дарсҳои гузаронидашударо ҷамъбаст намуда, мо ба чунин хулосае омадем, ки равиши маҷмӯа ба тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон мусоидат менамояд.

Дар дарс истифодаи асарҳои бадеии намоён, машҳур, мантиқан ғании санъати тасвирӣ воситаи манфиатовари тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ мебошад. Дар ин ҳангом омӯзгор барои ташаккули дониши хонандагон, сохти зебоипарастӣ ва нигоҳ ба ҳаёти иҳотакарда мусоидат менамояд. Масалан, суҳбат бо хонандагон оид ба асарҳои санъати тасвирӣ чунин хислатро доро буданд.

Рассоми машҳур, аъзои иттифоқи рассомони собиқ ссср, узви иттифоқи рассомони Тоҷикистон, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дорандаи ҷоизаи Камоли Хуҷанди дотсент Умар Раҳимов Абдурасулович “Вохӯрии баъди ҷанги”, ки деринтизорӣ ва хурсандии баъди ҷагро нишон дода, ба персонаже, ки дар аввали нақша ҷой дорад, ҷалб карда шудааст. Рассом тавонистааст ҳисси ватандӯстиро дар инсонҳои гуногун ва синну соли ҳархела, дар симо, ҳаракат ва ҳолат ифода намояд. Ба ғайр аз ин рассом бо минётураҳои “Лайли ва Маҷнун”, “Умар Ҳайём” бо маҳорати баланд иҷро намудааст, ки бинандаро ба худ ҷалб карда, меҳру муҳаббат, дӯстӣ, ахлоқию зебоипарастиро ифода мекунад. Ғафурҷон Ҷӯраев бошад, рассоми таърихнигор буда, дар асарҳояш марҳила ва воқеаҳои таърихиро бо ҷузъиёти хурдтаринашон ифода кардааст, мисоли он, «Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ», «Эҳёи тоҷикон» мебошанд.

М.Мӯъминов  манзаранавис буда, манзараи табиат ва тасвири чизҳои беҷон, яъне натюрмортҳои миллӣ ба мавзӯъҳо гуногун чун “Ҷамъоварии ҳосил”, “Деҳаи ман”,  “Тоҷикистон - ватани ман” ва ғайра асарҳои наҷиб офаридаанд, ки  ҷолиби диққатанд. Дар асарҳои рассом меҳру муҳаббат нисбат ба Ватани худ ва одоби ҳамидаро дидан мумкин аст.

Рассом С. Шарипов анъанаву равияҳои навини рассомони Аврупои Ғарбиро идома дода, мусавварахҳои худро бо тарзу шакли миллӣ ифода намудааст. Шарипов С  аз қабили рассомонест, ки дар эҷодиёташ бештар мазмунҳои замонавӣ бо таърихи халқ пайваста меоянд. Санъати Шарипов С хусусиятҳои ба худ хос дошта, мазмуни мусавварахҳои ӯ бештар ҷанбаи миллӣ доранд.  Дар мусавварахҳои ӯ «Рӯзи кори табиб», «Ёдбуди Воҳидов» (1979), «Ёди солҳои гузашта» (1981-1982), «Мактуб» хулқу атвори қаҳрамонони ӯ, санъати ороиши монументалӣ ба монанди толори хизмати маишии Душанбе, намояи ёдбуди шахсиятҳо тасвир ёфтаанд.

Хушвахтов Х.Д. корҳои эҷодии худро бо мусаввирии жанрӣ оғоз намудааст. Асарҳои ӯ «Рақси аввалин», «Дар хирманҷо», «Дар имтиҳон» кору фаъолияти ашхоси алоҳида, хислатҳо ва шароити иҷтимоии онҳоро ифода кардааст. Рассом дар асарҳои худ сифатҳои ахлоқӣ зебоипарастиро муҷассам кардааст.

Сифатҳои беҳтарини эҷодиёти З. Ҳабибуллоев аз услубҳои анъанавӣ гузашт намуда, тимсолу услуби хоси худ бо забони мусаввирии муосир асарҳо эҷод намудааст. Ӯ дар инкишофи санъати мусаввирии замонавӣ бо услуби нави худ ба рассомони ҷавон раҳнамо мебошад.

Дар жанри чеҳранигорӣ низ рассомони муосир асарҳои ҷолиб эҷод кардаанд. Масалан дар асари "Хотира аз бобоям"-и рассом А.Исроилов ирода, хислати орому мустақил, ғурури шаҳрвандӣ, қувваи рӯҳӣ эҳсос мегардад. Ва ҳамчунин асари ӯ бо номи "Модар" мебошад. Дар образи модар ӯ тавонистааст зебогии олӣ ва якҷоя бо ин зебогии кулли заминро ифода кардааст. Бо самимияти афзун ӯ дар тасвири модарро ифода намуда, дар симои ӯ ҳисси модарӣ ва ҷозибати занро ошкор месозад.

Рассом В. Абдирахимов дар мусавварaи "Насими баҳори нав", ки дар он фасли зеботарини сол баҳор тасвир шудааст, бо нишон додани дамидани сабзаҳо, гул кардани дарахтон, оғози киштукор, як манзараи ҷолиби диққатро рӯи сафҳа овардааст. Услуби эҷодии рассом ба худи ӯ хос буда, интихоби сужет ҳам хели нишонрас ба қалам омадааст. Ҷоба-ҷогузории ҷузъиёти асар, интихоби рангҳо мазмуни мусаввараро бой кардаанд.

Ин асарҳо тафаккури бузург, хусусиятҳои миллӣ, рӯҳияти баландро ифода менамояд. Руҳияти асар худ ахлоқӣ буда, дидани хубиро дар инсон, дар табиат ва дар муносибатҳои инсонӣ дидани накӯиро меомӯзонад. Ба ҳама маълум аст, ки ҳисси зебоипарастӣ асоси хубӣ, ахлоқӣ мебошад. Хубиҳо накӯиро ба вуҷуд меорад. Ва офарандагони ин расм ба тавре қарзи худро дар назди инсоният адо месозанд.

Амалисозии чунин масъалаҳои накӯкорӣ бисёртар ба дӯши омӯзгор бор карда мешавад.

Ӯ аз насл ба насл маданияти ба дастовардаи инсониятро тарбия ва интиқол медиҳад.

Хонандагон дар ин асарҳо қайд менамоянд, ки ин тасвирҳо хубиҳои инсонро, зебогии рафтори эшон ва меҳнати сузандаи онҳоро ифода мекунад. Дар охири соли хониш дуюм маротиба саволнома ба хонандагони синфҳои 5-7 бо мақсади андоза, хислатҳои тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ гардонида шудааст. Натиҷаи саволнома имконият фароҳам овард, ки сатҳи тарбияи ахлоқии хонандагонро бо воситаи санъати тасвирӣ муайян намоем.

Дар давраи дуюм баъди гузаронидани саёҳатҳо, ташкил намудани шабнишиниҳо, озмунҳо доир ба идҳои миллӣ, гузаронидани дарси санъати тасвирӣ бо методи пешниҳодшуда дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ шабоҳат дорад.

Пурсишнома дар худ 6 суол дошт:

1. Дар кадом намуди санъати тасвирӣ машғул Шудан ба Шумо писанд аст?
2. Шумо кадом рассомони халқиро мешиносед?
3. Бо кадом намуди ҳунарҳои миллӣ Шумо мехостед, ки машғул бошед?
4.Намунаҳои ҳунарҳои халқӣ оё дар манзили зисти Шумо вуҷуд доранд ва кадомҳо?
5. Чӣ гуна асарҳои рассомонро, ки ифодагари мавзӯъҳо “Ваҳдат”, “Дӯстии халқҳо”, “Муҳаббат ба Ватан”, “Дӯст”, “Меҳнат” ва ғайра аст, медонед?
6.Оё Шумо марказҳои ҳунарҳои халқиро медонед ва онҳо дар кадом минтақаҳои ҷумҳурӣ ташаккул ёфтаанд?

Маълумотҳои ба даст оварда, таҳлил ва муқоиса бо моводҳои саволномаи қаблӣ имконият дод, ки динамикаи ҷараёни тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастиро дар мутобиқатии методи ҷараёни

хониш дар дарсҳои санъати тасвирӣ ва муайян намудани сатҳи маҳсулотии он пайгирӣ намоем.

Саволи якуми санҷиши педагогиро, чӣ тавре, ки дар саволномаи қаблӣ вуҷуд дошт, мо маҳфуз нигоҳ доштем. Саволномаи дуюм мақсадеро дошт, ки муайян намудани ҷараёни афзалияти хонандагон ба намудҳои фаъолияти тасвирӣ мебошад. Ин дар ҷадвали навбатӣ нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 14**

Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 5-7

| Синфҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| т\р | Намудҳои дарс | Синфи 5 | | | Синфи 6 | | | Синфи 7 | | |
| | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | |
| | | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** |
| 1 | а) расмкашӣ аз асл | 21,4 | 19 | **27,2** | 24,2 | 18 | **27,2** | 20,5 | 17 | **23,2** |
| 2 | б) расмкашӣ аз рӯи мавзӯӣ | 24,2 | 20 | **28,5** | 27,4 | 21 | **31,8** | 26,1 | 22 | **30,1** |
| 3 | в) ороишӣ | 17,1 | 13 | **18,6** | 13,6 | 12 | **18,1** | 15,1 | 14 | **19,1** |
| 4 | г) суҳбат оид ба санъати тасвирӣ | 10,1 | 10 | **14,3** | 7,6 | 7 | **10,6** | 8,2 | 9 | **12,3** |
| 5 | Гилкорӣ ва дизайн | 8,6 | 8 | **11,4** | 10,6 | 8 | **12,1** | 10,9 | 10 | **13,6** |
| | дараҷаи пасти шавқи расмкашӣ | 18,6 | - | **-** | 16,6 | - | **-** | 19,2 | 1 | **1,4** |
| Ҳамагӣ | | 100 | 70 | **100** | 100 | 66 | **100** | 100 | 73 | **100** |

-завқ ба расмкашии аз асл дар синфҳои озмоишии 5-6 мутаносибан зиёд мегардад ба 27,2%. Аммо ин натиҷаи дилхох нест. Косташавии завқ дар синфҳои 7 ба ин намуди машғулияти санъати тасвирӣ ва зиёдшавии завқ ба расмкашии ороишӣ бо вобастагии интихоби касбӣ (кашидадӯзӣ, ироқидӯзӣ, кандакорӣ, кулолгарӣ, гачкорӣ, ва ғайра) дида мешавад.

-ба расмкашии мавзӯӣ нисбат ба синфҳои 5- 28,5%; ба синфҳои 6- 31,8 % зиёд мегардад.

-ба расмкашии ороишӣ дар 5-6 баробар мебошад дар панҷум 18,6%; дар шашум 18,1%; дар синфҳои 7 бошад, 19,1%; хониши завқии хонандагон меафзояд;

Завқи хонандагон ба ҳама намудҳои расмкашӣ дар гурӯҳи озмоишӣ зиёд мегардад. Расмкашии аз асл чунин натиҷабандӣ шуд: дар синфи 5 (назоратӣ)-21,4%, дар (озмоишӣ) 27,2%, дар синфи 6 (назоратӣ)-24,2% дар (озмоишӣ) 27,2% дар синфи 7 бошад, (назоратӣ)-20,5% дар (озмоишӣ)-23,2% мебошад. Маълумоти ба даст оварда имкон медиҳад, чунин хулоса намоем, ки бо баробари калоншавӣ бачагон ба намуди муайян фаъолияти тасвирӣ завқ пайда мекунанд. Пешравии татқиқоти мо дар зиёдшавии завқи хоҳиш ҳангоми суҳбат оид ба санъати тасвирӣ муяссар гардид. Завқи хонандагон ба суҳбат дар синфҳои 5 ҷараёни 10,1 ва 14,3% нишон дода, он дар синфҳои 6 ва 7 чунин аст: дар 6(н)-7,6%; дар 6(о)-10,6% ва дар синфи 7(н)-8,2%; дар 7(о) 12,3% мебошад. Ин бештар дар муассисаҳои наздики шаҳр паҳн шудааст, чун аксари ҳунармандони халқӣ, кормандони адабиёт, осорхонаҳо, устохонаҳо дар шаҳр воқеъ мебошад.

Савлои дуюм: Шумо кадом рассомони халқиро мешиносед? Мо дар зери ин савол ба чунин натиҷа ноил гаштем:

**Ҷадвали 15**

Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 5-7 ба саволи дуюми саволнома

| | | Синфҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ба | Шумора | Синфи 5 | | | Синфи 6 | | | Синфи 7 | | |
| | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | |
| | | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** |
| Хуб | Дар бораи 8 рассом маълумот дорад | - | | **7,1** | - | 8 | **12,1** | | 9 | **12,4** |
| | Дар бораи 7 рассом маълумот дорад | - | 10 | **14,3** | 1,5 | 12 | **18,2** | 2,6 | 16 | **21,9** |
| | Дар бораи 6 рассом маълумот дорад | 7,1 | 19 | **27,2** | 10,6 | 15 | **22,8** | 15,5 | 19 | **26,2** |
| Қаноатбах | Дар бораи 4-5 рассом маълумот дорад | 12,8 | 14 | **20,1** | 15,3 | 13 | **19,6** | 12,3 | 12 | **16,4** |
| | Дар бораи 3 рассом маълумот дорад | 21,5 | 12 | **17,1** | 27,2 | 10 | **15,2** | 23,2 | 8 | **10,9** |
| Суст | Дар бораи 1-2 рассом маълумот дорад | 27,2 | 10 | **14,2** | 19,7 | 8 | **12,1** | 21,8 | 7 | **9,5** |
| | Намедонад | 31,4 | - | **-** | 27,7 | - | | 24,6 | 2 | **2,7** |
| Ҳамагӣ | | 100 | 70 | **100** | 100 | 66 | **100** | 100 | 73 | **100** |

Бо ин савол мо дар соли хониши аввал бо хонандагон санҷиш гирифта будем, локин натиҷа ноанқадар мусбӣ буд, баъди таҳқиқот мо бо ин савол ба натиҷаи назаррас ноил гаштем, ки аксари хонандагон фаъол буданд.

Саволи сеюм: Бо кадом намуди ҳунарҳои мардумӣ Шумо мехоҳед, ки машғул бошед? Бо мақсади муайян намудани таваҷҷӯҳи хонандагон ба синфҳои назоратӣ ва озмоишӣ чунин натиҷа дод.

**Ҷадвали 16**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи сеюми пурсишнома

| Синфҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| т\р | Намудҳо | Синфи 5 | | | Синфи 6 | | | Синфи 7 | | |
| | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | |
| | | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** |
| 1 | Наққошӣ | 11,4 | 15 | **21,4** | 15,1 | 14 | **22,7** | 16,4 | 16 | **21,9** |
| 2 | Кулолгарӣ ва гилкорӣ | 5,7 | 11 | **15,7** | 9,1 | 9 | **13,6** | 10,9 | 12 | **16,5** |
| 3 | Кандакорӣ дар чуб | 8,5 | 17 | **24,2** | 12,1 | 18 | **27,2** | 12,3 | 17 | **23,2** |
| 4 | Кандакорӣ дар гаҷ | 5,7 | 13 | **18,6** | 10,6 | 13 | **19,6** | 12,3 | 11 | **15,1** |
| 5 | Кашидадӯзӣ | 4,2 | 14 | **20,1** | 9,1 | 10 | **15,1** | 10,9 | 14 | **19,3** |
| 6 | Намедонам | 38,7 | - | **-** | 25,7 | 1 | **1,5** | 19,1 | 1 | **1,3** |
| 7 | Намехоҳам | 25,7 | - | **-** | 18,1 | - | **-** | 13,6 | 2 | **2,7** |
| Ҳамагӣ | | 100 | 70 | **100** | 100 | 66 | **100** | 100 | 73 | **100** |

Саволи чорум: Намунаҳои ҳунарҳои халқӣ оё дар хонаи Шумо вуҷуд дорад ва кадомҳо? Бо мақсади муайян намудани таваҷҷӯҳи хонандагони синфҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ ба маънии тасвири тафаккурӣ равона карда шуд.

**Ҷадвали 17**

| Синфҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Баҳо | Шумора | Синфи 5 | | | Синфи 6 | | | Синфи 7 | | |
| | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | |
| | | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** | бо% | | **бо%** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хуб | Ҳафт то | - | 6 | **8,6** | - | 8 | **12,2** | - | 5 | **6,8** |
| | Шаш то | - | 12 | **17,2** | 1,5 | 13 | **19,6** | 4,2 | 10 | **13,6** |
| | Панҷ то | 7,1 | 22 | **31,5** | 9,1 | 20 | **30,3** | 10,9 | 24 | **32,8** |
| Қаноатбах | Чор то | 12,7 | 16 | **22,8** | 16,6 | 14 | **21,2** | 17,8 | 17 | **23,2** |
| | Се то | 15,7 | 11 | **14,2** | 21,2 | 9 | **13,6** | 23,3 | 13 | **17,8** |
| Суст | Ду то | 20,1 | 3 | **4,3** | 19,8 | 2 | **3,1** | 20,5 | 2 | **2,7** |
| | Як то | 24,3 | 1 | **1,4** | 16,6 | - | **-** | 12,4 | 1 | **1,3** |
| | Намедонад | 20,1 | - | **-** | 15,2 | - | **-** | 10,9 | 1 | **1,3** |
| Ҳамагӣ | | 100 | 70 | **100** | 100 | 66 | **100** | 100 | 73 | **100** |

Дар ибтидои соли хониш мо кӯшиш намудем, ки кадом ҳунарҳои халқии тоҷикро онҳо медонанд. Барои ин мо имконияти саволро муайян намуда, муқаррар намудем, ки хусусан ҳунарҳои миллӣ дар хонаҳои онҳо вуҷуд дошт, аммо онҳо дар бораи ҳунарҳои миллӣ маълумот надошта буданд, лекин баъди таҳқиқот онҳо маълумоти кофӣ гирифтанд, ки натиҷаи хуб нишон дод, ва он дар ҷадвал оварда шудааст. Тағйироти мусбӣ бештар дар синфҳои озмоишӣ 5 ва 6 дида мешуд. Агар дар оғози соли хониш онҳо танҳо 5 ҳунарҳои миллӣ дар умум дониста бошанд, алҳол, онҳо дар бораи 8 намуд ҳунарҳои миллӣ гуфтанд, ки дар хонаи онҳо вуҷуд дошт ва ин дар синфҳои озмоишӣ буд, ки нисбати синфҳои назоратӣ бештар ва зиёдтар мебошад.

Саволи панҷум: Чӣ гуна асарҳои рассомонро, ки ифодагари “Ваҳдат”, “Дӯстии халқҳо”, “Муҳаббат ба Ватан”, “Дӯст”, “Меҳнат” ва ғайра аст, медонед?

**Ҷадвали 18**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи панҷуми пурсишнома

| Синфҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Баҳо | Шумора | Синфи 5 | | | Синфи 6 | | | Синфи 7 | | |
| | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | |
| | | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хуб | Ҳафт то | - | 5 | **7,1** | - | 7 | **10,6** | - | 10 | **13,7** |
| | Шаш то | - | 12 | **17,2** | - | 11 | **16,6** | - | 15 | **20,6** |
| | Панҷ то | 2,8 | 18 | **25,7** | 1,5 | 20 | **30,4** | 4,1 | 16 | **21,9** |
| Қаноатбах | Чор то | 7,2 | 17 | **24,3** | 6,1 | 15 | **22,8** | 12,3 | 14 | **19,2** |
| | Се то | 12,8 | 9 | **12,8** | 16,6 | 6 | **9,1** | 13,7 | 10 | **13,7** |
| Суст | Ду то | 21,4 | 7 | **10,1** | 19,6 | 5 | **7,5** | 23,2 | 5 | **6,8** |
| | Як то | 25,7 | 2 | **2,8** | 25,7 | 1 | **1,5** | 20,6 | 2 | **2,7** |
| | Намедонад | 30,1 | - | **-** | 30,5 | 1 | **1,5** | 26,1 | 1 | **1,4** |
| Ҳамагӣ | | 100 | 70 | **100** | 100 | 66 | **100** | 100 | 73 | **100** |

Мо чунин саволро дар санҷиши аввала низ гузаронида будем. Дар ин ҳолат онҳо асарҳои рассомонро, ки ифодагари "Ваҳдат", "Дӯстии халқҳо", "Муҳаббат ба Ватан", "Дӯст", "Меҳнат" мебошад, на он қадар медонистанд ва рассомонро аз якдигар ҷудо карда наметавонистанд, яъне услубҳои кори онро хеле рангоранг аст. Дар санҷиши такрори бошад, пешравиҳои мусбӣ дар синфҳои озмоиши 6-7 дида мешавад.

Дар зери калимаи Ваҳдат", "Дӯстии халқҳо", "Муҳаббат ба Ватан", "Дӯст", "Меҳнат" ва ғайра муносибатҳои шахсӣ ба меъёрҳои ва муносибатҳои миллии маданӣ, муносибатҳои ахлоқӣ назар гирифта шудааст.

Саволи шашум: Оё Шумо марказҳои ҳунарҳои халқиро медонед ва дар кадом минтақаҳои ҷумҳурӣ ташаккул ёфтаанд?

**Ҷадвали 19**

Натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳо ба саволи шашуми пурсишнома

| Синфҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Баҳо | Шумора | Синфи 5 | | | Синфи 6 | | | Синфи 7 | | |
| | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | | назоратӣ | озмоишӣ | |
| | | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** | бо% | ш | **бо%** |
| Хуб | Ҳафт адад | - | 5 | **7,2** | - | 4 | **6,1** | - | 8 | **10,9** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шаш адад | 1,4 | 13 | **18,6** | 3,1 | 15 | **22,7** | 5,4 | 21 | **28,7** |
| | Панҷ адад | 10,1 | 16 | **22,8** | 12,1 | 16 | **24,2** | 12,3 | 19 | **26,1** |
| Қано атбах | Чор адад | 15,7 | 15 | **21,4** | 15,1 | 13 | **19,6** | 16,4 | 11 | **15,3** |
| | Се адад | 17,1 | 9 | **12,9** | 19,6 | 10 | **15,1** | 26,1 | 6 | **8,2** |
| Суст | Ду адад | 22,8 | 6 | **8,6** | 21,2 | 6 | **9,2** | 16,4 | 4 | **5,4** |
| | Як адад | 27,1 | 4 | **5,7** | 27,2 | 2 | **3,1** | 23,3 | 3 | **4,1** |
| | Намедонад. | 5,7 | 2 | **2,8** | 1,5 | - | **-** | - | 1 | **1,3** |
| Ҳамагӣ | | 100 | 70 | **100** | 100 | 66 | **100** | 100 | 73 | **100** |

Дар ҳолати муайян намудани дониши хонандагон оид ба донистани марказҳои ҳунарҳои миллӣ дар ҷумҳурии мо дар соли хониши аввал хеле натиҷа паст буд. Баъди он, ки мо экскурсияҳо, устохонаҳои рассомон ва коллеҷҳои ҳунарҳои миллӣ, донишгоҳҳои олӣ ташкил намудем, фаҳмиши хонандагон оид ба ҳунарҳои мардумӣ ва марказҳои ҳунармандӣ зиёд гардид. Ба ғайр аз ин, бо кӯмаки саволнома мо якчанд маълумотҳоро аз шахсияти хонандагон ва аксари завқи оилавӣ дошта ба ҳунарҳои миллӣ, ҷамъ овардем. Маълумотҳои асосӣ дар вазъияти миқдорӣ баён шудаанд.

Ба хонандагоне, ки дар вақти таҳқиқот дар бораи ҳунарҳои халқӣ, жанрҳои санъати тасвирӣ, рассомони тоҷик, эҳтиром ба Ватан ва дӯстӣ омӯзонида шуд, натиҷаи хуб дода, барои ташшаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ хизмат кард. Таҷрибаи омӯзишӣ барои муайян намудани манфиати тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ дар намуди умумӣ чунин натиҷа дод. Афзоиши дониш, малака, маҳорат ва инчунин, хислатҳои ахлоқии хонандагон дар синфҳои озмоишӣ нисбат ба синфҳои назоратӣ афзалият дорад.

Маълумотҳои чунин санҷиш намоён аст, зеро онҳо аз имкониятҳои бузурги дарсҳои санъати тасвирӣ шаҳодат медиҳанд. Оид ба манфиати омӯзиши озмоишӣ мо метавонем аз нишондиҳандаҳои оморӣ, инчунин,

дар асоси маълумотҳо, ки аз хонандагон ва омӯзгорон ба воситаи корҳои таҷрибавӣ ва саволномаҳо ба даст оварда шудааст, муҳокима, ҳукм ва хулоса намоем.

Ҳангоми муайян намудани манфиати омӯзиши озмоишӣ, мо чунин натиҷаро ба даст овардем:

а) васеъ ҷорӣ намудани маводи махсусгирифташудаи иловагӣ, ки ба завқ ва қобилияти хонандагон мутобиқ мебошад, имкон додааст, ки манфиати зиёде, сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ таъмин менамояд, ба даст орад.

| **Гиреҳи ҳашти кунду тез** | **Гиреҳи даҳи кунду тез** |
|  | |
| **Гиреҳи дувоздаҳи кунду тез** | |

**Нақши омехта, зооморфӣ ва катибавӣ**

Нақши омехта нақши мураккаб буда, дар таркиби ҷузъиёти ҳар гуна нақшҳои ислимӣ ва гиреҳ омехта буда метавонад. Ба ғайр аз ин, дар шакли нақш боз дар сифати элементҳо ва навиштаҷотҳои гуногун аз ҳуруфоти арабӣ гирифта шуда, истифода бурда мешавад. Агар дар нақшҳои гиометрӣ ва ислимӣ маъно (сюжет) дар асоси таркиботи нишонаҳо баён карда шавад, дар нақши омехта, баъзе тасвирҳои сюжети ба даст ифода мегарданд.

Баъзе элементҳои нақши омехта наздик шудани устоҳои халқии тоҷикро ба тасвири реалӣ нишон медиҳад. Аммо дар ин мавридҳо ба ин тасвирҳо сайру хаёлоти баланди рассомон таъсир мерасонад ва онҳо қобиляти реалии худро иваз намуда, бо тобишхӯриҳо ва гардишҳо тобеъ мешаванд.



*Намунаи нақши омехта*

**Нақши зооморфӣ** – шакли ягон парранда, моҳӣ ё ҳайвон мебошад, ки ба таври сода ороиш дода мешавад. Номи ин намуди нақшро ҷонварнусха низ меноманд. Ин усул асосан ба эҷодкорӣ ва фантазияи эҷодкор вобаста буда, шаклҳои ҳайвонҳои гуногуни афсонавиро низ метавонад тасвир кунад.



*Намуди пештоқи Мадрасаи Шердор*



*Истифодаи унсурҳои зооморфӣ дар нақш*

**Нақши катибавӣ** – ҳарфӣ (арабӣ) буда, бо ин услуб асосан шеър, номи шахс ва ё оятҳои китоби муқаддаси Қуръон бо ҳарфҳои арабии махсуси катибавӣ ва ороишӣ тасвир карда мешаванд. Хусусияти ороишии ин усул дар он аст, ки дар вақти дидани нақши катиба он ҳам ба мазмуни эҷодшуда хонда мешавад ва ҳам ба ягон нақши ороишӣ (геометрӣ ё рустанигӣ) шабоҳат мегирад.




*Нақши катибавӣ, ислимӣ, рамзӣ.*

*Замимаи 3*

**Ташкил ва гузаронидани маҳфили эҷодкор**

**Тавзеҳот**

Санъати тасвирӣ ҳамчун фанни хусусияти зебоипарасти дошта дар инкишофи тафаккури бадеии хонандагон, ҳисси зебоипарастии онҳо нисбат ба зебоӣ, бедор намудани шавқу ҳаваси онҳо ба санъати аслии миллӣ нақши басо назаррас мебозад.

Берун аз дарс бо хусусиятҳои санъати миллӣ шинос шудани хонандагон, на фақат ба тарбияи зебоипарастӣ, балки барои дуруст фаро гирифтани касб ёрӣ мерасонад. Мақсад ва вазифаи маҳфили "Эҷодкор" хонандагонро ба фаҳмидан ва ҳис намудани зебогии табиат ва санъат водор намуда, муносибати зебоипарастии онҳоро нисбат ба ашёҳо ва ҳодисаҳои ҳақиқати муҳит тарбия менамояд. Хонандагон асосҳои тасвириро аз худ карда онро дар фаъолияти эҷодии худ истифода мебаранд ва хислатҳои бунёдкорӣ, хештаншиносӣ ва ватанпарварӣ ҳосил мешавад. Машғулияти маҳфил дараҷаи маълумотнокии хонандагонро баланд бардошта онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ тайёр менамояд.

Ба маҳфил хонандагони аз7 сола то 14 сола ҷалб кардан мумкин аст.

Барои беҳтар ташкил кардани кори маҳфил, пеш аз ҳама ташкили ҷои муносибати кор дар синфи равшан зарур аст.  Муаллим бояд ба рафтори эҷодкоронаи хонандагон ёрӣ расонад.

Машғулиятҳо дар як соли хониш 68 соат барои синфҳои ибтидоӣ, 136 соат барои хонандагони синфҳои 5-7 гузаронида мешавад. Барои синфҳои ибтидоӣ ҳафтае  як соат ду маротиба ва дар синфҳои V-VII ҳафтае  ду соат ду маротиба  ба нақша гирифта шудааст.

Низоми машғулияти маҳфил намудҳои зерини фаъолиятро пешбини намудааст:

1. **Фаъолияти тасвирии хонандагон:**

а) тасвири ҷузҳои алоҳида;

б) намудҳои нусхагирӣ;

в) кори мустақилонаи хонандагон, ки ба композитсия ва тобиши рангӣ (колорит) аҳамияти ҷиддӣ зоҳир мегардад;

г) азхудкунии назариявӣ – зебоипарастии эҷодиёти рассомони халқӣ.

**2. Азбарномаии асарҳои санъати тасвирӣ:**

а) намоиш ва таҳлили асарҳои рассомони халқӣ;

б) омӯзиши хусусиятоҳи ба худ хоси санъати тасвирии миллӣ;

в) дар раванди корҳои эҷодӣ таҳлил намудани асарҳо ва истифодаи мақсадноки коммпазитсияҳои махсус:

г) шиносоӣ бо ҳаёт ва фаъолияти рассомони халқӣ.

**3. Мақсади барнома.**

- ташаккули тафаккури образӣ;
- ташаккули салоҳиятҳои умумӣ вобаста ба эҷод;
- ташаккули малака ва маҳорат дар фаъолияти амалӣ;
- тарбияи дарки зебоипарастӣ;
- истифодаи дониши назариявӣ дар фаъолияти амалӣ;
- дар хонандагон тарбия намудани муҳаббат ва Ватан, ба санъати халқӣ;
-алоқамандии маҳфил бо дигар фанҳои таълимӣ ва таъсири он;
-муайян наммудани қобилияти эҷодии хонандагон ва тартиб додани профессограмма барои ҳар як иштирокчии маҳфил.

**4.Шакл ва усулҳои таълим**

Шакл – анъанавӣ (синфӣ-дарсӣ), салоҳиятнокӣ (тақсим намудан ба гурӯҳҳои хурд ва ғайра), семинарҳо, экскурсия.

Усул – шарпҳӣ-баёнӣ (суҳбат, ҳикоя), муаммоӣ-ҷустуҷӯӣ, қисман ҷустуҷӯӣ (ангезиши зеҳн), амалӣ, айёнӣ (намоиш, “мастер - класс”), дарс – бозӣ.

**5. Натиҷаҳои интизорӣ:**

Дар мағулиятҳо хонандагон бояд донишҳои соҳиб шаванд:

-таърихи тараққиёти санъати тасвирӣ;

-қоидаҳои ҷобаҷогузорӣ;
-мафҳумҳои асосии санъати тасвирӣ;
-ҷиҳати зебоии тасвир;
-тайёр кардани ҷойи корӣ;
-донистани истилоҳҳои зарурӣ доир ба санъати тасвирӣ.

**Дар охир хонанлагон бояд корҳои зеринро иҷро карда тавонанд:**

- тартиб додани ангора бо риояи асосҳои назм ва семантикаи тасвир;
- муайян намудани компазитсияи тасвир;
- мустақилона эҷод намудан;
- сохта тавонистани рангҳои зарурӣ;
- пайдо намудани маълумот дар бораи санъати тасвирӣ;
- ба нақшагирии кор.

**Қабули хонандагон ба маҳфил**

-Сӯҳбат бо волидон, назарсанҷӣ, ки ба воситаи он машӯулиятҳои дӯстдошта, бисёр вақт бо чӣ машғул шудан, шавқ, аҳамияти санъати тасвирӣ дар ҳаёт ва фаъолияти фарзандонашон муайян карда ммешавад;

-Аз тавсияи роҳбари синф, ки киро дар гурӯҳ нисбатан ба фаъолияти тасвирӣ қобилиятнок меҳисобанд;

-Аз сӯҳбат бо хонандагоне, ки мехоҳад дар маҳфил бо омӯзиши тасвиркунӣ машғул шаванд;

-Бо хоҳиши волидайн ва хонандагон;

-Қобилияти хонанда дар фаъолияти тасвирӣ.

**Нақшаи маҳфили "Эҷодкор" (барои синфҳои ибтидоӣ)**

| Т/р | Мавзӯи машғулиятҳо | Назариявӣ | Амалӣ | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муқаддима | 1 | | 1 |
| 2. | Тасвири давра | | 1 | 1 |
| 3. | Тасвир ва рангубори себ | 1 | 3 | 4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4. | Тасвир ва рангубори ангури ширин | | 4 | 4 |
| 5. | Тасвир ва рангубори офтоб | 1 | 3 | 4 |
| 6. | Тасвир ва рангубори дарахт | 1 | 5 | 6 |
| 7. | Тасвири паррандаҳои хонагӣ | 1 | 3 | 4 |
| 8. | Аз қоғаз сохтани муҷассамаи парранда ва ороиши он бо рангҳо (дар асоси бозии паррандае, ки ба масофаи дароз мепарад). | 1 | 7 | 8 |
| 9. | Суҳбат дар мавзӯъи афсонаҳои халқӣ ва тасвири он | 1 | 5 | 6 |
| 10. | Тасвири машинаҳои гуногун | | 4 | 4 |
| 11. | Тасвири кӯза ва аз гил ё пластилин сохтани он | 1 | 7 | 8 |
| 12. | Тасвири хона ва сохтани он бо картон | 1 | 7 | 8 |
| 13. | Саёҳат ва тасвири табиати зебои Тоҷикистон | | 8 | 8 |
| 14. | Ташкили намоиши корҳои эҷодии хонандагон | | 2 | 2 |
| | Ҷамъ: | 9 | 59 | 68 |

**Нақшаи маҳфили “Эҷодкор” (барои синфҳои V-VII)**

| № | Мавзӯи машғулиятҳо | Назариявӣ | Амалӣ | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муқаддима | 2 | | 2 |
| 2. | Тасвир дар мавзӯъи “Тобистонро чӣ хел гузаронидам” | | 6 | 6 |
| 3. | Тасвири шаклҳои соддаи геометрӣ ва штрихпӯшкунии он | 1 | 5 | 6 |
| 4. | Тасвири куб ва силиндри аз гаҷ рехташуда | | 8 | 8 |
| 5. | Тасвири пирамида ва параллелопипед аз гаҷ рехташуда | | 8 | 8 |
| 6. | Тасвири натюрморт бо анҷомҳои рӯзғор | 1 | 5 | 6 |
| 7. | Тасвири барги дарахт | | 4 | 4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 8. | Тасвири шохаҳои  дарахти гулаш шукуфта | 1 | 5 | 6 |
| 9. | Тасвири кӯза бо себ (натюрморт аз асл). | 1 | 5 | 6 |
| 10. | Тасвири гулҳои дар гулмонак буда (аз асл) | | 6 | 6 |
| 11. | Тасвири чойник ва пиёла (натюрморт аз асл) | 1 | 7 | 8 |
| 12. | Тасвири афсонаҳои халқӣ | 1 | 7 | 8 |
| 13. | Тасвир дар мавзӯъи “Мусобиқаи варзишӣ” | | 6 | 6 |
| 14. | Тасвири манзараҳои зебои Тоҷикистон | | 8 | 8 |
| 15. | Тасвири ҳайвонҳои хонагӣ | 1 | 3 | 4 |
| 16. | Тасври ҳайвонҳои даштӣ | | 4 | 4 |
| 17. | Тасвири ҷузъҳои  гаҷии сари одам (чашм, гӯш, лаб ва ғайра) | 1 | 11 | 12 |
| 18. | Тасвири чеҳраи одам аз асл | 1 | 7 | 8 |
| 19. | Тасвири андоми одам дар ҳаракат | 1 | 11 | 12 |
| 20. | Кори эҷодӣ дар мавзӯӣ озод | | 6 | 6 |
| | Намоиши корҳои хонандагон | | 2 | 2 |
| | Ҷамъ: | 12 | 124 | 136 |

*Замимаи 4*

**Нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ аз фанни санъати тасвирӣ**
синфи 5

| № | Сана | Мавзӯи дарс | Намуди дарс | Соат | Саҳ. китоб | Аёниятҳо ва адабиётҳои таълимӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | Олами зебоӣ дар асарҳои рассомон | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 4-7 | Китоби дарсӣ ва асарҳои рассомони ҷаҳон | |
| 2 | | Корҳои ороишӣ. Олами ҳайвонот | Ороишӣ | 1 | 8-9 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 3 | | Тасвири атрофи мактаб | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 9-10 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 4 | | Композитсия дар мавзӯи ҳунаромӯзӣ | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 10-12 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 5 | | Тасвири меваҳову баргҳо (натиюрморт) | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 12-13 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 6 | | Сохтани муҷассамаҳои парандагон | Гилкорӣ | 1 | 13-14 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 7 | | Тасвири меваҳо | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 14-16 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 8 | | Ҷамъоварии ҳосил | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 16-18 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ Асарҳои рассомони ҷаҳон | |
| 9 | | Манзараи тирамоҳи | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 18-19 | Китоби дарсӣ ва | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | заррин | | | | плакати таълимӣ | |
| 10 | | Расмкашӣ аз рӯйи нусхаи асл | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 19 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 11 | | Чеҳранигорӣ | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 19 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 12 | | Тасвири парандагон | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 20-21 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 13 | | Шаклсозӣ аз масолеҳи табиӣ | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 21 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 14 | | Сохтани авиамодел | Ороишӣ ва дизайн | 1 | 22 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 15 | | Ороиши графикӣ | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 23-24 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 16 | | Тасвири ангораи (суроби) ороиш | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 24-25 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 17 | | Рассоми эҷодкор Муруват Беканазаров | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 25-27 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ Асарҳои рассом | |
| 18 | | Ороиши арчаи солинавӣ | Ороишӣ | 1 | 27-28 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 19 | | Эҷодкорӣ дар мавзӯи земисто | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 28-30 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 20 | | Тӯҳфа ба рӯзи | Расмкашӣ аз | 1 | 30-31 | Китоби | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Артиши миллӣ | рӯйи мавзуъ | | | дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 21 | | Манзараи баҳор | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 32-33 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 22 | | Киштукори баҳорӣ | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 34 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 23 | | Корҳои ороишӣ | Ороишӣ | 1 | 35 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 24 | | Сӯҳроб Қурбонов | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 36 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ Асарҳои рассом | |
| 25 | | Эҷодкорӣ дар мавзӯи чавгонбозӣ | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 37-38 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 26 | | Натюрморт. Чойник ва пиёла | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 39 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 27 | | Корҳои ороишӣ. Кулолгарӣ | Гилкорӣ | 1 | 40-41 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 28 | | Тасвири мошинҳо | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 42-43 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 29 | | Гилкорӣ. | Гилкорӣ | 1 | 44 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 30 | | Тасвир аз рӯйи афсона | Ороишӣ | 1 | 45 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 31 | | Офаридани нақшҳои бадеӣ | Ороишӣ ва бадеӣ | 1 | 46 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 32 | | Натюрморти гулҳои рангоранг | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 47 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 33 | | Тасвири манзараи деҳа | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 48 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 34 | | Рассоми эҷодкор. Дар вақти холӣ. | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 49 | Намунаи корҳо | |

Синфи 6

| № | Сана | Мавзӯи дарс | Намуди дарс | Соат | Саҳ. китоб | Аёниятҳо ва адабиётҳои таълимӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | Таътили тобистонаи ман | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 68-69 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 2 | | Санъати нақшу нигор | Асосхои санъатшиносӣ | 1 | 69-71 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ Асарҳои рассом | |
| 3 | | Манзараи деҳа | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 72-73 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 4 | | Натюрморт аз меваҳо | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 73-74 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 5 | | Тасвири мева ва барг | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 75-76 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 6 | | Тасвири тирамоҳи заррин | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 76-78 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ. Асарҳои рассомон | |
| 7 | | Кашидани расм аз рӯйи афсона | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 79-80 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ. | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Асарҳои рассомони ҷаҳон | |
| 8 | | Тарроҳӣ | Ороиш ва дизайн | 1 | 81-82 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 9 | | Натюрморт аз сабзавот | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 82-83 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ муляҷ | |
| 10 | | Санъати тасвирӣ халқӣ тоҷик | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 84-87 | Асарҳои рассомон | |
| 11 | | Тасвир аз асл, дастархони ороста ва инъикоси он | Тасвир аз асл | 1 | 88 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 12 | | Амали ороишӣ | Ороиш | 1 | 89-90 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ. Плакати таълимӣ | |
| 13 | | Офридани пайкараи парандагон аз гил | Гилкорӣ | 1 | 91 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 14 | | Камолиддини Беҳзод | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 92-97 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ. Асарҳои рассомони ҷаҳон | |
| 15 | | Тасвири арчаи солинавӣ | Ороишӣ | 1 | 98-99 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 16 | | Тасвир аз асл (парандагон) | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 100 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 17 | | Тасвир аз асл (чойник ва пиёла) | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 100 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 18 | | Тасвир аз асл (асбобҳои дуредгарӣ) | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 101 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 19 | | Гилкорӣ дар | Гилкорӣ | 1 | 103 | Китоби дарсӣ | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | мавзӯи варзиш | | | | ва плакати таълимӣ | |
| 20 | | Ороиши нақшу нигори либоси идона | Ориш ва дизайн | 1 | 104 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 21 | | Эҷодкорӣ дар мавзӯи кайҳон | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 105 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 22 | | Аз гил сохтани пайкараи ҳайвонот | Гилкорӣ | 1 | 106 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 23 | | Композитсия дар мавзӯи Артиши миллӣ | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 107 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 24 | | Сохтани муҷассама аз гил | Гилкорӣ | 1 | 108 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 25 | | Муҷассамасоз ӣ ва тарроҳӣ дар Ороиши бадеӣ | Ороишӣ | 1 | 108-109 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 26 | | Кулолгарӣ | Ороишӣ бадеӣ | 1 | 110 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 27 | | Шаклсозӣ (модел) ва Ороиши он | Модел | 1 | 111 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 28 | | Эҷодкорӣ дар мавзӯи моҳидорӣ | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 112-113 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 29 | | Тасвири манзараи баҳор | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 114-115 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 30 | | Тасвири гулҳои баҳорӣ | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 116 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 31 | | Тасвири манзараи кӯҳсор | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 117 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 32 | | Тасвири кӯза ва гул | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 118 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 33 | | Сӯҳбат дар мавзӯи санъати | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 119-120 | Адабиёти меъморӣ | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | меъморӣ | | | | | |
| 34 | | Тасвири чеҳраи дӯстон | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 121 | Плакати таълимӣ | |

Синфи 7

| № | Сана | Мавзӯи дарс | Намуди дарс | Соат | Саҳ. кито б | Аёниятҳо ва адабиётҳои таълимӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | Санъати халқҳои ҷаҳон | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 3-9 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ Асарҳои рассомони ҷаҳон | |
| 2 | | Кашидани шаклҳои геометрӣ | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 10-11 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 3 | | Тасвири манзараи деҳа | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 12-13 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 4 | | Композитсия дар мавзӯи ҷамъоварии ҳосил | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 14 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 5 | | Натюрморти сабзавот | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 15-16 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 6 | | Тасвири рангҳои заррин | Расмкашӣ аз мавзуъ | 1 | 17-19 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 7 | | Натюрморти дастархони пурнеъмат | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 20-22 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 8 | | Корҳои Ороишӣ, навиштани шрифт | Ороишӣ | 1 | 23-25 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 9 | | Тасвири парвози парандагон | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 26 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 10 | | Сӯҳбат оид ба санъати тасвирии Шарқ | Асосҳои санъатшинос ӣ | 1 | 27-31 | Асарҳои рассомони | |
| 11 | | Санъати | Асосҳои | 1 | 33-38 | Асарҳои | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | давраи Эҳё (Ренессанс) | санъатшиносӣ | | | рассомон К.дарсӣ | |
| 12 | | Ороиши нақшу нигор | Ороишӣ | 1 | 39-40 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 13 | | Олами ҳайвонот | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 41 | Ҳайвонҳои хушк кардашудаи дарсӣ | |
| 14 | | Ороиши стендҳо ва намоиши асарҳои бадеӣ | Ороишӣ | 1 | 42 | Китоби дарсӣ асарҳои ороишӣ | |
| 15 | | Ороиши графикӣ | Ороишӣ | 1 | 43 | Китоби дарсӣ асарҳои ороишӣ | |
| 16 | | Ороишӣ тарроҳӣ дар муҷассамасозӣ | Ороишӣ | 1 | 47 | Асарҳои ҳайкалтарошон. Плакати таълимӣ | |
| 17 | | Ороишӣ солинавӣ | Ороишӣ | 1 | 48-49 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 18 | | Сӯҳбат оид ба санъати тасвирии халқи тоҷик | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 50-58 | Китоби дарсӣ асарҳои рассомони тоҷик | |
| 19 | | Манзараи зимистон | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 59-61 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 20 | | Корҳои Ороишӣ | Ороишӣ | 1 | 62-63 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 21 | | Санъати Рус | Асарҳои санъатшиносӣ | 1 | 64-71 | Таҷҳизоти техникӣ. мусаввараҳо | |
| 22 | | Ороиши бадеии газетаи деворӣ | Ороишӣ | 1 | 72 | Намунаҳои корҳо | |
| 23 | | Ба рӯзи Артиши миллӣ | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 73-74 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 24 | | Ангораи тасвири чеҳраи одам | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 75 | Чеҳраи одам | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 25 | | Ангораи Ороиши идонаи 8 - март | Ороишӣ | 1 | 76 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 26 | | Эҷодкорӣ дар мавзӯи афсонаҳо | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 77 | Китоби дарсӣ плакати таълимӣ. Асарҳои рассомон | |
| 27 | | Композитсия дар мавзӯи кайҳон | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 80-81 | Плакати таълимӣ | |
| 28 | | Ороиши интерйер | Ороишӣ | 1 | 82 | Китоби дарсӣ плакати таълимӣ. Асарҳои рассомон | |
| 29 | | Тасвири манзараи баҳор | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 83-85 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 30 | | Натюрморт | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 86-87 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 31 | | Тасвири манзара | Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ | 1 | 88-89 | Китоби дарсӣ ва плакати таълимӣ | |
| 32 | | Сӯҳбат дар мавзӯи санъати наққошӣ, гулдӯзӣ ва гулбофӣ | Асосҳои санъатшиносӣ | 1 | 90-92 | Адабиёт оид ба нақшу нигори гулдӯзӣ | |
| 33 | | Натюрморт. Тасвири гулҳои рангин | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 93 | Плакати таълимӣ | |
| 34 | | Оройиши интерйер. Дар вақти холӣ. Осори рӯйи санг | Расмкашӣ аз рӯйи асл | 1 | 94 | Плакати таълимӣ | |

**Нақшаи тақвимии тасвирӣ барои синфи 5**



## Нақшаи тақвимии тасвирӣ барои синфи 6



**Нақшаи тақвимии тасвирӣ барои синф- 7**



*Замимаи 5*

## Истилоҳоти соҳавӣ (голосарий)

**Автопортрет** – мусаввараест, ки дар он рассом акси худро тасвир кардааст.

**Акварел** (фаронс.)- рангест (одатан ширешдор), ки дар об ҳал шуда, бо об ба осонӣ шуста мешавад. Хусусияти асосии расмҳои бо акварел кашидашуда равшании ранг буда, хосияти коғаз ва тозагии вай аз байни он намудор шуда меистад.

**Андозаи сегона**- ба таври дигар онро «абъоди сегона» меноманд. Ин истилоҳ се андозаро дар назар дорад: арз, тӯл, заҳомат, яъне, дарозӣ, бар, ғафсӣ. Ин андозаҳо дар асарҳои муҷассамасозӣ, санъати ороишӣ ва рассомӣ ба назар мерасад.

**Анималист –** рассомеро меноманд, ки дар кашидани расми ҳайвонот мутахассис аст.

**Ансамбл** (фаронс.)– мутаносибии таркибии ташкилкунандаи як воҳиди яклухти композитсионӣ. Дар санъати тасвирӣ, мусиқӣ, меъморӣ васеъ истифода мегардад. Масалан, ансамбли Регистони Панҷшанбе, ансамбли Регистони Самарқанд.

**Аппликатсия**- асари бадеие мебошад, ки бо роҳи часпондан, дӯхтани коғаз, матоъ ва маводҳои дигар ба болои маводи якранга ва ҳархела иҷро карда мешавад.

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд дорад. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Барелеф**-нақши нимбарҷаста, тасвири нимбарҷаста. Нақш ё тасвирест, ки аз сатҳи замин ба миқдори нисфи ғафсии (ё баландии) ашёи мавриди тасвир берун ҷастааст. Масалан, тасвири нақши чизе дар рӯйи санг, оҳан ва чӯб.

**Баҳодиҳӣ**–ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Блик – (партав, дурахш) –** ҷойи аз ҳама равшан, баъзан дурахшонии рӯйи ашёи тасвиршавада.

**Велюр** (фаронс.) – газвори махмалшакли ғафсе, ки дар зардӯзӣ истифода мегардад.

**Галерея (**нигористон) - осорхонаи рассомӣ-бадеӣ.

**Гаммаи рангҳо** (Гамма цветов) – силсилаи тобишхои мутаносибан пайвастаи ранг аст, ки барои эҷоди асари бадеӣ истифода мешавад.

**Гаҷ (**гипс) – санги маъдании махсус, ки онро дар бинокорӣ ба кор мебаранд. Бо он деворҳоро андова карда, муҷассамаву нақшҳои қолабиву кандакорӣ низ месозанд.

**Гералдика** (лот.) – тамғашиносӣ, соҳаи омӯзиши нишонҳо ва ҷиҳатҳои ба худ хоси таърихӣ. Дар санъати тасвири акс кунондани нишонҳо.

**Гил**-ҷинсҳои таҳшини мулоиманд, ки аз минералҳои гилин таркиб ёфтаанд. Гил барои тайёр намудани маснуоти сафолин истифода бурда мешавад.

**Гиреҳ** – навъи нақш, ки аз шаклҳои геометрии композитсионӣ ҳосил мегардад.

**Графика** (юнонӣ) – навъи санъати тасвирӣ. Литография, гравюра, офорт, плакат, дастгоҳ, китоб, графикаи истеҳсолӣ барин навъҳояш мавҷуд аст.

**Гуаш-** ранге, ки дар об ҳамроҳи ширешу белил омехта карда шудааст. Он асосан барои кашидани расмҳо дар коғаз, шоҳӣ ва ғайра истифода мебаранд, ки вай ба расм ранги хира медиҳад.

**Дизайн** (анг. design – нақша гирифтан, лоиҳа кашидан) – маводи мухталиф, интерйери биноҳо, аз нигоҳи бадеӣ ҷойгирсозии либосу воситаҳои техникӣ.

**Дизайнер** – дизайнер, рассомӣ лоиҳакаш, мутахассиси дизайн. Рассоме, ки борои истеҳсоли ашёи саноатӣ хусусияти маводро ба назар гирифта, ба он шакли зебо мебахшад ва мекӯшад, ки дар истифода низ мувофиқ бошад.

**Дурнамо-** намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар ашё чӣ қадар аз назари мо дур бошад, ҳамон қадар хурд ба назар мерасад, ҳар қадар ба мо наздик бошад, ҳамон қадар калон менамояд. Навъи дигари дурнамо дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор мегирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ин хосият муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Жанр** -аз калимаи франсавӣ гирифта шуда, ба гуруҳҳо тақсимшавии ҳамаи намудҳои санъатро меноманд, ки таърихан сурат гирифтааст. Масалан, дар санъати тасвирӣ асарҳо дар мавзуъҳои маишӣ, чеҳранигорӣ, манзаранигорӣ, натурморт ва ғайра.

**Замина** - мавод (материал), яъне, матоъ, коғаз, картон ва сафол, ки рӯйи он расм мекашем, санг, фулуз, чӯб, гаҷ ва ғайра, ки рӯйи он кандакорӣ мекунем.

**Ибодатхона** – номи умумии биное, ки ибодати динӣ гузаронда мешавад. Дар ҳар як дин номи хоссаи ибодатхонаҳо мавҷуданд: дар насрониён – собор, калисо, костел, кирха; дар ислом – масҷид; дар иудаизм – синагог номида мешавад. Дар мамлакатҳое, ки буддизм

ҳукмронӣ мекунад, ибодатхона бо номҳои мухталиф баён мегардад. Дар Ҷопон – тора, дар Шриланка – вихара, дар Муғулистон – хуре, дар Бурятистон – датсан ва ҳоказо. Дар ҳар як дин ҷое, ки қавмҳо бо Худо мулоқот менамоянд, ҳамчунин ибодатхона маънои зиёдро ифода месозад. Масалан, дар насрониён ва бутпарастон ибодатхона модели кайҳонии тарафҳои дунёро инъикосгарро ба хотир меоварад. Меъморӣ, нақшу нигор ва ороиши он ба қонуну қоидаҳои дини муайян қатъӣ риоя менамояд. Ибодатхонаи динии ҳар як мамлакат қатъи назар аз қоидаҳои қатъии меъморӣ ба қиёфаи миллии худ молик аст ва ҳамчунин ба сифати дурдонаи меъморӣ ҳиссае бар хазинаи умумии маданӣ мебошад.

**Иллюстратсия** (юнонӣ)– тасвирест, ки барои фаҳмонда додани ягон ҳодиса ва ё ягон матн кашида мешавад.

**Импрессионизм** (юнонӣ) – дар охири садаи XIX ва аввали садаи XX маҷрои бадеие, ки дар Аврупо, алалхусус дар санъати тасвирии Фаронса ба вуҷуд омадааст. Вакилони он бо рангҳои хосса таассуроти худро баён сохтаанд. Импрессионизм дар пайкаратарошӣ, мусиқӣ, театр ва меъморӣ истифода гардидааст.

**Интерйер**-ороиши бадеии меъморӣ буда, барои зебу зиннати дохили мактабҳо, синфҳо ва биноҳо истифода мешавад.

**Инъикоси мусовӣ**-яке аз тарзҳои тасвир. Дар муқобили худ айнан такрор шудани нақш ё тасвир. Яъне, ба шакли симметрӣ рӯ ба рӯйи ҳамдигар қарор гирифтани якхела ё қисматҳои якхелаи нақш.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Квадрат** (лот., арабӣ) – чоркунҷаи тарафҳояш баробар ва ин хаҷм дар санъати тасвирӣ ҳам истифода мегардад. Аз он бештар дар наққошӣ истифода мебаранд.

**Колорит** (обуранг, тобиш)-хусусияти умумии рангҳо, таносуби ҳамаи рангҳо ва ҷилоҳои он дар асарҳои бадеӣ, ки ягонагии эҳсоси рангҳоро ба вуҷуд меоранд.

**Композитсия**-тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷо ба ҷо гузоштани бузургии шаклҳои асосӣ ва иловагӣ дар шакли интихоб кардашуда.

**Конструксия** - аз калимаи лотинии constictio- тартиб додани асари бадеӣ, яъне дар алоқамандӣ ҷо ба ҷо гузоштани бузургии шаклҳои асосӣ мебошад.

**Корвонсарой** – ҳавливу ҷое, ки дар Шарқи Наздик, Осиёи Миёна, Қафқоз дар роҳҳои савдо ба мақсади фароғату истироҳат сохта шудаанд. Корвонсаройҳо аз қадим мавҷуд буда, маҳсусан дар садаҳои IX – XVIII дар бобати ривоҷи шаҳрҳо, пурзӯр гардондани тиҷорат байни давлатҳо васеъ паҳн гардидааст. Бисёр вақт корвонсаройҳо аз ҳавлии дохила, атрофаш аз биноҳои як-ду ва баъзан сеошёна иборат будааст. Қабати аз ҳама поёнӣ вазифаи саисхона ва анборро ба ҷо овардаанд. Хонаҳои дар қабатҳои болоӣ ҷойгиршуда вазифаи истироҳаткуниро ба ҷо овардаанд. Корвонсарой аз работ ва ансамбли меъмории ба худ хосе, ки якчанд биноҳоро бо ҳам муттаҳид сохтааст, иборат буд. Корвонсаройҳо ҳам азбаски вазифаи ҷамъ кардани аҳли ҷамъиятро дошт, аз ҷиҳати меъморӣ хуб сохта шуда, бо нақшу нигори мухталиф оро дода шуда, дар якҷоягӣ бо бозор, қатори дӯконҳо ансамбли ба худ хоси меъмориро ба вуҷуд овардаанд.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Кубизм** (фаронс.) – маҷрои бадеие, ки дар аввали садаи XX дар соҳаи санъати тасвирӣ ба миён омадааст. Мувофиқи он мусаввирон

сохти ашёҳоро барои бо шакли оддии геометрӣ ҷудо тасвир кардан ҳаракат намудаанд.

**Кулолӣ**-аз калимаи юнонии «керамос»-«гил», ки номи яке аз маҳалҳои Афина мебошад ва дар он ҷо кулол - Керамик зиндагӣ мекарданд, ба вуҷуд омадааст. Аз он баъд «кулолӣ» (як навъи санъат)-маснуоти аз гили сӯхташуда пайдо шудааст.

**Кундал** (наққошии сатҳӣ) ба воситаи гил нақша ё манзарае кашида мешавад, баъдан онро бо қабати тунуки зарҳалӣ (тиллоӣ) мепӯшонанд. Дар аксар мавридҳо бандҳои наққоширо бо лойи сементӣ рӯйдавон намуда, онро бо лаки тиллоранг оро медиҳанд.

**Лавҳи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ –ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менавиштанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Мақбара** (арабӣ)– бино-мақбарае, ки дар болои қабр гузошта мешавад. Дар дини мусулмонӣ дар болои қабр сохтани ягон бино, гузоштани санг манъ гардидааст. Лекин аз садаи IX эътиборан сохтани мақбара ба ҳукми анъана даромадааст. Дар асрҳои минбаъда, асосан дар болои қабри шоҳон, рӯҳониёни бузург мақбараҳои ҳашаматнок сохта шуданд. Мақбараҳои Сомониён дар Бухоро, Султон Санҷар дар Марв ва ансамбли Шоҳи Зинда намунаҳои асосии ана ҳамин мақбараҳоро ташкил медиҳанд.

**Макет** (фаронс.)– намунаи аввалаи хурдҳаҷми анҷоми оянда (бино, китоб).

**Мақсади таълим**– мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Манзаранигорӣ**- як навъи санъати рассомист, ки дар он манзараҳои гуногуни табиат ва шаҳру деҳот тасвир мешавад. Рассомеро, ки чунин расмҳои манзаравиро меофарад, манзаранигор меноманд.

**Манора** (арабӣ)– Иншооти баланде, ки дар меъмории Шарқ васеъ истифода гардидааст. Барои мисол Манораи Калони Бухоро.

**Маркази тарҳ** (ё тасвир) -тасвири симо, пайкар ё ашё, ки нисбат ба унсурҳову ҷузъиёти дигари мусаввара бештар таъкид шудааст ва дар сохти мусаввара мавқеи марказӣ дорад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Метод** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Минбар** (арабӣ) – Ҷойи махсус дар муассисаҳои расмӣ барои хондани маърӯза. Дар масҷиди мусалмонон ҷойи баланд, ки имом вазъ мехонад. Ҳардуяш ҳам баробари ба ҳисоб гирифтани намуди эстетикии интерери бино сохта мешавад.

**Мозайка**-як навъи санъати монументалӣ ва амалии ороишист, ки ба тоҷикӣ хотамкорӣ меноманд ва дар ҳунари тоҷикон аз қадимулайём маъмул аст. Осори хотамкорӣ бо истифодаи маводи мухталиф аз қабили кошиҳои гуногунранг, сангҳои ранга ва ғайра офарида мешавад. Хотамкорӣ дар осори меъмории Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Панҷакент ва дигар шаҳрҳои қадимаи мо ба таври фаровон истифода шудааст.

**Муқова** (форсӣ) – қисми берунае, ки маҳсулоти ноширӣ-китоб, мураққаъ, маҷалла, дафтар ва ҳамин қабилҳоро яклухт пайваст мегардонад.

**Муҳаррир** (арабӣ) – шахсе, ки матнро ба тартиб меоварад, муҳаррири бадеӣ, аз нигоҳи бадеӣ-эстетикӣ тақдири китобро ҳал мекунад.

**Мусаввара** (картина) - ин асари санъати тасвирии дастгоҳӣ буда, мақсадро чуқур ва ҳақиқатнигорона таҷассум мекунад. Мафҳуми мусаввара, пеш аз ҳама ба асарҳои характери сюжетӣ дошта мувофиқ меоянд, ки асоси онҳоро тасвири амалиёти одамон ва ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

**Навиштаҷоти сулс** – яке аз ҳафт намуди навиштаҷот. Дар пештоқ, манора ва деворҳои биноҳои қадимаи шарқона аз Қуръон порчаҳо, навиштаҷотро аз ҳадисҳо истифода бурдан.

**Наққошӣ**-як намуди фаъолияти тасвирист. Ин гуна асарҳо ба воситаи рангҳое, ки ба болои чизе мемоланд, сохта мешаванд.

**Нақша**-дар санъати тасвирӣ аксаран маънии «мавқеъ»-ро дошта, тарзи ҷойгир кардани ашёи мавриди тасвирро дар сатҳи мусаввара ифода мекунад. Он чӣ дар қисмати пеши мусаввара тасвир шудааст, мавқеи аввал, он чӣ дуртар тасвир гардидааст, мавқеи сонӣ ё мавқеи дувум ном мегирад ва амсоли он.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Нақши муқаррар** - нақши такрор, нақше, ки аз ибтидо то интиҳо бо тамоми унсурҳои худ айнан такрор мешавад ва тарҳи мукаммали ороиширо ба вуҷуд меорад. Масалан, ҳошия ё шероза ба ҳамин тариқ ҳосил мегардад, ин истилоҳро ба русӣ «раппорт» гӯянд.

**Намоиши бадей** (выставка)- ташкили намоиши махсуси корҳои эҷодии рассомон, ҳайкалтарошон, наққошон ва дигар ходимони санъати тасвирӣ мебошад.

**Натура** (асл)-дар санъати тасвирӣ ҳама гуна ҳодиса, воқеа ва ашёе, ки рассом бевосита аслро мушоҳида намуда тасвир мекунад, натура (асл) номида мешавад. Ҳамчун қоида фақат этюд, расмҳои хомакӣ, лавҳа, портрет ва баъзан пейзажро аз асл мекашанд.

**Натурморт** - аз калимаҳои франсавии «натур» - табиат ва «морт» - мурда. 1. Табиати мурда. 2. Мусавварае, ки меваю ашё ҷинсҳои берӯҳу беҷонро тасвир менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълимиест, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Орнамент**-аз калимаи лотинии «орнаментум»- «ороиш» гирифта шуда, маънояш нақшу нигор мебошад, ки ба мунтазам ивазшавию пайвастшавии унсурҳои геометрӣ ва тасвирӣ асос карда шудааст. Вазифаи асосии нақшу нигор ороиши рӯйи ашёҳо ва нишон додани шакли онҳост. Дар замонҳои қадим нақшу нигор нақши расму оин ва муъҷизакориро низ адо менамуд. Якчанд намудҳои нақшу нигор мавҷуд аст: геометрӣ, набототӣ (растанигӣ) ва ғайра. Ҳар як давр, ҳар як халқу миллат системаи нақшу нигори худро ба вуҷуд овардааст. Аз рӯйи нақшу нигор ҳам давр ва ҳам миллати ба вуҷуд овардаи онро бехато муайян кардан мумкин аст.

**Палитра** (фаронс.) - тахтачае, ки рассом дар болои он рангҳои тозаи худро мегузорад, ҳангоми кор онҳоро бо ҳам омехта мекунад, то ки ранги лозимаро ҳосил намояд. Анҷоме, ки мусаввирон барои

истифодаи ҳосил кардани ранг истифода мебаранд, тахтачаи сатҳаш ноҳамвор. Дар он рангҳои тоза ҷойгир карда мешавад. Рассом ҳангоми расмкашӣ бо ёрии мўйқаламҳо аз рангҳо кам - кам гирифта, ба якдигар омехта сохта, ранги барояш мақбулро омода месозад ва дар ҷойи даркорӣ истифода мебарад. Навъҳои рангҳое ҳам, ки мусаввир истифода мебарад, палитра номида мешавад. Масалан, палитраи мусаввир хеле бой аст.

**Панно** – тасвири **монументалӣ** дар девор**.**

**Пейзаж**-калимаи франсузии «пейзаж» маънои «табиат»-ро дорад. Дар санъати тасвирӣ жанреро чунин меноманд, ки ба азнавбарқароркунии табиат бахшида шудааст.

**Пероя** - ороиш ва зинатҳои заргарии занону духтарон аз қабили гўшвора, ангуштарин, дастпона, сўзани қубба, гули сина ва ғайра. Ҳамаи инро peroяҳои занона мегўянд.

**Перспектива** (фаронс.) – мувофиқи идроки биноии инсон тасвир кардани анҷом дар ҳамкории сурат.

**Пешток** – қисми пеши бино. Одатон онҳо серҳашам оро дода мешаванд.

**Портрет** (симо)-ба ин жанр асарҳои санъати тасвирӣ, ки дар онҳо симои одами алоҳида ё гурўҳи одамон акс ёфтаанд, дохил мешавад.

**Портфолио** – аз калимаи итолиёӣ гирифта шуда, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кўшиши ўро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳо)-и ўро аз рўйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд, мебошад.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Пуантилизм** (фаронс.) – маҷрое, ки дар охири садаи XIX ба миён омадааст. Мусаввирон бо кӯмаки рангҳои тоза, доғҳо суратҳо кашидаанд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Ранг**-воситаи асосии таъсирбахши расм. Ба рассом лозим аст, ки ранг, ҷило ва мувофиқати онҳоро ба тезӣ ҳис кунад ва илмеро, ки рангшиносӣ меноманд, аз худ намояд. Ба ин ё он ранг баҳо дода, баъзан калимаи «гарм» ё «хунук»-ро истифода мебаранд. Ба гурӯҳи «гарм» рангҳои сурх, норинҷӣ, зард ва ба гурӯҳи «хунук» рангҳои осмонӣ, кабуд, бунафшро дохил мекунанд.

**Рангоб** - маҳлули оҳармонанд, ки аз гилмоя ҳосил мекунанд. Он ба сатҳи ашёи сафолӣ молида мешавад. Ин маҳлул бо мақсади пинҳон кардани ранги гили зарф ва тайёр намудани заминаи рангмолӣ истифода мешавад. Он сафеди тирарang аст.

**Расм** - тасвир ва кашидани расм дар сатҳ намудани асосии графика мебошад. Ин бо ёрии хатҳои контурӣ, раххо, доғҳои равшану хира бо як ё якчанд ранг асосан дар қоғаз иҷро карда мешавад; бо қалам, перо, мӯқалам, ангишт ва ғайра кашида мешавад. Хелҳои асосии расмҳои бадеӣ: расмҳои дастгоҳӣ, эскиз, тасвир аз рӯйи асл ва ғ.

**Расми хомакӣ** (набросок) - расмҳои начандон калонҳаҷм, сатҳӣ ва тез кашидаи рассом аст. Вазифаи асосии расмҳои хомакӣ- мушоҳидаҳои ҷудогонаро қайд кардан аст; хусусияти таносуб ва ҳаракат, хусусияти муносибат ва мутобиқату алоқамандии рангҳо.

**Расмкашӣ аз рӯйи мавзуъ**-расмкашӣ дар мавзӯи додашуда.

**Реализм** (лот.)– ҷараён дар санъат, самти эҷодӣ. Дар санъати тасвирӣ ҳастиро мушаххас тасвир кардан.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводи иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо

ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде аст, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Санъати ороишӣ- амалӣ** (дастӣ)- санъати сохтани ашёи маишӣ, ки дорои сифатҳои эстетикӣ - бадеӣ мебошад ва натанҳо барои қонеъ гардонидани талаботи бевоситаи зиндагӣ, балки барои ороиши хонаҳо, сохтмонҳои меъморӣ, боғҳо ва ғайра истифода мешаванд.

**Синтез** (лот.)– якчанд навъи санъат, усулҳояшро якҷоя карда истифода бурдан.

**Сияҳқалам** - тасвирҳое, ки бо қалам ё истифодаи ранги сиёҳу туш нигошта мешаванд (графика).

**Сохтан**- гил ё пластилин маводи хубе барои сохтан мебошанд. Онҳоро бо ҳаракати камтарини панҷаҳо тағйир додан мумкин аст. Бо панҷаҳо кор карданро одат намудан муҳим аст, зеро панҷаҳо асбоби беҳтарин ва ивазнашаванда мебошанд. Белчаро (тахтачаи чӯбини нӯгаш ҳамвори гуногуншакл) танҳо барои кор кардани қисмҳо истифода баред. Корҳои нотамомро бо латтаи тар пӯшонидан лозим аст.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, равиши дарси фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стилизация** (лот.)– сода гардондани шаклҳои табиӣ, бадеӣ гардондани онҳо.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Тазод**- яке аз воситаҳои ифодаи бадеӣ дар санъати рассомӣ, ки ба василаи он бархӯрди таъсирбахши сояву равшанӣ, тазоди рангҳои тираву назаррабо ҳосил мегардад.

**Таносуб** (пропорсия)-муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он. Дар расмкашӣ риоя намудани таносуб (пропорция) аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахширо ташкил медиҳад.

**Тарроҳии бадеӣ** - навъи фаьолияти ҳунарӣ, ки аз таҳияи тарҳи маҳсулоти саноатии дорои хосиятҳои эстетикӣ иборат аст ва ба ибораи дигар дизайн гӯянд. Шахсе, ки чунин амалро анҷом медиҳад, тарроҳ меноманд.

**Тарсим** - амали расмкашӣ. Ин амал пеш аз рангубори расм анҷом дода мешавад.

**Тартиб додани нақшаи бадеӣ** (дизайн - зебосозӣ) -намуди фаъолияти бадеӣ буда, маснуоти саноатиро, ки хусусияти эстетикӣ дорад, ба нақша мегирад.

**Таносуб** (пропорсия) - муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯи бузургии он.

**Тотем** (анг.) – тасвирест, ки ҳайвон, рустанӣ ё худ ҳодисаи табиатро ифода месозад. Барои мисол нишони қабилаҳои қадима аз тасвири ҳайвон.

**Фломастер** - асбоби хатнависӣ ва расмкашӣ мебошад, ки рангаш аз дохили он ҷорӣ мешавад.

**Фовизм** (фаронс.) – равияи санъат, ки дар аввали садаи XX ҳамчун «ёбоиён» ном гирифтааст. Вакилони он усулҳои реалистиро инкор карда, барои бо тарзи усули содда, як қадар санъӣ ва декоративӣ тасвир кардан ҳаракат намудаанд.

**Фон** - қафои фазоии нақшаи расм.

**Фрагмент** (фаронс.)– порча, як қисми асар.

**Хатти уфуқ** – хатти уфуқие, ки ҳамвории расмро аз қисми осмон ва замин чудо мекунад.

**Хонақоҳ** – хонаи калони масҷид, ки барои бисёр шуда намоз хондан таъин гардидааст. Хонақоҳ дар масҷиду корвонсаройҳои деҳаҳо ҳам мешавад. Хонаеро, ки эшон бо сӯфиён мулоқот мегузаронад, хонақоҳ номидаанд.

**Штрих** - хате, ки рассом бо як ҳаракати даст мекашад.

**Экспозитсия** (лот.) – осори атиқа, анҷом, сурат, ки ба осорхона, намоишгоҳ гузошта мешаванд.

**Эмблема** (юнонӣ) – ягон ғоя, шакли тасвири ҳаракат, ҷамъият, ташкилот, корхона ва ҳоказо.

**Эскиз** - калимаи франсузӣ буда, маънои "омӯзиш"-ро дорад. Дар санъати тасвирӣ асари бо мақсади омӯзиши он аз тарафи рассом иҷро кардаро меноманд.

**Эстетика**-калимаи юнонӣ буда, маънояш "эҳсос" мебошад. Илме, ки муносибати қимати эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад, меомӯзонад.

**Этюд** - калимаи франсузӣ буда, маънояш "пешакӣ" мебошад. Расме, ки мақсади асари бадеӣ зуд ва ё тез ба тарзи хомакӣ кашида мешавад.

**Эҷодиёт** - фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарққунандаи беназир, оригиналӣ, нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст

*Замимаи 6*

**Пурсишнома**

Ном, насаб, номи падар_______________________________________

Хонандаи синфи______ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №____

Ноҳияи___________________________________________вилояти Суғд

Саволи 1. Дар кадом намуди санъати тасвирӣ машғул Шудан ба Шумо писанд аст?

Ҷавоб:______________________________________________________________

______________________________________________________________________

Саволи 2. Шумо кадом рассомони халқиро мешиносид?

Ҷавоб:______________________________________________________________

______________________________________________________________________

Саволи 3. Бо кадом намуди ҳунарҳои миллӣ Шумо мехостед, ки машғул бошед?

Ҷавоб:______________________________________________________________

______________________________________________________________________

Саволи 4. Ҳунарҳои халқӣ оё дар манзили зисти Шумо вуҷуд доранд ва кадомҳо?

Ҷавоб:______________________________________________________________

______________________________________________________________________

Саволи 5. Чӣ гуна асарҳои рассомонро, ки ифодагари мавзӯъҳ “Ваҳдат”, “Дӯстии халқҳо”, “Муҳаббат ба Ватан”, “Дӯст”, “Меҳнат” ва ғайра аст, медонед?

Ҷавоб:______________________________________________________________

______________________________________________________________________

Саволи 6. Оё Шумо марказҳои ҳунарҳои халқиро медонед ва онҳо дар кадом минтақаҳои ҷумҳурӣ ташаккул ёфтаанд?

Ҷавоб:______________________________________________________________

______________________________________________________________________